

# ХОНУМЕ ДАР РЕГЗОР

КОБО АБЭ









**К о б о   А б э**

# ХОНУМЕ ДАР РЕГЗОР



Душанбе
«ЭР-граф»
2019

ББК 83.35 + 83.5 Япон
А–17

Тарҷума аз забони русӣ – **Абдуғаффор Қурбонов**

Тарҷумаи асари бадеӣ зери назари
**Шамсиддин Солеҳов, профессор, доктори илми филология**
ба нашр омода шудааст.

Муҳаррир: **Саидаҳмади Қурбони Хиёбонӣ**

Мусаҳҳеҳ: **Ардашери Мирзозода**

Чопи компютерӣ: **Ардамеҳри Абдуғаффор**

**Кобо Абэ**. Хонуме дар регзор. Роман. Душанбе: «ЭР-граф», 2019, – 220 саҳ.

Романи нависандаи Ҷопон Кобо Абэ

Кобо Абэ ҳамчун суханвари барҷаста, устоди таҳқиқоти психологии идрок ва яке аз пешвоёни равияи пешоҳангӣ дар санъат дар ҳавзаҳои гуногуни адабиёти ҷаҳон эътироф ва шинохта шудааст.

Ин китоб дар бораи ҳодисаҳои бедарак ё гумшавии одамон, ки аксаран ба фоҷеа табдил меёбанд, дилсардӣ, дунёбезории онҳо, ҳаёти сангину қашшоқонаи аҳли деҳот, ки аз назари мақомот берун мондааст, кӯшишу талошҳои такрор ба такрори қаҳрамонони асар ҷиҳати дарёфти роҳу воситаҳо барои халосӣ ёфтан аз асирию ғуломӣ, азобу уқубати тоқатнопазири онҳо дар муҳит ва шароите, ки умр ба сар мебаранду хеле даҳшатноку боварнокарданӣ аст, нақл мекунад.

Романи «Хонуме дар регзор» – ин нақлест аз забони қаҳрамони асар, муаллими мактаби миёнаи шаҳр, ки дар давраи рухсатиаш ба деҳае меравад ба доми сокинони он афтида, азобу уқубати зиёде мекашад ва хонандаро бо худ ба ин олами пурасрору дарднок мебарад…

ISBN 978-99975-78-11-2

© Кобо Абэ, 2019

## Адибе, ки шӯҳрати устоди таҳкиқоти психологии идрокро исбот намудааст

Рости гап, агар зимни иншои ин сатрҳо исрор намояму, гӯям, ки аз ҳад зиёд дӯстдор ва муштоқи адабиёти бадеии Ҷопон ҳастам, андаке ба муболиға роҳ хоҳам дод ва ин таърифу тавсифе беш нахоҳад буд. Зеро баъди тарҷума ва нашри яке аз романҳои нависандаи машҳури ин кишвар – Рю Мураками «Ҷанг дар он сӯи баҳр оғоз меёбад» (то ин замон ҳикояҳо ва қиссаҳои ду нависандаи барҷастаи Ҷопонро низ тарҷума карда будам) ният доштам, ки ба асарҳои адибони дигар мамлакатҳои олам рӯ оварам.

Вале дар яке аз рӯзҳои баҳори соли равон дӯст ва шарикдарси худ профессор, доктори илми филология Шамсиддин Солеҳовро вохӯрдам ва зимни мулоқот ӯ аз ман хоҳиш кард, аниқтараш бароям тавсия дод, ки романи нависандаи барҷастаи Ҷопон Кобо Абэ «Хонуме дар регзор»-ро тарҷума ва ба ҳаводорони осори бадеӣ пешкаш намоям. Ба андешаи номбурда, романи «Хонуме дар регзор» яке аз асарҳои беҳтарини на танҳо ин нависанда, балки адабиёти нимаи дуюми асри гузаштаи Ҷопон ба шумор меравад. Баъди ин мулоқот ва тавсифоту ташвиқи қаноаткунандаи дӯстам, ман тасмим гирифтам ва тавре мебинед, бо пешниҳоди чанд ҷумлаи шогирдонаи пешгуфтор романи мазкурро бо забони тоҷикӣ ба дӯстдорон ва ҳаводорони насри Ҷопон манзур намудам.

Кобо Абэ (ҷоп. 安部公房 Абэ Ко:бо:), номи ҳақиқии ӯ – Абэ Кимифуса; 7 марти соли 1924, Кита, Токио, Империяи Ҷопон – 22 январи соли 1993, Токио, Ҷопон) – нависандаи барҷастаи Ҷопон, драмматург, сенариянавис, яке аз

пешвоёни баъдиҷангии равияи пешоҳангӣ дар санъат ба шумор меравад.

Кобо Абэ 7 март дар ш. Кита ба дунё омадааст. Кӯдакӣ ва наврасии вай дар Манҷурия гузаштааст. Дар он ҷо падари вай дар факултети тиббии донишгоҳ кор мекард. Соли 1943 Кобо ба Токио омад ва ба факултети тиббии Донишгоҳи императории Токио дохил шуд. Баъди як сол ӯ ба Мукден баргашт ва ҳамчунин шоҳиди шикасти Ҷопон дар ҷанги дуюми ҷаҳон гардид. Соли 1946 вай боз ба Токио баргашт. Дар ин ҷо ӯ ба хонуми рассоме, ки баъд китобҳои вайро ороиш медод, хонадор шуд.

Абэ дар ин давра он қадар дилпур набуд, ки ихтисоси дурустро интихоб кардааст. Пул барои идомаи таҳсил намерасид, вале ба ҳар сурат соҳиби диплом шуд. Аҷоибии кор дар он аст, ки Кобо аз рӯйи ихтисос ягон рӯз ҳам кор накардааст. Вай диққати асосии худро ба адабиёт равона намуд.

Ӯ ҳикояи аввалини худ "Аломат дар охири роҳ"-ро соли 1948 ба нашр расонид. Қиссаи "Девор. Ҷиноят S Карума" вайро соҳиби эҳтироф ва таҳсини мунаққидон гардонид. Соли 1951 нависандаро бо мукофоти Акутагава сарфароз намуданд. Баъдтар адиб қиссаи мазкурро бо қисматҳои "Қашқалдоқ аз манораи Вавилион" ва Пиллаи сурх" пурра кард. Дере нагузашта Кобо ба сиёсат мароқ зоҳир намуд ва ҳатто ба ҳизби коммунистии Ҷопон дохил шуд. Соли 1960 романи вай таҳти унвони "Хонуме дар регзор" ба нашр расид ва он сазовори мукофоти рӯзномаи "Иомиури" гардид. Баъдан вай сегонаи "Чеҳраи бегона", "Харитаи сӯхтагӣ" ва "Одам-қуттӣ"-ро чоп карду бо ин кори бузургаш шӯҳрати устоди таҳқиқоти психологии идрокро исбот менамояд.

Кобо Абэ ҳамчун коргардон ва драмматурги номдор низ машҳур аст. Вай намоишномаҳои хешро дар студияи худ

“Студияҳои Абэ” ба саҳна гузоштааст. Ҷамоати театрӣ таҳти роҳбарии вай соли 1980 ба ИМА сафари эҷодӣ намудааст. Ногуфта намонад, ки нависандагони тарҷумаи ҳол ҳамеша зимни тасвири ҳаёти нависанда душворӣ мекашиданд. Ӯ ҳаёти ниҳоят пӯшидаеро ба сар мебурд, дӯст надошт ва рӯзноманигоронро ҳурмат намекард, аз ҷумлаи гӯшанишинони ҳақиқӣ ба шумор мерафт. Соли 1992 Кобо Абэро ҳамчун номзад ба ҷоизаи Нобелӣ оид ба адабиёт пешниҳод карда буданд. Вале бо таассуф бояд қайд кард, ки соли 1993 марги нобаҳангом ӯро аз ин мукофот маҳрум сохт. Дар айни замон Кобо Абэ дар Ҷопон оммавию машҳур не, балки аз ҷумлаи адибони баргузида ба шумор меравад.

**Романҳои муаллиф:**

- **“Аломат дар охири роҳ” 1948,**
- **“Иттиҳоди гуруснагон” 1954,**
- **“Танҳо онҳое, ки хона меҷӯянд” 1957,**
- **“Марҳилаи чоруми яхбандӣ” 1959,**
- **“Чашмони сангин” 1960,**
- **“Хонуме дар регзор” 1960,**
- **“Чеҳраи бегона” 1964,**
- **“Тамоман ба монанди одам” 1967,**
- **“Харитаи сӯхташуда” 1967,**
- **“Одам-қуттӣ” 1973,**
- **“Дидори пинҳонӣ” 1977,**
- **“Воридшудагон ба киштии Нуҳ” 1984,**
- **“Ҳавонавард” 1994.**

Бо камоли эҳтиром
ва ҷаҳони сипос,
Абдуғаффор Қурбонов.

# Хонуме дар регзор
**(Роман)**

## Қисми якум

Дар яке аз рӯзҳои моҳи август одаме гум шуд. Ин мард қарор дода буд, ки рухсатии худро барои сафар кардан ба соҳили баҳр, ки то он ҷо бо поезд ним рӯз роҳ аст, истифода барад ва аз ҳамон вақт дар бораи вай касе чизе нашунидааст. На ҷустуҷӯи пулис ва на эълонҳо дар рӯзномаҳо ягон натиҷа надоданд.

Бедарак ё гумшавии одамон дар маҷмӯъ он қадар ҳодисаи камёбу нодир нест. Тибқи омори расмӣ, ҳамасола дар нашрияҳо садҳо эълон дар бораи одамони беному нишон гумшуда нашр мешавад. Тааҷҷубовараш дар он аст, ки фоизи ин ҷумла пайдошудагон ниҳоят паст аст. Куштор ва ҳодисаҳои фалокатбор аз худ далел боқӣ мемонанд; вақте ҳодисаи дуздӣ рух медиҳад, омилҳои онро муайян кардан мумкин аст. Вале агар нопадидшавӣ ким-кадом сабаби дигар дошта бошад, пайдо кардани изи гумшуда хеле душвор мегардад. Ростӣ, агар ҳамин ки ҳодисаи гумшавӣ фирор ном бурда шавад, ҳамоно бисёре аз ҳамин гуна воқеаҳоро аз афташ ба шумули ин гуна фирорҳои оддӣ ҳамроҳ кардан мумкин аст.

Дар ин ҳодиса ҳам ягон чизи ғайриоддӣ оид ба набудани ягон нишона ё осори шахси гумшуда дида намешуд. Тақрибан ҷое, ки ин одам ба он ҷо рафта буд, маълум буд, вале аз он макон ягон маълумоте дар бораи пайдо шудани ҷасад ворид нашудааст. Фаъолияти вай ба ягон кори махфӣ алоқамандӣ надошт, ки ӯро маҳз барои ҳамин рабуда бошанд. Дар тамоми амалҳою рафторҳояш ҳатто ягон

ишорае дар бораи он ки вай нақшаи фирор карданро кашида бошад, дида намешуд.

Табиист, дар ибтидо ҳама гумон карданд, ки дар ин кор хонуме даст дорад. Вале баъди аз ҳамсараш фаҳмиданд, ки гумшуда барои ҷамъоварии ҳашарот барои коллексияи худ рафтааст, мансабдорони пулис ва ҳамкоронаш ҳатто то андозае дилхунук шуданд. Воқеан, танҳо ба хотири рупӯш кардани фирор бо зан бо худ кашола карда бурдани қуттии тсианиди калий ва домхалтаи ҳашаротдорӣ сохтакории аз ҳад зиёд ҳисобида мешавад. Муҳимтар аз ҳама, хизматчии истгоҳи поезд хабар дод, ки ҳамон рӯз аз қатора марде фаромад, ки ба кӯҳнавард монанд буд ва дар пушташ қуттии чӯбине дошт, ки аз ин асбоб асосан рассомон истифода мебаранд ва дар он фляга овезон буд. Вай аниқ дар хотир дорад, ки мард танҳо буд. Ба ҳамин тариқ, тахмини мавҷуд будан ё даст доштани зан дар ин кор ботил гардид.

Дар ин миён тахмине дар бораи худкушӣ дар асоси одамбезорӣ ба миён омад. Ин тахминро яке аз ҳамкоронаш, ки дӯстдори ашадии таълимоти психологӣ дар бораи ҷараёни бешууронаи психикӣ мебошад, пешниҳод намуд. Алаккай худи ҳамин, ки як одами калонсол метавонад ба чунин як кори беҳуда, ба мисли ҷамъоварии ҳашарот машғул шавад, камбудии рӯҳии онро тасдиқ менамояд. Ҳатто дар кӯдакон майлу рағбати зиёд ба ҷамъоварӣ кардани ҳашарот аксаран аломати камбуди (комплекс)-и эдип шуморида мешавад. Барои он ки то андозае хоҳиши қонеънагардидааш пурра шавад, кӯдак бо майли том сӯзанакро ба бадани ҳашароти мурда, ки бе ин ҳам ба ҷойе гурехта наметавонад, мехалонад. Ва агар баъди калон шуданаш низ аз баҳри ин кор нагузашт, маълум

мегардад, ки саломатии вай бадтар шудааст. Охир аксар вақт мутахассисони илми ҳашаротшиносӣ гирифтори майли аз ҳад зиёди ихтироъкорӣ мешаванд, ниҳоят мардумгурез ҳастанд ва гирифтори савдои дуздию боз чизҳои дигаре низ мебошанд. Ва аз ин ҳама то худкушӣ дар заминаи одамбезорӣ як қадам роҳ аст. Гузашта аз ин, дар байни гирдоварандагони ин ё он молу чизҳо ашхосе мавҷуданд, ки на ба он андозе ба ҷамъ овардани чизҳо шавқу завқ доранд, ки ба тсинианиди калийи дар қуттиҳои худ мавҷудбуда, майлу рағбат доранд, зеро онҳо аз ин машғулияти худ даст кашида наметавонанд... Магар он чи ки ягон маротиба хоҳиши озодона нақл кардан дар бораи шавқу завқаш ба миён наомадаст, аз он шаҳодат намедиҳад, ки вай шармандагии худро дарк кардааст?

Вале, бинобар сабаби он ки ҷасад пайдо нашуда буд, ҳамаи ин хулосабарориҳои ба назар дурусту дақиқ ғалат бaромаданд.

Ҳамин тариқ, сабаби ҳақиқии нопадид шудани вайро касе пайдо накард. Ва бо гузашти ҳафт сол дар асоси моддаи 30-и Кодекси гражданӣ шахс фавтида ҳисобида шуд.

Дар яке аз рӯзҳои моҳи август, баъди нисфирӯзӣ дар истгоҳи хурди роҳи оҳан марде дар сар кулоҳи тобистонаи хокистарранг пайдо шуд. Дар рӯйи шонаҳои вай ба шакли чорчиллик қуттии бузурги чӯбин ва фляга овезон ва почаҳои шим ба ҷӯробҳо дароварда шуда буданд, гӯё вай нияти ба кӯҳ рафтанро дошт. Вале дар наздикиҳо ягон кӯҳе мавҷуд набуд, ки ба он баромадан зарур бошад. Ва хизматчии истгоҳ, ки дар баромадгоҳ чиптаҳоро тафтиш мекард, аз пасаш бо шубҳа ба вай назар кард. Шахс бе ягон дудилагӣ ба автобусе, ки дар назди истгоҳ истода буд,

ворид шуд ва дар қисмати ақиби он ҷойи нишастро банд намуд. Автобус ба тарафи муқобили кӯҳҳо равон буд.

Он шахс то истгоҳи охирин рафт. Баъди баромадан аз автобус дид, ки тамоми гирду атроф аз пайдарҳамии баландию пастиҳо иборат мебошад. Пастхамиҳо ба тамом бо порчаҳои танги майдонҳои шолизор бурида шуда, дар байни онҳо ба мисли ҷазирачаҳо чакалакҳои дарахтҳои хурмо қомат афрохтаанд. Мард деҳаро паси сар карда, ба ҷониби соҳили баҳр равон шуд. Замин оҳиста-оҳиста рӯшантар ва хушктар мегашт.

Баъди чанде хонаҳо нопадид гаштанд, фақат гоҳ-гоҳе дарахтони санавбар ба назар мерасиданд. Тадриҷан хоки сахт ба мулоим, ки ба пойҳо мечаспид, мубаддал гашт. Дар баъзе ҷойҳо ҷазирачаҳои алафҳои хушк сиёҳтоб шудаанд ва қитъаҳои кучаки боимҷонҳои пажмурда, ки гӯё ба таври иштибоҳ пайдо шудаанд, ба чашм мерасиданд. Вале дар гирду атроф ягон ҷондоре дида намешуд. Дар пеш, аз афташ, баҳр буд ва ӯ ба ҳамон тараф равон буд.

Ниҳоят вай истод, гирду атрофро аз назар гузаронид ва бо остини курткааш арақи рӯяшро пок намуд. Саросема нашуда, қуттии чӯбинро кушод ва аз сарпӯшаи болой бастаи чӯбчаҳоро берун баровард. Вай онҳоро ба якдигар пайваст намуд ва дар дасташ он ҳама ба домхалта барои доштани ҳашарот мубаддал гашт. Ӯ боз ба пеш ҳаракат карда, бо чӯб буттачаҳои камёби алафҳои дар роҳаш вохӯрдаро ба ду тараф ҷудо менамуд. Аз пеш бӯйи баҳр меомад.

Вақт бошитоб мегузашт, вале аз баҳр дараке набуд. Шояд ноҳамвории мавзеъ имкон намедод дида шавад, ки дар пеш чӣ аст, аммо то он ҷое, ки чашмон медиданд, манзара ҳеҷ тағйир намеёфт.

Ногаҳон дар пеши рӯяш деҳачае пайдо шуд. Он як деҳачаи одди камбағал буд: дар гирду атрофи манораи оташфишонӣ бомҳои тахтагин бо сангҳои на он қадар калон дар болояшон ҷойгир шуда буданд. Якчанд хона бо бомпӯши сафолии сиёҳ, баъзеашон бошад, ҳатто бо тунукаи сурх рангкардашуда, пӯшонида шуда буданд. Хона бо боми тунукагӣ, ки дар кунчи ягона чорроҳаи деҳа қарор дошт, аз афташ маъмурияти артели моҳидорӣ ба шумор мерафт.

Баъди деҳа ҳатман ҳам баҳр асту ҳам реги равон. Аммо аз чӣ бошад, ки деҳа аз ҳад зиёд васеъ паҳн шудааст. Дар гирду атрофи он якчанд қитъа заминҳои ҳосилхез мавҷуд аст, боқимонда ҳама замини регзори сафед мебошад. Ҳамчунин майдонҳои на он қадар калони чормағзҳои заминӣ ва картошка дида мешуд, бӯйи баҳр бо бӯйи ҳайвонот омехта мегардид. Дар канори сахти роҳ, ки гӯё аз омехтаи рег ва лой мустаҳкам шудааст, теппачаҳои сафеди аз гӯшмоҳиҳои кафондашуда намудор буданд. Дар он замоне, ки мард дар роҳ мерафт, ҳам кӯдакони дар майдончаи назди маъмурияти артел бозикунанда, ҳам мӯйсафеди машғули таъмири тури моҳигирӣ ва ҳам занони сарсону ҳайрон, ки дар назди ягона дӯкони майдачӯйда ҷамъ омада буданд, ҳамагон лаҳзае шах шуда, бо тааҷҷуб аз қафои вай нигоҳ карданд. Вале мард ба онҳо таваҷҷуҳ накард. Ҳама ҳушу ёди вай ба реги равон ва ҳашаротҳо банд буд.

Воқеан натанҳо масоҳати деҳача аҷиб буд. Роҳ ногаҳон ба тарафи боло рафт. Ин ҳам тамоман ногаҳонӣ буд. Охир агар он ба ҷониби баҳр равон бошад, табиист, ки бояд майлон ба нишебӣ намояд. Шояд вай вақте харитаро аз назар мегузаронид, хато карда бошад? Вай кӯшиш кард аз духтаре, ки дар рӯ ба рӯяш пайдо шуда буд, пурсон шавад.

Аммо духтар чашмонашро поин карда, аз паҳлуяш гузашта рафт, чунин вонамуд кард, ки гӯё саволро нашунидааст. Ҳеҷ гап не, роҳро идома медиҳем. Дар ҳар сурат, ҳам ранги рег, ҳам турҳои моҳидорӣ ва теппаҳои гӯшмоҳӣ – ҳама аз наздикии баҳр шаҳодат медиҳанд. Умуман, ягон сабабе барои хавотиршавӣ вуҷуд надорад.

Роҳ ҳамоно душвортар мешуд ва дар гирду атроф ба ғайр аз рег чизи дигаре намудор набуд.

Вале аҷиб аст, дар он ҷое, ки хонаҳо истода буданд, сатҳи замин баланд намешуд. Фақат роҳ ба ҷониби боло мерафт, деҳача бошад, ҳама вақт дар пастхамӣ меистод. Лекин на танҳо роҳ ба боло мерафт, балки фосилаи байни хонаҳо ҳам баланд мешуд. Бинобар ин, ба назар чунин мерасид, ки гӯё деҳа ба тарафи кӯҳ равон аст, вале хонаҳо дар як сатҳ мемонанд. Ин таассурот баробари пеш рафтан ба қуллаи реги равон ҳамоно тақвият меёфт ва каме баъдтар ба назараш чунин намуд, ки хонаҳо дар ҷуқуриҳои бузурги дар регзор кандашуда қомат афрохтаанд. Ниҳоят, роҳе, ки бо он равон буд ва фосилаҳои байни хонаҳо аз болохонаҳо баландтар будаанд. Хонаҳо бошанд, дар ин манзара ҳамоно ба чуқуриҳои регӣ фурӯ мерафтанд. Нишебӣ ногаҳон қариб ба шӯх мубаддал гашт. Акнун то нӯги болохонаҳо қариб то бист метр масофа буд, на камтар. “Аҷиб, чӣ гуна зиндагӣ дар он ҷо буда метавонад?” – фикр кард ӯ ва бо тарсу воҳима ба он ҷуқурии воҳимаангез нигоҳ кард. Ногаҳон шиддати аз ҳад зиёди бод нафаскашиашро вазнин кард ва вай осемасар аз лаби ҷарӣ худро дур кард. Хеле дуртар дар поён ӯ баҳри хира ва кафкдорро дид, ки реги наздисоҳилро мелесид. Вай дар теғаи реги равон, маҳз ба он ҷое, ки кӯшиш мекард, омада истод.

Нишебии реги равон, ки ба ҷониби баҳр нигаронида шуда буд, аз он ҷое, ки мавсима (боде, ки дар тобистон аз баҳр ва замистон аз саҳро мевазад) мевазад, маъмулан ростфаромада ва урён буд. Вале дар ҷойҳои нишебдор буттаҳои алафҳои борикбарг сар бароварда буданд. Ба ақиб нигоҳ карда дид, ки пастхамиҳои бузург ва ниҳоят ҷуқур, баробари наздик шудан ба реги равони теғадор, бо якчанд қабат ба маркази деҳа ҷамъ меоянд, ки галаи занбурро ба хотир меоранд. Ба назар чунин менамуд, ки деҳа ба болои реги равон баромадааст. Шояд реги равон ба болои деҳа баромада бошад? Дар ҳама ҳолат, намуди деҳа одамро асабонӣ ва ғамгин менамуд.

Ҳеҷ гап не, то дилхоҳ хомаҳои регӣ расид ва ҳамааш хуб аст. Вай як қулти калони обро аз фляга нӯшида, нафаси амиқ кашид, вале ҳаво, ки тоза ба назар мерасид, гулӯяшро ба монанди реги сунбода сӯзонд.

Ин одам хост коллексияи ҳашароти худро, ки дар ин регзор дида мешуданд, зиёд кунад.

Ҳашароти регзор бо рангҳои хира калон-калон нестанд, вале касеро, ки гирифтори васвасаи ҷамъоварии ин ё он чиз бошад, шаппарак ва сӯзанакҳои қанотҳои ранги баланддошта ба худ ҷалб намекунад. Вай кӯшиш намекард, ки коллексияи худро бо намунаҳои аҷибу ғариб зебу зиннат диҳад, ба низомдарории онҳо шавқу рағбат зоҳир намекард ва ба ҷустуҷӯи ашёи хом барои тайёр кардани дору, ки дар тибби чинӣ истифода мешаванд, машғул набуд. Барои мутахассиси соҳаи энтомология пайдо кардани намуди нави ҳашарот хурсандии калон аст. Агар ин кор ба даст ояд, дар атласи энтомологӣ дар қатори рӯйхати дарози номҳои олимон, ки ҳашаротҳоро пайдо кардаанд, бо ҳуруфи лотинӣ номи ту ҳам пайдо мешавад

ва шояд асрҳо дар он ҷо монад. Агар ному ту, бигузор бо шарофати ҳашарот дар хотири одамон тӯлонӣ боқӣ бимонад, ин маънии онро дорад, ки кӯшишу заҳамотат барабас нарафтанд.

Шумораи зиёди намудҳои ҳашарот, дар назари аввал аз якдигар фарқ надошта, барои пайдо кардани намудҳои нав ба нави онҳо имконияти бой фароҳам меоварданд. Маҳз барои ҳамин вай вақти зиёди худро ба ҳашароти дуқанотдор ва ҳатто ба пашшаҳои хонагӣ, ки одамон онҳоро ниҳоят бад медиданд, сарф мекард. Намудҳои пашша ғайричашдошт хеле зиёданд. Вале чун фикру андешаи тамоми энтомологҳо тақрибан ба як ҷониб рушд мекунад, онҳо таҳқиқи аксарияти ин намудро тамом кардаанд, аз он ҷумла мутанти ҳаштуми камёбро, ки дар Ҷопон пайдо карда буданд. Шояд ин аз он сабаб аст, ки ҳаёти одамон бо ҳаёти пашшаҳо зич ба ҳам печида аст.

Пеш аз ҳама, диққати асосиро бояд маҳз ба муҳити регзор равона кардан зарур аст. Шумораи зиёди намуди пашшаҳо шояд бо баланд будани мутобиқшавии онҳо вобаста бошад. Баъди дарк ё дарёфти ин маъно аз хурсандӣ як қад парид. Фикри он қадар бад нест, мутобиқшавии баланди пашшаҳо воқеан ҳам он ҳолатро маънидод мекунад, ки онҳо ба осонӣ шароити номусоидро ба таври осонӣ паси сар мекунанд, ҳол он ки ҳашароти дигар зиндагӣ карда наметавонанд. Барои мисол, онҳо барои зиндагӣ кардан дар биёбон, ки ҳамагуна махлуқи зинда ҳалок мешавад, мутобиқ шудаанд...

Чун ба ин хулоса омад, ӯ нисбат ба регзор ҳусну таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд. Натиҷаи ин кор ба зудӣ зоҳир шуд. Рӯзе дар маҷрои дарёи хушкшудаи наздии хонаашон ҳашароти ниҳоят кучаки зардрангро, ки заррӯхро

ба хотир меовард ва ба оилаи зардқанотҳо (Cieindela Japonica, Motschulsky) тааллуқ дорад, дучор омад.

Тавре маълум аст, заррӯҳҳо рангҳо ва андозаҳои гуногун доранд. Вале панҷаҳои пеши онҳо аз якдигар хеле кам фарқ мекунанд. Маҳз ана ҳамин панҷаҳои пеш эҳтимол барои ба намудҳо тасниф кардани онҳо ҳамчун меъёр ба ҳисоб мераванд, зеро шаклҳои гуногуни панҷаҳои пеш дигаргунии намудҳои онҳоро ифода мекунанд. Буғумчаи дуюми панҷачаҳои ин ҳашарот, ки ба назари вай намудор шуд, воқеан ҳам хусусиятҳои ҷолиби диққат дошт.

Панҷачаҳои пеши заррӯҳ (шпанӣ) одатан борик, сиёҳ ва ниҳоят серҳаракат мебошанд, вале аз ин пашша гирд, ғафс ва гӯё бо ҷавшани мустаҳкам пӯшонида шуда буду ранги зарди баланд доштанд. Эҳтимол ба рӯйи онҳо ғубори гул часпидааст. Имкон дорад ҳашарот асбоби махсус ба монанди мӯйчаҳо барои ҷамъоварӣ кардани ғубори гул дошт. Агар ҳамон вақт чашмонаш ӯро фиреб намедоданд, яқин вай кашфиёти муҳим карда буд.

Вале, мутаассифона, барояш дошта гирифтани ин ҳашарот муяссар нашуд. Вай ниҳоят ҳаяҷонзада буд ва пашша низ ким-чӣ хел ғайриоддӣ парвоз мекард. Пашша парида рафт. Баъд баргашт ва интизори наздик шудани вай шуд, гӯё чунин гуфтан мехост: "канӣ ҳунаратро нишон деҳ". Вақте вай бовар карда, ба он наздик шуд, пашша парид ва боз баргашту интизори наздик шудани вай шуд. Он гӯё вайро мешӯронид, баъдтар бошад, дар байни алафҳо аз назар батамом ғайб зад.

Аз ҳамон вақт сар карда, вай дилдодаи ин заррӯҳ гардида буд, ки панҷачаҳои пешаш зард мебошанд.

Ба замини регзор аҳамият дода, вай бори дигар ба тахмини худ боварӣ ҳосил кард. Охир заррӯҳ ҳашароти

хоси биёбон мебошад. Аз рӯйи яке аз назарияҳо, парвози ғайриоддии ин ҳашарот як ҳиллае мебошад, ки бо ин кор онҳо ҳайвонҳои хурдро аз лонаҳояшон берун мебароранд. Мушҳою калтакалосҳо пашшаҳоро дунбол намуда, аз хонаҳои худ ба биёбонҳои дур мераванд ва аз гуруснагию хастагӣ ҳалок мешаванд. Пашшаҳо бошанд, маҳз ҳаминро интизоранд ва ҳайвонҳои мурдаро ҳарисона мехӯранд. Номи ҷопонии ин пашшаҳо ниҳоят зебо – “номабар” мебошад. Ҳол он ки дар нигоҳ аввал онҳо танноз ба назар мерасанд, вале дар воқеият манаҳи тез дошта, то андозае хунхор мебошанд, ки якдигарро мехӯранд. Ӯ намедонист, ки то чӣ андоза ин назария дуруст аст ё не, аммо бидуни шубҳа асири парвози аҷоиби заррӯҳ гашта буд.

Табиист, шавқу ҳавасаш ба регзор, ки барои ҳаёти заррӯҳ шароит муҳайё мекард, зиёд шуда буд. Вай ба хондани адабиёт оид ба рег шуруъ кард ва ҳар қадар китоб мехонд, ҳамон қадар мутмаин мегашт, ки рег зуҳуроти ниҳоят муҳим ба шумор меравад. Дар қомус, масалан дар мақола оид ба рег чунинро хондан мумкин аст:

> *“Рег” – ҷамъшавии ҷинсҳои вайроншудаи кӯҳӣ ба шумор меравад. Баъзан дар он маъдани оҳани оҳанрабо, каситерит ва гоҳе реги тиллоиро пайдо кардан мумкин аст. Диаметри он аз ду то аз шонздаҳ як ҳиссаи миллиметрро ташкил медиҳад”.*

То чӣ андоза таърифи аниқу дақиқ аст! Хулласи гап, рег аз ҷинсҳои вайроншудаи кӯҳӣ ташаккул меёбад ва аз чизи миёнае байни регчаҳои майда ва замин иборат мебошад. Вале номидани рег ҳамчун маҳсулоти мобайнӣ ҳоло маънои онро надорад, ки шарҳи охирин дода шудааст. Барои чӣ аз се таркиб – санг, рег ва хок, ки аз якҷояшавии мушкили онҳо

замин иборат аст, танҳо рег метавонад дар ҳолати алоҳида вуҷуд дошта бошад ва дар маҳалҳои регзор биёбон ба вуҷуд орад? Агар он танҳо як маҳсулоти мобайнӣ ба ҳисоб мерафт, дар ин сурат бо шарофати зангзанӣ дар байни харсангҳои урён ва гил теъдоди зиёди маҳсулоти мабайниро, ки тавассути ба ҳам омехта шуданашон пайдо шудаанд, пайдо кардан мумкин буд. Охир дар амалия танҳо се намуди ба таври дақиқ фарқкунандаи ҷинсҳо вуҷуд доранд: харсангӣ, регӣ ва гилӣ. Ҳамчунин тааҷҷубовар он аст, ки андозаи регчаҳо қариб ҳамеша якхела мебошад, хоҳ рег дар соҳили ҷазираи Эносима бошад ё дар биёбони Гоби – он ба ҳисоби миёна ба ҳаштяки миллиметр баробар аст.

Дар як таҳқиқот шарҳи ниҳоят оддии вайроншавии хок дар натиҷаи зангзанӣ дода шуда буд: Қисмҳои сабук ба масофаҳои калон паҳн карда мешаванд. Вале дар он тамоман хусусияти андозаи регчаҳо, ки ҳаштяк ҳиссаи миллиметрро ташкил медиҳад, шарҳ дода нашудааст. Дар кори илмии дигар оид ба геология тамоман шарҳи муқобилро вохӯрдан мумкин аст:

> *“Ҳам ҷараёни об ва ҳам ҷараёни ҳаво турбуленсияро ба вуҷуд меоранд. Дарозии хурдтарини мавҷи турбуленсия ба диаметри рег дар биёбон баробар аст. Бо шарофати ин хусусият аз хок танҳо рег гирифта мешавад, муҳимаш он аст, ки рег таҳти кунҷи рост ба ҷараён берун кашида мешавад. Агар қувваи пайвасткунии қисматҳои алоҳидаи хок зиёд набошад, рег метавонапд ҳатто бо шамоли паст, ки қудрати бо худ бурдани сангу лойро надорад, ба ҳаво баланд шавад. Баъд аз ин, рег тибқи ҳаракати шамол ба замин мефарояд. Хусусиятҳои рег, аз афташ, бояд бо муқовимати ҳаво ва газҳо баррасӣ карда шавад.*

Шарҳу эзоҳ чунин идома ёфт:

*“Рег – заррачаҳои ҷинсҳои вайроншудаи кӯҳӣ чунин андозае мебошанд, ки ин хосият онҳоро ниҳоят серҳаракат мекунад”.*

Азбаски дар замин ҳамеша шамол ва ҷараёни об вуҷуд дорад, ташаккул ёфтани рег ногузир аст. Ва то он замоне, ки шамол мевазаду дарёҳо ҷорӣ мешаванд, баҳрҳо мавҷҳои худро ғелонида меоянд, аз замин миқдори бисёри регҳои нав ба берун бароварда мешавад ва ба мисли махлуқи зинда дар ҳама ҷо паҳну парешон мешавад. Рег истироҳатро намедонад. Ноаён, вале собитқадамона заминро ишғол ва вайрон мекунад...

Ин манзараи реги доимо дар ҳаракатбуда, ба андозаи ифоданашаванда ба шӯр оварда, ким-чӣ хел ӯро шитобзада карда буд. Бесамарии рег, тавре он маъмулан ба назар мерасад, на танҳо хушкии он, балки харакати бетанаффус, ки ягон ҷинси зинда тоб оварда наметавонад, маънидод карда мешавад. То чӣ андоза ин ба ҳаёти маъюсона одам, ҳамарӯза ба якдигар часпида гирифта, эродгирӣ мекунанд, монанд аст.

Бале, рег барои ҳаёт он қадар лоиқ нест. Вале оё устуворӣ барои мавҷудият, ҳаётгузаронӣ комилан зарур аст? Магар аз кӯшиши исбот кардани устуворӣ рақобати нафратангез ба миён намеояд?

Агар устувориро як тараф гузошта, худро ба ихтиёри ҳаракати рег гузорӣ, рақобат хотима меёбад. Охир дар биёбон ҳам гулҳо мерӯянд, ҳашароту даррандаҳо зиндагӣ мекунанд... Ҳамаи ин махлуқони зинда бо шарофати қувваи бузурги мутобиқшавӣ аз чаҳорчӯбаи рақобат берун раҳиданд. Ба мисли заррӯҳҳои вай...

Вай дар тасаввуроти хеш сурати ҳаракати регро мекашид ва дар вай мубталои таваҳҳум (галлютсинатсия) сар шуда буд, ӯ худро дар ин ҷараёни беинтиҳо медид.

Мард сари худро поин карда, боз бо теғаи реги равон, ки деҳаро мисли моҳпора печонида мегирифт, пеш рафт. Вай қариб тамоми он чизеро, ки дар гирду атроф буд, намедид. Барои мутахассиси соҳаи энтомология муҳим аст, ки тамоми диққати худро дар масофаи то сесад метри гирду атрофашро назорат карда тавонад. Ва яке аз қоидаи муҳимаш он аст, ки набояд ба ҷониби офтоб тахтапуштро гардонда истодӣ. Агар офтоб дар паси одам бошад, сояи вай метавонад ҳашаротро гурезонад. Бинобар ин, пешонӣ ва бинии шикорчии ҳашарот то сиёҳшавӣ офтоб мехӯранд.

Мард мавзун ва оҳиста-оҳиста пеш мерафт. Дар ҳар қадамаш рег ба болои пойафзолаш мепошид. Дар гирду атроф ягон чизи зинда ба назар намерасид, ба ғайр аз дар ин ҷою он ҷо буттаҳои алафи саркашида, ки бо каме намӣ омодаи гул кардан буданд. Агар дар ин ҷо ягон чиз аз парвозкунандаҳо пайдо мешуданд, онҳо ҳатман сангпуштҳои ба мисли ҷавшан рангкардашуда ва пашшаҳое, ки ба бӯйи араҷи одамӣ ҷалб мешаванд, мебуданд. Аммо маҳз дар чунин ҷойҳо умедвориҳо амалӣ мегарданд. Ростӣ, зарруҳҳо дар якҷоягӣ, дар селаҳо зиндагӣ карданро дӯст намедоранд ва ҳодисаҳое низ дучор меоянд, ки як пашша якчанд километрро забт менамояд. Илоҷи дигар нест, бояд собиқадамона ҷустуҷӯро идома бидиҳад.

Вай ногаҳон истод – дар дохили алаф чизе ҷунбид. Ин тортанак буд. Тортанакҳо ба вай даркор набуданд. Вай нишаст, то ки сигор бикашад. Аз ҷониби баҳр ҳамаи ин вақт шамол мевазид, дар поён мавҷҳои сафеди порашуда

ба асоси реги равон омада мезаданд. Дар он ҷое, ки нишебии ғарбии хомаи рег ба баҳр фуромадгоҳ надорад, димоғаи серхарсанг баромада буд. Дар он ба мисли сӯзанҳои тез нурҳои офтоб пошида шуда буданд.

Чӯбчаҳои гӯгирдҳо ҳеҷ не ки даргирон шаванд. Даҳ чӯбчаи гугирдро истифода бурд, ҳамаш кори беҳуда. Аз паҳлӯи доначаҳои гӯгирд қариб бо суръати ақрабаки сониявӣ фавраки рег ҳаракат мекард. Вай мавҷи на он қадар калони регро мушоҳида кард ва баробари ба пошнаи пойафзолаш расидани он, аз ҷояш бархост. Аз чин-чини шим рег ба замин рехт. Ӯ оби даҳонаш туф кард – дар даруни даҳонаш гӯё турбтарошак гузашта бошад.

Охир, дар ин ҷо ҳашарот кам нест, магар? Шояд ҳаракати рег аз ҳад зиёд тез нест? Не, маъюс шудан ҳоло барвақт аст. Аз лиҳози назариявӣ ҳам дар ин ҷо ҳашарот буданаш мумкин нест.

Қулла каме ҳамвортар гардид, дар баъзе ҷойҳо хомаҳои рег аз баҳр дур шуда буданд. Бо умеди дарёфт кардани ҳашарот вай бо нишебӣ поин фаромад. Дар ҳар ҷое боқимондаҳои чапаракҳои найи ҳиндӣ (бамбуқ) барои нигоҳ доштани рег намоён буданд ва поёнтар пешайвон дида мешуд. Мард аз паҳлӯи нақшу нигори дар рӯйи рег намоён, ки бо қувваи шамол бо дақиқияти дастгоҳ кашида шудаанд, гузашта, роҳашро идома дод. Ногаҳон ҳама чиз аз пеши назараш нопадид гашт ва ӯ дид, ки дар лаби ҷарии ҷуқур рост истодааст.

Ҷарӣ шакли нодуруст, тухмшаклро дошт, зиёда аз бист метр бар дошт. Девори муқобили он нисбатан нишебтар ба назар мерасид, девори тарафе, ки вай истода буд, қариб овезон буд. Лаби ба дарун хамшудаи он ба мисли пиёлаи чинӣ ҳамвор ва хеле лағжонак буд. Бо эҳтиёт

бо пояш ба он такя намуда, ба поён нигоҳ кард. Ва танҳо акнун фаҳмид, ки бо вуҷуди равшан будани гирду атроф, аллакай бегоҳирӯзӣ наздик шуда истодааст.

Дар умқи ҷуқурӣ дар қаъри тираю тор, дар хомӯшии фурӯрафта кулбае истода аст. Як тарафи боми он ба нишебии замини регдор фурӯ рафта буд.

“Тамоман ба мисли масомаи гӯшмоҳӣ, – аз дил гузаронид ӯ. – Дар ин ҷо ҳар коре накунӣ, ба муқобили қонуни рег рафта наметавонӣ...” Нав акнун дастгоҳи аккосиро омода мекард, ки рег аз таги пояш ба поён шорида рафт. Аз тарс пояшро ба қафо кашид, аммо рег як муддате резишашро идома дод. То чӣ андоза ноустувор аст, мувозинати рег! Аз ҳаяҷон нафасгир шуда, кафи дастҳои намгирифтаашро бо шимаш хушк кард.

Дар паси вай касе сулфа зад. Дар паҳлӯяш, қариб ки гӯё китфашро дошта бошад, номаълум аз куҷое мӯйсафеде пайдо шуд, аз афташ моҳигир аз деҳа истода буд. Ба дастгоҳи суратгирӣ нигоҳ кард, баъд ба умқи чуқурӣ назар андохта, бо табассум чеҳраашро пурчин кард. Кадом як чизи часпаке дар кунҷи чашмони хунгирифтааш ҷамъ шуда буд.

– Чӣ, тадқиқот мебаред?

Овозро шамол бо худ бурд, он хеле паст, беранг садо дод, гӯё аз радиои хурди ҳамроҳ баромада бошад. Вале тарзи талаффуз фаҳмо буд ва фаҳмидан мушкилӣ надошт.

– Тадқиқот? – Мард дар ҳолати ошуфтагӣ бо кафи даст дастгоҳи аксбардориро пӯшонид ва домхалтаи шапалакдориро дуруст кард, то ки мӯйсафед онро бубинад. – Шумо чӣ гуфтан мехоҳед? Аз чӣ бошад, ки ман шуморо намефаҳмам... Ман, ба диққати Шумо расонам, ки

ҳашаротро ҷамъоварӣ менамоям. Ихтисоси ман ҳашаротҳое мебошанд, ки дар чунин регзорҳо зиндагӣ мекунанд.

– Чӣ? – мӯйсафед гӯё чизеро нафаҳмид.

– Ҳа-ша-рот-ҳо-ро ҷа-мъ-ова-рӣ мекунам! – бо овози баланд такрор кард вай. – Ҳа-ша-рот-ҳо-ро, мефаҳмед, ҳа-ша-рот-ҳо-ро! Ман онҳоро дошта мегирам!

– Ҳашаротҳоро? – Мӯйсафед аниқ бовар накард ва чашмонашро ба дигар тараф равона намуда, туф кард. Агар аниқтар гӯем, оби даҳон дар лабаш овезон шуд. Таҳти фишори шамол он чун ришта дароз шуд. Рости гап, чӣ чиз вайро ин қадар хавотир мекунад?

– Оё дар ин минтақа ягон тадқиқот гузаронида истодаанд?

– Не охир, агар шумо аз ҷумлаи тадқиқотчиён набошед, ҳар кореро кардан мехоҳед, кардан гиред, барои ман фарқ надорад.

– Не, не, ман аз нозирот нестам.

Мӯйсафед ҳатто ишора ҳам накарда, ба рӯйи вай пушташро гардонида, аз болои шонаҳои реги равон бо пойафзоли хасин оҳиста равон шуд.

Аз афташ дар интизори мӯйсафед тақрибан панҷоҳ метр дуртар се мард дар тан либоси ягона бидуни ҳаракат нишаста буданд. Онҳо кай пайдо шуданд? Дар дасти яке аз онҳо, эҳтимол дурбин буд, ки онро доим болои зонуяш чарх мезанонд.

Мӯйсафед ба назди онҳо рафт ва ҳар чор нафар, дар бораи ким-чӣ машваратро оғоз намуда, бо ғазаб реги зери пояшонро тоза мекарданд. Аз афташ онҳо баҳс мекарданд.

Ӯ акнун мехост ҷустуҷӯи пашшаи худро давом диҳад, ки мӯйсафед фах-фахкунон давида омад.

– Шумо ба ростӣ аз префектура нестед?

– Аз префектура?.. не охир, шумо хато кардед.

“Бас аст”, – ба чунин қарор омад ва ба мӯйсафеди шилқин варақаи шиносойро дароз кард. Мӯйсафед лабонашро ҷунбонида, онро дуру дароз хонд.

– А-а-а, шумо муаллим...

– Тавре мебинед, ман тамоман ба префектура алоқамандӣ надорам.

– Аҳа, аз ин мебарояд, ки шумо муаллим...

– Ниҳоят аз афташ ақлаш ба сараш омад; бо чашмони нимпӯш ва варақаи шиносоӣ дар даст, ба назди он мардҳо баргашт. Варақаи шиносоӣ, аз афташ онҳоро низ қонеъ гардонид. Онҳо аз ҷой бархоста, бадар рафтанд.

Аммо мӯйсафед боз баргашт.

– Акнун шумо чӣ кор карданӣ ҳастед?

– Чӣ кор мекунам, ба ҷустуҷӯи ҳашаротҳо машғул хоҳам шуд.

– Вале шумо ба охирин автобус дер мондед.

– Магар дар ягон ҷо шабро рӯз карда наметавонам?

– Шаб гузаронидан? Дар ин деҳа? Дар чеҳраи мӯйсафед чизе ларзид.

- Агар дар ин ҷо мумкин набошад, ба деҳаи ҳамсоя меравам.

– Меравед?..

– Ман умуман ба ягон ҷо саросема нестам...

– Не, не, ба шумо зарур нест, ки кори худро душвор намоед... Мӯйсафед якбора боилтифот шуда, ширингуфтори-ашро идома дод: – Худатон дида истодаед, деҳаи камбағал аст, ягон хонаи муносиб надорад, вале агар шумо зид набошед, ба соҳибони хонаҳо дар бораи шумо суханони нағз мегӯям.

Ба шахсе, ки дар сараш фикри бад дорад, монанд нест. Онҳо эҳтимол аз чизе хавф доранд, – шояд корманди

масъули префектураро, ки бояд бо санҷиш биёяд, интизор ҳастанд. Акнун тарси онҳо бартараф шуд ва онҳо боз ба одамони оддӣ, моҳигирони хушмуомила мубаддал гаштанд.

– Ниҳоят миннатдор мешудам. Албатта, шуморо хурсанд мекунам. Ман, умуман истодан дар чунин хонаҳои деҳотиро дӯст медорам.

Офтоб ғуруб кардаву шамол каме сусттар шуда буд. Мард то он замоне дар болои реги равон гашту гузор кард, ки нақшу нигори аз таъсири шамол дар рӯйи рег пайдошударо фарқ кардан мумкин буд.

Миқдори сайди ҳашарот дар маҷмуъ зиёд набуд.

Чирчирак ва гӯшдарояки мӯйлабсафед аз оилаи ҳашароти ростқанотон.

Аскарчаҳо ва боз як ҳашароти дигар – вай аниқ номашро намедонист, вале он ҳам аз намудҳои аскарчаҳост.

Аз ҷумлаи сахтболҳо, ки ҷустуҷӯяшон мекард, танҳо ғалламусҳо дучор омаданд.

Ва ягон нусха ҳам аз оилаи пашшаҳо, ки асосан мақсади сафар ба ин ҷо буданд, пайдо нашуданд, шояд натиҷаи кори пагоҳ хурсандӣ биёрад...

Аз хастагии зиёд дар пеши чашмонаш ким-кадом нурҳои хираи рӯшноӣ шино мекарданд. Ногаҳон ӯ ғайриихтиёр истод ва ба қисми болои хомаи реги хира дида дӯхт. Дар чунин ҳолат дигар коре карда наметавонӣ: ҳама он чизе, ки ҳаракат мекард, ба назари вай пашшаи заррӯҳӣ менамуд.

Мӯйсафед тавре ба вай ваъда дода буд, ӯро дар назди раёсати артел интизор буд.

– Мебахшед...

– Ҳоҷат ба узрхоҳӣ нест. Хуб хоҳад буд, агар ба шумо писанд ояд.

Дар раёсат аз афташ дар бораи чизе машварат доштанд. Чор ё панҷ нафар мард гирд нишаста буданд, садои ханда меомад. Дар айвончаи дари даромад рӯпоккунаки калон бо навиштаҷоти зарин овезон буд:

**Ба рӯҳияи муҳаббат ба ватан содиқ бош**

Мӯйсафед ғур-ғур карда чизе гуфт, ки ҳамон лаҳза ханда қатъ гардид. Гӯё бидуни майл вай пеш гузашт, мард бошад, – аз паси вай. Дар лаҳзаҳои фарорасии торикии шом роҳи пур аз гӯшмоҳӣ сафедӣ мекард.

Ниҳоят онҳо ба яке аз ҷариҳо, ки дар назди теғаи хомаи рег воқеъ дошт, расиданд. Дар ин ҷо деҳа тамом мешуд.

Онҳо ба тарафи рост ба пайраҳаи танг, ки мавҷи теғадор ба поён мебурд, гаштанд, баъди чанд вақте мӯйсафед ба торикие дохил шуда, ба кафи дастонаш зада, бо овози баланд фарёд кард:

– Ҳой, кампир, кани ту?

Дар поён, мустақиман дар зери пойҳо, дар торикистон чароғ пайдо шуд ва садо ба гӯш расид:

– Ман дар ин ҷо, ин ҷо... Зинапоя дар назди халтаҳо аст.

Воқеан, ин нишебиро бидуни зинапоя тай кардан имкон надорад. Се хонаро, мисли ҳамоне, ки дар поён истодааст, болои ҳам мондан мумкин аст, то ки ба ин масофа баробар шавад; ҳатто бо зинапоя то ба он ҷо расидан мушкил аст, нишебӣ қариб ба ҷарӣ монанд аст, рӯзона бошад, вай нағз дар ёд дорад, он тақрибан нишебдор ба назар мерасид. Нардбон дилпур набуд, он аз матоъҳои гуногун бофта шудааст ва агар мувозинатро гум кунӣ, дар қисмати

мобайнаш гиреҳ мезанад. Дар ҳама ҳолат ин ба зиндагӣ кардан дар қалъаи табий шабоҳат дорад.

– Дар бораи чизе ташвиш накунед, истироҳат намоед...

Мӯйсафед поён нафаромад, каме истоду рафт.

Мард аз сар то пояш бо рег олуда шуда буд, нохост ба назараш чунин намуд, ки вай ба даврони кӯдакиаш баргаштааст. Зане, ки вайро бо чароғ пешвоз гирифт, кампир номида буданд ва ӯ низ дар тасаввураш кампирро ҷой дода буд, вале хонуми дилкаш, ҳанӯз ҷавони сисола ва миёнақад будааст. Вай аз афташ ба рӯяш упо (пудра) молида буд – барои занҳое, ки дар наздикии баҳр зиндагӣ мекунанд, чеҳраи вай аз ҳад зиёд сафед буд. Умуман вай аз ӯ барои пешвози меҳрубононаю воқеан самимӣ миннатдор буд.

Вале агар чунин қабули навозишкорона намебуд, вай худро маҷбур карда наметавонист, ки аз остонаи дари ин кулба ворид шавад. Шояд вай бо андешаи он ки ӯро фиреб додаанд, даррав аз ин ҷо фирор мекард. Деворҳо ҷудо шуда рехтаанд, ба ҷойи дари дохили хона бурё овехта буданд, пояҳое, ки болопӯшро нигоҳ медоштанд қаҷ гаштаанд, тамоми тирезаҳо бо чӯбҳо мех зада шудаанд, ҷойгаҳҳои хасин, ки болои фарш партофта шудаанд, қариб фарсуда гашта, ҳангоми болояш қадам мегузорӣ, мисли исфанҷи нам шалп – шулп мекунанд.  Ба замми ҳамаи ин, ким-кадом як бӯйи нафратангези реги тосидаю гӯдохта ба машом мерасид.

Вале ҳама чиз аз кайфият вобаста аст. Вай аз меҳрубонии зан мафтун шуда буд. Боке не, ба худ мегуфт ӯ, чунин ҳолат ҳамагӣ як бор дар зиндагӣ рух медиҳад. Шояд кор омад кунаду ягон ҳашароти шавқовар пайдо шавад... Дар ҳар сурат, дар чунин муҳит ҳашаротҳо зиндагӣ мекунанд ва хушнуд ҳастанд.

Ҳисси пешакиаш ӯро фиреб надод. Ӯ акнун мехост ба ҷойи барояш пешниҳодкарда дар назди оташдони дар фарши заминӣ кандашуда, бишинад, ки ба гӯшаш садои хишир-хишир расид, гӯё борон сар шуда бошад.  Ин анбӯҳи кайкҳо буданд. Вале бо ин кор ӯро тарсонидан намешавад. Энтомолог ҳамеша ба чунин қорҳои ногаҳонӣ омода мебошад. Фақат аз даруни либос хокаи зарурӣ пошидан зарур аст ва қисматҳои урёни бадан бо марҳами зидди ҳашарот молида шаванд.

– Ман ягон чизи хӯрданӣ омода мекунам, барои ҳамин алҳол каме дар торикӣ интизор шавед, – зан хам шуда чароғро гирифт.

– Чӣ, магар шумо як чароғ доред?

– Бале, мутаассифона...

Вай гунаҳкорона табассум кард – дар рухсораи чапаш чуқурича пайдо шуд. Вай бисёр чеҳраи диққатҷалбкунанда дорад, аз дил гузаронд мард. Фақат ифодаи чашмонаш ким-чӣ хел аҷоиб мебошанд. Шояд чашмонаш ягон беморӣ дошта бошанд. Пилкҳои шамолхӯрдаи чашмонро ҳатто молидани упо ҳам аз назар пинҳон карда натавонист. Пеш аз хоб ба чашмон чаконидани қатраи доруро фаромӯш кардан даркор нест...

– Вале то хӯрдани таом мехостам оббозӣ кунам.

– Оббозӣ?

– Чӣ, магар ин имкон надорад?

– Бисёр мутаассифам, вале то баъди фардо мунтазир бояд шуд.

– То баъди фардо? Вале то он рӯз ман дар ин ҷо нахоҳам буд, – ғайриихтиёр баланд хандида гуфт ӯ.

Наход?..

Зан пушташро гардонид, китфони вай ларзиданд. Шояд ғамгин шуда бошад. Сокинони деҳот ҳатто кӯшиш

намекунанд худро бардурӯғ вонамуд созанд. Мард аз рафтори номуносибаш ҳиҷолат кашида, хиҷиломез лабонашро хоид.

– Майлаш, агар ҷойи оббозӣ кардан набошад, кофӣ хоҳад буд, агар ба сарам об резам. Охир аз сар то поям пур аз рег асту...

– Бубахшед, фақат як сатилча об мондааст... То чоҳ роҳ хеле дур аст ва...

Вай ким-чӣ хел оҷизу ҳақир аст. Хайр майлаш, дигар ягон чиз намегӯям. Вале баъдтар фаҳмид, ки оббозӣ дар ин ҷо ягон маъно надорад.

Зан моҳии обпаз ва шӯрбо аз моллюскаҳои баҳриро овард. Умуман ғизои соҳили баҳр ва он бад нест. Ҳамин ки вай ба хӯрдани ғизо сар кард, зан болои сари ӯ чатри калони коғазинро боз кард.

– Ин барои чӣ?

(Шояд ягон анъанаи маҳаллӣ бошад).

– Дар акси ҳол ба ғизо рег меафтад.

– Чаро? – Вай ба арши хона нигоҳ кард ва тааҷҷуб намуд, зеро дар он ҷо ягон сӯрохиеро надид.

– Рег аст, мефаҳмед, ки... Зан низ ба арши хона назар кард. Он аз ҳама тараф парида меояд... Агар як рӯз онро нарӯбӣ, ба андозаи се ангушт ҷамъ мешавад.

– Шояд боми хона сӯрох шуда бошад?

Не охир, вақте он тамоман нав буд, рег боз ҳам ба ин ҷо ворид мешуд... Воқеан ҳам аз рег дида дигар чизи даҳшатноктар нест. Он аз чархчӣ (кирми чӯбхӯр) ҳам бадтар аст.

– Чархчӣ?

– Ин як намуди гамбусакҳо, ки дарахтро сӯрох мекунанд.

– Шояд термитҳо (арзамӯракҳо) бошанд?

– Не, медонед, сахтакак мебошанд.

– А-а, дар ин сурат, гамбусакҳои чӯбхӯрак мебошанд.

– Чӯбхӯракҳо?

– Сурхачобанд, бо мӯйлабҳои дароз. Ҳаминҳоянд?

– Не, не, инҳо ба монанди донаи биринҷ мебошанд ва рангашон қаҳваранг аст.

– Ана гап дар куҷо! Дар ин сурат ин гамбусаки тирукамон аст.

– Агар назорат накунӣ, он ана ҳамон болори чӯбинро дар кӯтоҳтарин муддат мепӯсонад.

– Кӣ, гамбусаки тирукамон?

- Не, рег.

– Чаро?

– Он аз байни ҳама чиз мегузарад. Ва вақте шамол аз ҷониби ноқулай мевазад, рег ба болои сақфи хона медарояд ва агар тоза накунӣ, он қадар зиёд мешавад, ки чӯбҳои болохона бардошт карда наметавонанд.

– Бале, набояд гузошт, ки рег дар болохона зиёд ҷамъ шавад... Вале, бароятон каме аҷиб наменамояд гуфтани он ки рег метавонад болори чӯбинро пӯсонад?

– Чаро? Мепӯсонад.

– Охир рег маҳз бо он фарқ мекунад, ки ниҳоят хушк аст.

– Дар ҳама сурат мепӯсонад.... Ба шумо гуфта истодаам, пойафзолҳои навро ин ҷо гузоред ва регро аз болояшон нарӯбед – баъди ним моҳ аз онҳо чизе боқӣ намемонад.

– Ман намефаҳмам, барои чӣ.

– Дарахт мепӯсад ва баробар ба он рег ҳам мепӯсад... Кӯшиш кунед тахтаҳои арши хонаро, ки ба болояшон рег рехтааст, канда гиред, – дар он ҷо чунон хоки серҳосилро

пайдо мекунед, ки ҳатто метавонед дар он бодиринг парвариш намоед.

– Гапи беҳуда! – таҳқиромезона рӯяшро турш кард мард. Ба назараш чунин намуд, ки таассуроти вай дар бораи рег аз ҷониби зан бинобар сабаби ҷаҳолаташ ҳаром карда мешавад. – Ман охир худам ҳам дар бораи рег баъзе чизеро медонам... Медонед чӣ, ин рег ана ҳамин хел тамоми сол ҳаракат мекунад... Ҳаёти вай дар ҳаракат мегузарад... Он дар ягон ҷой намеистад – на дар об ва на дар ҳаво – он бидуни ихтиёр ҳаракат мекунад... Маҳз барои ҳамин на ҳама гуна махлуқи зинда дар регзор зиндагӣ карда метавонад... Ин ба бактерияҳо, ки шароити пӯсишро ба вуҷуд меоранд, низ дахл дорад. Рег, агар донистан хоҳед, тимсоли тозагӣ мебошад, он аниқтараш метавонад пеши роҳи пӯсидани ашёро бигирад ва фикр кардан дар бораи он ки рег метавонад чизеро бипӯсонад, як гапи беҳуда аст... Шумо боз мегӯед, ки он худаш мепӯсад. Аввалан бояд бигӯем, ки рег худаш маъдани тозаю ҳалол аст.

Зан худро гум карда, хомӯш буд. Мард дар зери чатр, ки зан ҳанӯз лошта истода буд, ягон овозе набароварда, хӯрокро саросемавор мехӯрд. Ба болои чатр чунин қабати рег ҷамъ шуда буд, ки бо ангушт дар он навиштан мумкин буд.

Намии тоқатфарсо ҳукумрон аст. Не, рег намдор нест, худи тан намиро ҷабида гирифтааст. Дар болои бом шамол ғуррос мезад.

Барои гирифтани сигор дастро ба киса андохт – дар ҷайб реги зиёд ҷамъ буд. Ҳанӯз сигор накашида, мард дар даҳонаш талхии тамокуро ҳис кард.

Беҳтараш ҳашаротро аз қуттии тсианиди калийдошта берун мебарорам. Ҳоло, ки онҳо хушк нашудаанд, аз сӯзанак мегузаронам ва ақаллан панҷаҳояшонро рост мекунам.

Шунида мешуд, ки чӣ гуна зан дар зери айвон зарфҳоро мешӯяд. Эҳтимол, дар ин ҷо каси дигар зиндагӣ намекунад.

Зан баргашт ва хомӯшона ба партофтани рахти хоб дар кунҷи хона шурӯъ кард. Агар ман дар ин ҷо бихобам, пас вай дар куҷо хоб хоҳад рафт? Албатта, дар ҳуҷраи дуртар, ки дар паси бурё мавкеъ дорад. Ҳуҷраҳои дигар вуҷуд надорад. Вале аҷоиб аст, ки меҳмонро дар ҳуҷраи аввал, ки дараш ба кӯча кушода мешавад, ҷойгир кунию худат дар хоначаи дарунӣ хоб равӣ. Вале, шояд дар он ҷо бемори вазнине хоб аст, ки ҳаракат карда наметавонад... Бале, эҳтимол ин тахмини дуруст бошад. Дар ҳар сурат маҳз ҳамин хел фикр кардан табии ба назар мерасад. Гумон аст, ки зани танҳо роҳгузареро, ки бори аввал мебинад, хуб нигоҳубин намояд.

– Дар ин ҷо ягон каси дигаре ҳаст?

– Ягон каси дигар?..

– Аз аҳли оила...

– Ягон кас нест, ман тани танҳоям. – Зан аз афташ андешаҳои ӯро хонда буд, ки ғайри ихтиёр шармгинона хандид. – Аз барои ҳамин рег ҳама чиз нам мегирад, ҳатто кӯрпа ҳам...

– Шавҳаратон дар куҷост?

– Дар тӯфони соли гузашта... – Вай гаштаю баргашта бистари хоби омодашударо ҳамвору зада фах мекард ва умуман ба кори тамоман нолозим машғул буд. Дар ин ҷойҳо тӯфонҳо ниҳоят даҳшатнок мешаванд... Рег ба ин ҷо ба мисли шаршара мерезад. – То ҳай–ҳай мекунӣ, ки дар як шаб то як дзё ва ҳатто ду дзё баланд мешавад.

– Вале ду дзё охир шаш метрро ташкил медиҳад...

– Дар чунин вақт ҳар қадар регро яктарафа накунӣ, вай тамом намешавад. Ҳамин хел шавҳарам маро ҷеғ зад:

“Мурғхона дар хатар аст!” – ва ҳамроҳ бо духтарчаамон, вай аллакай дар мактаби миёна мехонд, аз хона давида баромад... Ман бошам, баромада натавонистам – назорат мекардам, ки ақаллан хона осеб набинад... Вақте ҳаво равшан ва шамол хомӯш шуд, – ман ҳам берун баромадам. Аз мурғхона осоре намонда буд. Ҷасади онҳоро ҳам наёфтам...

– Дар таги рег монданд?

– Бале, батамом.

– Ин фоҷиа аст... Кори даҳшатнок. Рег – ва чунин як кор... Ин фоҷиа аст...

– Чароғ ногаҳон хомӯш шудан гирифт.

– Боз ҳам ин рег аст. Зан гавак кашида, дасташро дароз карду хандида, бо ангуштонаш пилтаи чароғро қапида гирифт. Рӯшнойи чароғ дарҳол баланд шуд. Дар ҳамин ҳолат истода, бодиққат ба оташ нигоҳ кард ва дар чеҳраи вай табассуми азбаркарда шах шуда монд. Шояд ӯ ин корро махсус кард, то ки чуқуричаи рухсораашро нишон диҳад. Мард ғайри ихтиёр батамом ба ваҷд омад. Ин аз ҳад зиёд бешармӣ буд, охир навакак вай дар бораи ҳалоки наздиконаш нақл карда буд.

– Ҳой дар он ҷо, мо барои як каси дигар бел ва бидонҳо овардем.

Садое, ки аз дуриҳо ба гӯш мерасид, баръало шунида мешуд – аз афташ бо баландгӯяк гап мезаданд ва ин вазъиногувори дар байнашон ба миён омадаро аз байн бурд. Баъд ҷарангоси ба ҳам бархӯрдани чизҳои оҳании ҳангоми ба поён афтидан ба гӯш расид. Зан аз ҷояш бархост.

Мард ҳис кард, ки хашмгин мешавад: пинҳон аз вай корҳое шуда истодаанд, ки барояш маълум нестанд.

– Чӣ гап ҳаст? Маълум мешавад, ки дар ин ҷо каси дигаре ҳаст!

– Даркор не, хоҳиш мекунам... Зан ба мисли баъди қитиқой ба ҳам печида буд.

– –Охир худи ҳозир гуфтанд, ки: “Боз барои як каси дигар”.

– А-а-а. Ин... Онҳо дар бораи Шумо мегуфтанд.

– Дар бораи ман?.. Ба бел ман чӣ алоқа дорам?

– Ҳеҷ гап не, ҳеҷ гап не, аҳамият надиҳед... Доимо онҳо ба кори дигарон дахолат мекунанд.

– Шояд онҳо хато карда бошанд?

Аммо зан ҷавоб надод ва бо зонувонаш ба тарафи дигар баргашта, пойҳояшро ба арши заминӣ поин кард.

– Ба шумо чароғ ҳанӯз ҳам даркор аст?

– Эҳтимол бе он ҳам корам буд шавад... Ба шумо магар даркор намешавад?

– Не, ин кор бароям машғулияти маъмулӣ аст.

Зан кулоҳи хасини калон, ки бо он дар саҳро кор мекунанд, ба сараш монда, ба торикӣ даромада рафт.

Мард сигори навро оташ гиронд. Дар гирду атроф ким-чӣ хел корҳои номаълум шуда истоданд. Аз ҷояш бархост ва ба паси бӯрё назар андохт. Дар он ҳақиқатан ҳам ҳуҷра буд, вале ба ҷойи рахти хоб тепачаи баланд рег, ки аз сӯрохиҳои деворҳо ворид шуда буд, дида мешуд. Аз дидани ин манзара вай шах шуда буд...Ин хона ҳам қариб мурдааст... Дохили он аллакай қариб аз нисф зиёдаш реги ҷорӣ ҳаст, ки аз ҳама ҷо ворид мешавад... реге, ки шакли худашро надорад, ба ғайр аз андозаи миёнаи аз ҳашт як ҳиссаи миллиметр... Вале ягон чиз наметавонад ба ин қувваи харобовар, ки шакли худашро надорад, муқобилият кунад... Шояд маҳз набудани шакл нишонаи олии қувва бошад...

Аммо мард зуд ба воқеият баргашт. Исто, агар ин ҳуҷраро истифода бурдан мумкин набошад, пас зан дар куҷо хоб хоҳад рафт? Ана вай дар паси девори тахтагин пасу пеш рафта истодааст. Ақрабаки соати дастии вай ҳашту ду дақиқаро нишон медод. Барояш дар чунин вақт чӣ даркор аст?

Мард дар ҷустуҷӯи об ба фарши заминӣ фаромад. Дар охири зарф каме об монда буд ва занг шино мекард. Ба ҳар сурат, ин беҳтар аст аз рег дар даҳон. Ӯ ба рӯяш об пошид, гарданашро молид ва даррав рӯҳбаланд шуд.

Дар рӯйи фарши заминӣ шамоли сард сайр мекард. Дар кӯча шояд онро паси сар кардан осон бошад. Мард бо мушкилӣ дари дар пасаш рег ҷамъшударо боз намуда, аз хона берун баромад. Шамоле, ки аз тарафи роҳ мевазид, воқеан ҳам тозатар шуд. Он тақар-туқури мошинро ба гӯш мерасонид. Агар дақиқтар гӯш андозӣ, садои одамонро низ шунидан мумкин буд. Эҳтимол, ба назар чунин расад, вале дар он ҷо назар ба рӯз сертараддудӣ бештар аст. Шояд ин шавшуви мавҷҳои баҳр аст? Осмон саросар ситоразор буд.

Равшании чароғро дида, зан баргашта нигоҳ кард. Аз бел моҳирона истифода мебурд, вай ба бидонҳои бузурги сӯзишворӣ рег пур мекард. Дар паси ӯ девори сиёҳи овезони рег истода буд. Ин тақрибан ҳамон ҷое буд, ки ӯ рӯзона ҳашарот медошт. Зан бидонҳоро бо рег пур карда, якбора ҳардуяшро бардошта, ба назди девор бурд. Ҳангоми гузаштан аз назди вай сарашро бардошт ва бо овози гирифта гуфт: “Рег...” Зан бидонҳоро дар назди он ҷое, ки нардбони танобӣ овезон буд ва дар боло пайраҳаи ба ин чуқурӣ роҳнамоӣ мекардагӣ буд, холӣ кард. Бо қираи кафи дасташ арақи рӯяшро пок кард. Реге, ки вай аллакай ба ин ҷо оварда буд, теппаи баландеро мемонд.

– Рег мекашонед?

– Ҳар қадар накашонӣ, охираш маълум нест.

Вақте ки бо бидонҳои холӣ аз паҳлӯяш мегузашт, зан бо дасти озодаш биқини вайро оҳиста тела дод, гӯё қитиқ кард. Аз ин амали ногаҳонӣ вай худро ба як тараф партофт, қариб чароғро ба замин меафтонд. Шояд чароғро ба замин монаду ба зан айнан ҳамин ҷавобро диҳад? Ӯ дудила шуд ва надонист чӣ кор кунад. Ва ниҳоят мард қарор дод, ки ҳолате, ки дар он вай қарор дорад, фоидаовартар аст. Дар чеҳрааш аломати табассумро, ки маънии онро худаш ҳам намефаҳмид, ифода намуда, бо қадаммонии ноустувор ба зан, ки белро боз ба даст гирифта буд, наздик шуд. Замоне ба пеши зан расид, сояаш тамоми девори регинро фаро гирифт.

– Зарур нест, – рӯяшро нагардонида гуфт ӯ, вазнин нафас кашида. – То он вақте ки сабадҳоро барои рег поён мефароранд, бояд шаш бидони дигарро ба он ҷо бурдан даркор аст.

Мард абрӯ чин кард. Барояш нофорам буд, ки дар баробари вай махсус чунин корро карданд, умуман бозии рӯякии кайфияти хуш. Вале новобасти аз иродаи вай чизе дар рагҳояш ҷӯш зад. Ба назараш чунин намуд, ки реги ба пӯсташ часпида ба рагҳои хунгард даромада, аз дохил хоҳиши ба миёномадаро пахш кард.

– Шояд ман ба шумо каме кумак кунам?

– Ҳеҷ гап не... Хуб нест, ки дар рӯзи аввал шуморо маҷбур кунем, ки кор кунед, ҳатто каме ҳам бошад.

– Дар рӯзи якум?.. Боз дар бораи ҳамон... Ман дар ин ҷо фақат як шаб мемонам!

– Наход?

– Бале, албатта, охир ман кор мекунам... Белро ба ман диҳед!

– Бели шумо ана дар он ҷо ҳаст, вале ҳоло шояд зарур набошад...

Дар ҳақиқат, дар зери айвон, наздикии дари даромад, дар алоҳидагӣ бел ва ду бидони барои сӯзишворӣ бо дастаҳои бастагӣ истода буданд. Инҳоро шояд ба наздикӣ аз боло партофта буданд, ҳамон вақте ки фарёд карда гуфта буданд: "Барои як каси дигар". Ҳама чиз аз пеш омода шуда буд ва ба назараш чунин намуда буд, ки онҳо нақшаҳои ӯро пешгӯй карда буданд. Охир он вақт ҳатто худаш намедонист, ки мехоҳад ба зан кумак кунад.

Ба ҳар сурат ӯ худро таҳқиршуда ҳисобид ва кайфияташ хароб шуда буд. Дастаи бел ғафс, гурмдор ва аз истифодаи зиёд сиёҳ шуда буд – ягон хоҳиши ба даст гирифтани он ба миён намеомад.

-Вай-вай, сабадҳо аллакай дар назди ҳамсояҳо мебошанд! – хитоб кард зан, гӯё дудилагии вайро надида бошад. Садои вай хушҳолонаю боваринок буд ва ба ҳолати пешинааш тамоман шабоҳат надошт. Дар ин вақт овозҳои пурҷӯшу хурӯши одамон, ки хеле вақт аз дуриҳо меомад, тамоман аз наздик ба гӯш мерасиданд. Пай дар пай фарёдҳои якхела, баъзан бо пичир-пичирҳои баланду хандаҳо бо овози гирифта шунида мешуд. Назми кор ногаҳон ӯро рӯҳбаланд кард. Дар ин ҷаҳони кучак атрофиён шояд ягон чизи аҷоиброр намебинанд, ки як меҳмони барои шабро рӯз кардан ин ҷо истодааст, ҳоло белро ба даст мегирад. Гузашта аз ин, ҳатто дудилагии вай ба назар аҷоиб менамуд. Барои он ки чароғ чаппа нашавад, ӯ бо пошнаи пойафзолаш дар рег ҷуқурӣ кофт.

– Ба фикрам, кандан дар ҳар куҷо мумкин аст, фақат дуруст кофтан даркор, ҳамин хел?

– Не охир, на дар ҳар ҷое, ки хоҳед...

– Ана дар ин ҷо?

– Дар ин ҷо мумкин, вале кӯшиш кунед, то ки таги деворро накобед.

– Дар тамоми деҳа регро дар ҳамин вақт канда мегиранд?

– Бале. Шаб рег намдор аст ва кор кардан ҳам осон аст... Вале вақте рег хушк аст... – вай ба боло нигоҳ карда гуфт: – Ҳеҷ вақт намедонӣ, ки дар куҷо ва дар кадом дақиқа девор меафтад.

Дар ҳақиқат, дар лаби ҷарӣ ба мисли тудаи барфӣ пешайвони варамкардаи регӣ баромадагӣ дида мешуд.

– Охир ин хатарнок аст!

–Ҳеҷ гап не, – бо тамасхур ва каме ишваю ноз гуфт зан. – Нигоҳ кунед, туман баланд шуда истодааст.

– Туман..

– Ҳангоме онҳо сӯҳбат мекарданд, шумораи ситораҳо дар осмон кам шуданд ва оҳиста–оҳиста ба ҳар тараф пароканда гаштанд. Дар он ҷое, ки сарҳади байни осмон ва девори регӣ буд, ким-кадом як пардаи хира туда-туда шуда мебаромад.

– Барои он чунин аст, ки рег аз ҳад зиёд туманро ба худ мегирад... Вақте ки реги намакдор туманро ба худ мегирад, он ба мисли оҳар (крахмал) сахту таранг мешавад...

– Баъд чӣ...

– Дуруст, дуруст. Ба мисли соҳили баҳр, ки аз болои он нав мавҷ гузаштааст, – аз болои вай тонк баҳузур гузашта меравад.

– Ана ин аҷоиб аст!

– Ман ҳақиқатро мегӯям... Ана барои ҳамин дар як шаб ин камари кӯҳ баланд мешавад... Аммо дар рӯзҳое, ки шамол аз тарафи ноқулай мевазад, ба ростӣ он чун кулоҳи замбурӯғ

овезон мешавад... Рӯзона рег хушк мешавад ва ҳамаи ин камари кӯҳ ба поён меафтад. Ва агар он нобоб афтад – масалан, ба рӯйи сутунҳо борике, ки бомро нигоҳ медоранд ё ягон чизи дигар – дар ин сурат кор вайрон хоҳад шуд.

Ҳавасмандии ин зан ниҳоят маҳдуд мебошад. Вале ҳамин ки он ба мафҳумҳо ва чизҳои ба вай наздик дахл кунад, ончунон ба ваҷд меояд, ки шинохта намешавад. Эҳтимол ин ягона пайроҳаест ба дили вай роҳ ёфтан. Бо вуҷуди он ки ин пайроҳа ӯро махсусан ҷалб намекард, дар талаффузи зан ким-кадом баваҷдоӣ дида мешуд, ки он хоҳиши ҳис кардани тани занро, ки дар зери либоси дағали корӣ пинҳон буд, бедор мекард.

Мард бо тамоми қувва ҳар дафъа бели дандонадорро ба регзор медаровард.

Вақте вай бори дуюм бидонҳои барои сӯзишвориро кашида овард, садоҳо шунида шуданд ва дар роҳи боло симчӯби чароғ ба ҷунбиш даромад.

Бо оҳанге, ки ба назар шояд ҳатто густохона намуд, зан гуфт:

– Сабадҳо! Дар ин ҷо бас аст, ба ман дар он ҷо кумак кунед!

Мард танҳо ин лаҳза моҳият ё вазифаи халтаҳои пур аз реги назди нардбони болоро фаҳмид. Вақте сабадҳоро болою поён мебурданд, банд аз болои онҳо ҳаракат мекард. Ҳар як сабадро чор нафар уҳда мекарданд ва чунин гурӯҳҳо, аз афташ ду ё сето буданд. Умуман, тавре ба назари ӯ намуд, инҳо ҷавонон буданд ва хеле тез кор мекарданд. Дар замоне сабади як гурӯҳ пур мешуд, сабади дигар навбати худро интизор буд. Дар шаш маротиба миқдори зиёди рег дар ҷуқурӣ бе нишон нопадид мешуд.

– Бубин, бачаҳо чӣ хеланд, оташ барин!

Бо остини куртааш араќи рӯяшро пок кард, оҳанги гапаш  пур аз меҳрубонӣ буд. Мард ба ин ҷавонон, ки ба тамом ба кор дода шуда буданду дар бораи кумаки вай ягон сухани тамасхӯромез нагуфтанд, ҳусни таваҷҷуҳ пайдо карда буд.

– Бале, дар ҷамоати шумо фармудаҳои бузургонро риоя мекунанд: “Ба рӯҳияи муҳаббат ба ватан вафодор бош”.

– Ин чӣ гуна рӯҳия аст?

– Рӯҳияи муҳаббат нисбат ба он ҷое, ки зиндагӣ мекунӣ.

– Ин ниҳоят хуб аст.

– Мард хандид. Баъд аз ӯ зан ҳам хандид. Вале, аз афташ вай худаш ҳам намедонист, ки барои чӣ механдад.

Дар боло тарақ-туруқи пикап (мошини боркашонӣ), ки  ба ҳаракат даромада буд,  ба гӯш расид.

– Барои сигоркашӣ танаффус мекунем?

– Мумкин нест, вақте онҳо аз пеши ҳама гузаштанд, даррав бо сабадҳои худ бармегарданд...

– Ҳеҷ гап не, боқимондаашро пагоҳ ҳам мумкин-ку... Вай даст афшонда, аз ҷояш хест ва ба тарафи хона роҳ пеш гирифт, вале зан фикри аз қафои ӯ рафтанро ҳам надошт.

– Ин хел намешавад. Ақаллан як бор бо бел гирди хонаро тоза кардан лозим.

– Гирди хонаро?

– Бале. Магар иҷозат дода метавонем, ки хона хароб шавад?..

– Охир аз чор тараф рег рехта истодааст...

– Ин кор моро то субҳ андармон хоҳад кард!

Зан гӯё касеро ба майдон даъват мекарда бошад, чолокона баргашту давида рафт. Шояд мехоҳад ба нишеманӣ баргардад ва корро идома бидиҳад. Аниқ,

пашшаи заррӯҳ аст, аз дил гузаронид ӯ. Ҳамааш фаҳмо аст, акнун вайро бо ин кор ба даст оварда намешавад.

– Даҳшат! Ба ҳамин минвол ҳар шаб?

– Рег истироҳат намекунад ва ба дигарон низ намемонад, ки истироҳат кунанд... Ҳам сабадҳо ва ҳам мошинҳои боркаш тамоми шаб кор мекунанд.

– Бале, аз афташ, ҳамин хел...

Оре, бешубҳа ҳамин хел аст. Рег ҳеҷ гоҳ истироҳат намекунад ва ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки касе истироҳат кунад. Мард худро гум кард. Ба назараш чунин менамуд, гӯё ӯ ногаҳон дарёфт, ки мореро, ки вай думашро зер карда буду ба назараш майдаю безарар менамуд, ниҳоят бузург будааст у каллаи заҳролудаш аз қафо таҳдидаш мекунад.

– Ин чӣ маънӣ дорад? Шумо барои он зиндагӣ мекунед, ки регро гирифта ба ҷойи дигар партоед?!

– Охир хуб нест, ки шабе бархезию бигурезӣ.

Мард дар ҳайрат монда буд. Ӯ ягон майлу хоҳиши ба чунин тарзи ҳаёт ҷалб ё шомил шуданро надошт.

– Не, мумкин аст!.. Наход ин кор то ин андоза мушкил бошад?.. Шумо тамоми корро метавонед, агар худатон хоҳед!

– Ин хел мумкин нест... Зан, ки мувофиқи оҳанги зарбаи бел нафас мекашид, бо лаҳни бепарвоёна идома дод: – Деҳа ягон хел метавонад зиндагӣ кунад, танҳо ба он хотир, ки регро бе мондашавӣ кашида берун мебарад. Вале агар мо кандани онро қатъ кунем, дар муддати камтар аз даҳ рӯз деҳа бо рег пӯшонида мешавад ва аз он чизе боқӣ намемонад... Ва дар ниҳояти кор... Ой, аз афташ навбат аллакай ба ҳамсояҳо расид...

– Барои ҳикояти шавқовар ба шумо ташаккур мегӯям... Маҳз барои ҳамин борбардорони сабадҳо аз таҳти дил кор мекунанд?

– Бале, вале онҳо, рости гап, барои ҳар рӯзи кориашон аз маъмурияти деҳа чизе ба даст меоранд...

– Агар дар маъмурияти деҳа чунин маблағҳо бошанд, пас чаро барои ҳимоя аз рег қитъаҳои ҷангал бунёд намекунанд?

– Агар ҳисобу китоб кунем, маълум мешавад, ки тарзи кори мо хеле арзон меафтад...

– Тарзи кор?.. Магар ин тарзи кор аст?! – Мард ногаҳон дарғазаб шуд. Ӯ нисбати одамоне оташин шуд, ки занро ба ин ҷо баста мондаанд, ҳамчунин нисбати зан, ки иҷозат ва ё имконият дод, вайро ба ин ҷо пойбанд намоянд. – Агар чунин бошад, ба ин деҳа часпида гирифтан чӣ лозим? Ман ба ҳеҷ ваҷҳ сабабҳои инро намефаҳмам... Охир рег он қадар чизи оддӣ нест! Хатои бузург хоҳад буд, агар фикр кунед, ки кӯшишҳои шумо садди роҳи рег шуда метавонанд. Кори беҳуда!.. Ин кори беҳударо қатъ кардан даркор... як бор ва барои ҳамешагӣ аз баҳраш гузаштан лозим аст. Ман ҳатто наметавонам ба шумо ҳамдардӣ баён намоям!

Белро ба тарафи бидонҳои дуртар хобида партофт ва ба зан нигоҳ накарда, ба хона баргашт.

Хобаш намебурд. Мард бодиққат гӯш кард, то бифаҳмад, ки зан бо чӣ кор машғул аст. Барояш каме шармовар буд: охир рафтори вай дар ниҳояти кор ин рашк ба он чизе аст, ки занро дар ин ҷо нигоҳ медорад, маҷбур кардани ӯ ба партофтани кор ва пинҳонӣ ба бистари вай омадан аст. Дарвоқеъ, он чизеро ки вай сахт эҳсос мекард, танҳо эътироз ба беақлии зан набуд. Он ниҳоят амиқтар буд. Кӯрпа боз ҳам намтар мегашт, рег ҷафстар ба тан мечаспид. То чӣ андоза ин беадолатӣ ва то чӣ андоза ин нафратовар аст. Бинобар ин, набояд худро барои он ки

белро партофта, ба хона баргаштанаш, гунаҳгор ҳисоб кунад. Чунин масъулиятро ӯ ба уҳда намегирад. Бе ин ҳам вай масъулияти зиёдеро ба уҳда дорад. Ва он чизе, ки ӯро рег ва ҳашарот кашола карда, ба ин ҷо оварданд, фақат як кӯшише, бигузор барои як муддати кӯтоҳ фирор кардан аз ӯҳдадориҳои беранги зиндагии дилбазан буду халос...

Ҳеҷ хобаш намебурд.

Зан бе истироҳат ба пасу пеш қадам мезад. Якчанд маротиба садои поин шудани сабадҳо наздик мешуд. Баъд боз дур мешуд. Агар ин амал идома ёбад, вай пагоҳ кор карда наметавонад. Охир ҳамин ки субҳ дамид, бояд аз ҷой хеста, рӯзро бо фоида гузаронад. Ҳар қадар кӯшиш мекард, ки хобаш барад, ҳамон қадар ҳушёртар мегардид. Чашмонаш ба сӯзиш даромаданд, ашк пайдо шуд, ҳарчанд мижа мезад, ба реги беист резанда, муковимат карда наметавонист. Ӯ рӯпоккунакро кушода, бо он рӯяшро пӯшонид. Нафас кашидан душвор шуд. Вале ин беҳтар буд.

Дар бораи ягон чизи дигар фикр мекунам. Ҳамин ки чашмонатро пӯшидӣ ким-кадом риштаҳои дароз алвонҷ хӯрдаю шино карда, пайдо мешаванд. Ин нақшу нигори регие мебошанд, ки дар рӯи хомаҳои рег ҳаракат мекунанд. Ним рӯз чашм наканда, ба онҳо нигоҳ кард. Ва шояд, онҳо ба шакли нақши тӯр-тӯр осор гузоштаанд. Маҳз ҳамин гуна ҷараёнҳои рег шаҳрҳои шукуфон ва империяҳои бузургро гӯронидаю ба коми худ кашидаанд. Шаҳрҳои васфкардаи Умари Хайёмро намегӯед... Дар онҳо устохонаҳои дӯзандагӣ, дӯконҳои гӯштфурӯшӣ ва бозорҳои зиёд мавҷуд буданд. Онҳоро роҳҳои ҷафсу зич печонида гирифта буданд ва ба назар мерасид, ки чизе зарар расонида наметавонад.

Чанд соли мубориза бо мақомот зарур буд, ки ақаллан ҷараёни яке аз онҳо тағйир дода шавад... Шаҳрҳои

бостонӣ, ки ба пойдории онҳо ягон шахс шубҳа надошт... Вале, дар ниҳояти кор, онҳо ҳам ба қонуни ҳаракати реги ба андозаи ҳаштяки миллиметр истодагарӣ карда натавонистанд.

Рег...

Агар аз нуқтаи назари призмаи рег нигоҳ кунем, тамоми ашёҳое, ки шакл доранд, воқеӣ нестанд. Воқеӣ фақат ҳаракати рег мебошад, ки ҳамагуна шаклро инкор менамояд. Вале дар он ҷо, дар паси девори тунук зан кандани регро идома дода истодааст. Вай бо ин дастони борику нозуки худ чӣ кор карда метавонад? Ин амал баробар ба он аст, ки кӯшиш намоӣ оби баҳрро берун кашӣ, то дар ҷойи он хона бисозӣ. Вақте киштиро ба об сар медиҳӣ, бояд донӣ, ки об чӣ гуна аст.

Ин андеша ногаҳон ӯро аз ҳисси рӯҳафтодагӣ, ки аз садои хишир-хишир кандани рег аз ҷониби зан ба миён омада буд, озод кард. Агар киштӣ дар об коршоям бошад, дар ин сурат он бояд дар рег низ ба кор ояд. Агар аз ғояи карахтшудаи хонаи беҳаракат озод шавем, зарурати мубориза бурдан бо рег аз байн меравад... Киштии озоде, ки дар регзор шино мекунад... Хонаҳои шинокунанда... Деҳа ва шаҳрҳое, ки шакл надоранд...

Табиист, ки рег моеъ нест. Бинобар ин, дар болои он чизе худро нигоҳ дошта наметавонад. Агар, барои мисол, ба болои он  пӯка (пробка), ки вазни қиёсии он аз рег камтар бошад, гузошта шавад, баъди чанде он ғарқ мешавад. Барои шино кардан дар рӯйи рег, киштӣ бояд сифатҳои тамоман дигар, яъне махсусро дошта бошад. Барои мисол, хонае, ки шакли хум (бочка)-ро дорад ва метавонад ғелида-ғелида ҳаракат намояд... Агар вай ақалан каме давр занад, метавонад реги ба болояш рехтаро афшонад ва боз ба боло барояд...

Албатта, дар сурати доимо чархзании тамоми хона сокинони дохили он  худро бехатару устувор ҳис карда наметавонанд... Дар ин ҳолат эҳтимол зарур аст ихтироъкорӣ нишон дода шавад – ақаллан як хумро ба дохили хуми дигар ҷойгир кардан даркор... ва ин корро тавре анҷом додан зарур аст, ки маркази вазни хуми дохилӣ бе тағйир бимонад ва арши хона дар поён бошад... Хуми дохилӣ ҳамеша беҳаракат мемонаду танҳо хуми берунӣ чарх мезанад... Хонае, ки чун раққосаки соати бузург алвонҷ мехӯрад... Хона-гаҳвора... Киштии регзор...

Деҳаҳо ва шаҳрҳо иборат аз анбӯҳи ин киштиҳо, ки дар ҳаракати доимӣ қарор доранд...

Ноаён барои худаш, хобаш бурд.

Мардро хониши хурӯс, ки ба ғиҷирроси арғунчакҳои зангзада монанд буд, бедор кард. Бедоршавии ноором ва нофорам. Ба назар чунин мерасид, ки нав субҳ дамидааст, вале ақрабаки соат ёздаҳу шонздаҳ дақиқаро нишон медод. Воқеан, офтоб ба мисли нисфирӯзи нурпошӣ мекард. Барои он ин ҷо нимторик аст, ки хона дар умқи ҷуқурӣ қарор дорад ва нурҳои офтоб ҳанӯз ба дохили он ворид нашудаанд.

Ӯ саросемавор аз ҷояш парида хест. Аз рӯй, сар ва синааш хишир-хиширкунон рег рехта рафт. Дар гирди лаб ва бинӣ реги бо арақ омехтаю хушкшуда часпида буд. Мард бо тарафи пушти дасташ онро пок карда, бо гарангӣ мижа мезад. Аз чашмони шамолхӯрдааш беист ашк мерехт, гӯё аз рӯйи пилкҳои чашм бо ким-чизи шахшӯл гузашта бошанд. Барои шӯстани рег, ки ба кунҷҳои намноки чашм даромада буданд, оби ашкҳо кифоя набуд.

Ӯ ба назди хум, ки дар рӯйи фарши заминӣ истода буд, рафт, то каме об бигирад ва ин лаҳза занро дид, ки дар

қарибии оташдон хур-хур карда хобида буд. Сӯзиши чашмонро фаромӯш кард, нафасашро нигоҳ дошт.

Зан тамоман урён буд.

Аз паси пардаи ашк, ки чашмро пӯшонида буд, ба назараш зан ҳамчун сояи ноаён ва норавшан намуд. Вай дар болои бурё бе ягон бистар, ба пушт хобида буд, тамоми баданаш, ба ғайр аз сар, ба маърази тамошо гузошта шуда буд, дасти чапаш каме поёни шикамашро мепӯшонид. Кунҷҳои хилвати бадан, ки одамон одатан пинҳон медоранд, кушода буданд ва танҳо чеҳра, ки касе аз нишон додани он шарм намедорад, бо рӯйпоккунак печонида буд. Ин, албатта, барои аз рег эҳтиёт кардани чашм, даҳон ва бинӣ мебошад, вале боз ҳам чунин тазод урёнии занро баръалотар нишон медод.

Тамоми бадани вай бо қабати тунуки рег пӯшонида шуда буд. Рег ҷузъиёти майдаро пинҳон ва хатҳои назокати занонаро нишон медод. Вай ҳамчун муҷассамаи аз реги тиллоӣ сохташуда, ба назар мерасид. Ногаҳон аз зери забони мард оби часпак баромад. Вале ӯ онро фурӯ бурда натавонист. Реге, ки дар даҳон байни лабу дандонҳо дармонда, обро ҷабида буд, дар даруни даҳон паҳн гардид. Ӯ ба фарши заминӣ хам шуд ва ба туф кардани оби бо рег омехтагашта, шуруъ намуд. Вале ҳар қадар туф накард, ҳисси шахшӯлӣ дар даҳон аз байн нарафт. Чунин ба назар мерасид, ки дар байни дандонҳо рег аз сари нав пайдо мешавад.

Хушбахтона, хум нав бо об пур карда шуда буд. Даҳонро обгардон ва рӯяшро шуста, мард ҳис кард, ки ба ҳаёти маъмулӣ баргашта истодааст. Ҳеҷ гоҳ ба ин андоза хосияти таъсирбахшии фавқулоддаи обро дар худ имтиҳон накарда буд. Ба мисли рег, об ҳам минерал мебошад, вале

ин то андозае тоза, моддаи ғайриорганикии шаффоф мебошад, ки назар ба ҳамагуна дигар организмҳои зинда ба бадан тезтар пайваст мешавад... Вақте обро оҳиста ба гулӯяш мерехт, вай худро ҳамчун ҳайвоне тасаввур кард, ки ғизояш аз санг иборат аст...

Мард боз баргашт ва ба сӯи зан нигоҳ кард. Вале хоҳиши ба он наздик шуданро надошт. Ба зане, ки бо пардаи регӣ пӯшонида шудааст, нигоҳ кардан гуворо аст, вале ба вай даст расонидан гумон аст, ки форам бошад.

Ба ваҷд омадан ва ғазабе, ки шаб аз сар гузаронида буд, акнун дар рӯшной ба назараш аз воқеият дур менамуд. Мавзуъ барои ҳикоят кардан ҳаст. Гӯё барои он ки ҳама чизи дидааш дар хотираш нақш бандад, вай бори дигар гирду атрофро аз назар гузаронида, барои оҷилан рафтан омодагӣ дид. Болои курта ва шим он қадар рег ҷамъ шудааст, ки бардошта намешавад. Барои чунин як чизи якпула ошуфта шудан нашояд. Вале резонидани рег аз либосҳо назар ба шона задану берун кардани самбӯсаки сар душвортар будааст.

Пойафзолҳо ҳам пур аз рег шуда буданд. Пеш аз он ки ин ҷоро тарк кунад, шояд ба зан ягон чиз гуфтан даркор аст? Вале агар ӯро ин лаҳза бедор кунад, вай шарм хоҳад дошт. Бале, вале пардохти ҳаққи иҷора барои хона чӣ мешавад?.. Шояд, беҳтараш ҳангоми бозгашт ба идораи картел дарояду пулро ба мӯйсафеде, ки дирӯз вайро ин ҷо оварда буд, бидиҳад?

Барои он ки садо набарорад, кӯшиш кард, ки оҳиста аз хона барояд. Офтоб ба монанди симоби ҷӯшидаистода, ба кунҷи девори регӣ  мерасид ва бо тадриҷ ба умқи ҷуқурӣ паҳн мешуд. Аз якуякбора ба рӯяш задани рӯшноии хиракунанда вай як қад парид ва чашмонашро пӯшонид.

Вале як лаҳза баъд, ҳамон дам бо аҳволи парешон ба девори регии дар рӯ ба рӯяш овезонро нигоҳ намуда, ҳама чизро фаромӯш кард.

Аз ақл берун! Нардбони танобӣ, ки дирӯз ин ҷо овезон буд, нопадид гашт.

Халтаҳое, ки вай ба хотир гирифта буд, то нимаашон бо рег пур карда буданд ва дар ҷойи пешина меистоданд. Ин маънии онро дорад, ки ӯ иштибоҳ намекунад. Ҳамин хел шуданаш мумкин аст, ки танҳо нардбон ба зери рег монда бошад?.. Вай ба тарафи девор давида рафт ва бо дастонаш регро ба дигар тараф канда партофтан гирифт. Рег бошад, муқовимат накарда, вайрон шуда ба поён мерехт. Охир вай сӯзанро намекобад-ку ва агар чизе пайдо накард, ҳар қадар кобад ҳам, натиҷа ҳамон хоҳад буд… Бо мақсади паст кардани хавотирии афзоянда, мард ҳайратзада аз сари нав ҷарии региро аз назар гузаронид.

Дар ин ҷо магар маконе нест, ки боло баромада шавад? Якчанд маротиба гирд-гирди хона чарх зад. Агар аз қисмати шимолии девор, ки ба тарафи шимол нигаронида шудааст, ба болохона барояд, имкон дорад то боло наздиктар бошад, вале ба ҳар сурат ин даҳ метр ё зиёдтар мебошад, гузашта аз ин девор аз ҳама хатарноктар аст. Илова бар ин, дар болои он пешайвони регӣ овезон аст, ки аз рӯйи шаклаш бисёр хатарнок мебошад.

Қисмати ғарбии девор ба назар нишебитар менамояд, ки қисмати дохилии каме фурӯхамидаи конусро ба хотир меовард. Назар ба ҳама нуқтаи назари некбинона, кунҷи ин ҷо панҷоҳ ва чил дараҷаро ташкил медиҳад. Барои санҷиш бояд бо эҳтиёт қадами аввалро гузошт. Ба андозаи як қадам пеш рафт – ба ним қадам фуромад. Ба ҳар сурат, агар кӯшиш кунед, баромадан мумкин.

Панҷ-шаш қадами аввал ҳамон тавре буд, ки дар назар дошта буд. Баъд пойҳо ба даруни рег ғӯтида рафтанд. Ҳатто вай фаҳмида натавонист, ки пеш рафтааст ё не, мард то зонуҳояш ба даруни рег рафт ва барои пеш рафтан дигар қувва намонда буд. Вай кӯшиш кард гавак кашида нишебиро паси сар кунад. Реги сӯзон кафи дастонро месӯзонд.Тамоми бадан арақшор гардид, ба арақ рег часпида гирифт, миҷҷаҳои чашмон ба ҳам часпиданд. Баъдтар раги по кашида шуд ва ӯ тамоман роҳ гашта наметавонист.

Мард истод, то ки каме дам бигираду нафасашро рост намояд. Ба назараш чунин намуд, ки роҳи зиёдеро тай кардааст, вале чун чашмонашро боз кард, дид, ки ҳатто ба андозаи панҷ метр ҳам боло нарафтааст. Барои чӣ вай ин қадар вақт зӯр зад? Нишебӣ ҳам назар ба он ки аз поён дида мешуд, ду маротиба вазнинтар буд. Бояд ба боло ҳаракат кард, вале ба ҷойи ин ҳама қувва аз афташ барои ба девор часпида гирифтан, сарф шуда буд. Барҷастагии регӣ, дар пеши рӯяш овезон буд, пеши роҳашро мегирифт.

Мард дасташро ба барҷастагии хушкшудаи дар болои сараш овезон буда, расонид ва дар ҳамин лаҳза таҳкурсии регӣ аз таги пояш бадар рафт. Қувваи ноаён ӯро аз болои рег партофт ва вай ба умқи чуқурӣ афтид. Дар китфи чапаш чизе қирс-қирс кард, гӯё чӯбчаҳо барои хӯрокхӯрӣ шикаста бошад. Вай дарди сустеро ҳис кард ва гӯё барои паст кардани дард, реги майда боз як муддате хишир-хиширкунон аз рӯйи нишебӣ ба поён давид. Баъд аз ҳаракат монд. Хушбахтона, зарари кифт тамоман захми саҳл будааст.

Маъс ё навмед шудан ҳоло барвақт аст.

Барои он ки фарёд накунад, худро базӯр нигоҳ дошт ва оҳиста ба хона баргашт. Зан дар ҳолати пешина хоб буд. Дар

аввал бо овози паст ва баъд баланд ва боз ҳам баландтар ӯро чеғ зад. Ба ҷойи ҷавоб додан гӯё изҳори норозигӣ баён мекарда бошад, баргашта ба шикам хоб рафт.

Аз тани вай рег шорида рехт ва баъзе қисмҳои китф, дастон, паҳлӯ ва миёнаш урён шуд. Вале барои мард ҳеҷ муҳим набуд. Ба назди вай омада, аз сараш рӯпоккунакро кашида гирифт. Чеҳраи зан, ҳамааш пур аз ким-кадом доғҳо буд, нофорам ва дағал, баданаш ҳам бар асари таъсири рег дурушт шуда буд.

Сафедии аҷоиби чеҳраи ӯ, ки дирӯз дар рӯшноии чароғ вайро ба ҳайрат андохта буд, ба воситаи упо (пудра) ба даст омада буд. Ҳозир бошад, упо дар баъзе ҷойҳои рӯй тоза шуда ва ҷо-ҷо боқӣ мондааст. Ба ёдаш котлетҳои арзони бе тухм омодашудае омад, ки дар болои онҳо сафедии орди гандумӣ дида мешуд.

Ниҳоят зан чашмонашро нимбоз карда, аз рӯшноии баланд чашмонашро нимпӯш намуд. Мард занро аз китфонаш дошта, бо тамоми қувва таккон доду тез ва илтиҷоомезона гуфт:

– Гӯш кунед, нардбон нест! Бо кадом роҳ ба боло баромадан мумкин аст? Охир аз ин ҷо бе нардбон берун рафтан ғайриимкон аст!

Зан рӯйпоккунакро кашида гирифт ва ногаҳон ба тезӣ бо он якчанд маротиба ба рӯяш зад ва пушташро ба тарафи вай гардониду рӯйнокӣ ба болои бурё афтид. Шояд вай шарм дошт? Вай метавонист ин корро барои дафъаи дигар мемонд. Мард фарёд кашид, аниқ барошуфта шуд:

– Ин шӯхӣ нест! Агар худи ҳозир нардбонро надиҳӣ, аҳволат бад мешавад! Ман саросема ҳастам! Ту онро куҷо бурдӣ, бало занад туро? Шӯхӣ кун, вале меъёрро нигоҳ дор! Ҳамин лаҳза онро бидеҳ!

Вале зан ҷавоб намедод. Вай ҳамон тарз хобида буд, фақат сарашро каме аз як тараф ба тарафи дигар меҷунбонид.

Аз чӣ бошад, ки мард ногаҳон хомӯш шуд ва сарашро хам кард. Нигоҳаш хира шуд, гулӯяш раг кашид ва қариб нафасгир шуд. Вай нохост бемаънигии ин пурсишро дарк кард. Нардбон-ку танобӣ аст... Нардбони танобӣ худаш истода наметавонад... Ҳатто агар он дар дастат бошад ҳам, аз поён вайро дуруст карда намешавад. Аз ин мебарояд, ки онро зан не, балки каси дигаре, ки дар боло, дар роҳ буд, гирифтааст... Рӯйи нотарошида ва бо рег олудашудааш ниҳоят баднамою нафратомез ба назар мерасид.

Рафтори зан, хомӯшии вай ба худ маънии ғайривоқеӣ ва ҳавлангезро гирифта буд. Паси сар мешавад, фикр мекард ӯ, вале дар умқи майнааш дарк мекард, ки бадтарин интизориҳояш амалӣ шуданд. Аниқтараш нардбонро бо хабардории зан ва албатта, бо розигии вай бурдаанд. Бидуни ягон шакку шубҳа зан дар ин кор шарик аст. Ва ҳолату тарзи  феълии хоб рафтанаш аз шарм не, балки аз духӯрагии вазъияташ мебошад. Ин тарзи хобравӣ, бешубҳа ҳолати ҷинояткор ва шояд қурбоние бошад, ки омодааст ҳама гуна ҷазоро қабул намояд. Онҳо ин корҳо хеле ба таври хуб анҷом доданд. Ман ба ин доми лаънатӣ афтидам. Фирефтаи доми ҳашароти заррӯҳ гаштам ва он маро ба биёбоне даровард, ки аз он ҷо роҳи баромад нест, аниқ ба монанди муше, ки аз гуруснагӣ гирифтори ҳалокат шудааст...

Аз ҷояш парида хеста, ба ҷониби дар давид ва бори дигар ба берун сар бароварда, нигоҳ кард. Шамол бархост. Офтоб қариб дар болои мобайни чуқурӣ қарор дошт. Аз реги тафсон мавҷҳои ҳаво ба боло мисли пардаҳои нами

негативӣ шино мекарданд. Девори регин ҳамоно баланду баланд мешуд. Девор, албатта, ҳамаро медонист ва гӯё ба мушакҳо ва устухонҳои вай дар бораи бемаънигии муқобилият ишора мекард. Ҳавои сӯзон ба бадани инсон сузан мезад. Ҳавои тафсон ҳамоно тоқатнопазир мегардид.

Ва мард ногаҳон ба мисли девона наъра кашид. Вай ким-кадом калимаҳои бемаъниро бо доду фиғон ба забон меовард, калимаҳоеро пайдо карда наметавонист, ки ноумедии худро баён намоянд. Вай бо тамоми қувааш фиғон мекард. Ба назараш чунин менамуд, ки ин хоби даҳшатнок аз фарёди вай тарсида, канор мешавад ва барои шӯхии бемаъниаш узр хоста, ӯро аз чуқурии регзор бадар мекунад. Вале садо, ки ба доду фарёд одат накарда буд, борик ва суст ба гӯш мерасид. Илова бар ин, аз тарафи рег ҷабида гирифта мешуду дар шамол пароканда мегардид ва гумон аст, ки то дуриҳо рафта расад.

Ногаҳон гулдурроси тарснок ба гӯш расид ва мард хомӯш шуд. Тавре шаби гузашта зан пешгӯи карда буд, камари регии қисмати шимолии хушкшуда, фурӯ рафт. Тамоми хона шикоятомезона нолиш кард, гӯё онро ким-кадом неруи ноаён тоб дод ва барои нишон додани дарду алами он аз сӯрохиҳои байни арш ва девор хишир-хиширкунон хуни хокистаранг рехтан гирифт. Оби даҳон пур шуда буд,  гӯё зарба ба мард омада зада бошад, ки меларзид...

Вале ба ҳар сурат ин маънӣ надорад. Ким–кадом ҳодисаҳое, ки аз чаҳорчӯбаи ақл бурун мебошанд. Магар мумкин аст, одамро, ки ба рӯйхати оила дохил карда шудаасту кор мекунад, андоз месупорад ва ҳуқуқи ройгон барои истифодаи хизматрасонии тиббӣ дорад, ба мисли муш ва ҳашарот ба дом андохт? Шояд. Эҳтимол, ба ягон

хатогӣ роҳ дода шудааст. Бале, албатта, ин иштибоҳ аст. Ба ғайр аз ин, роҳи дигаре намонда буд, ки чунин ҳисоб кунӣ – ин иштибоҳ аст.

Қабл аз ҳама, бо онҳо кардани он коре, ки бо ман кардаанд, корест аҳмақона. Охир ман асп ё наргов нестам ва муқобили хоҳиши ман касе маҷбур карда наметавонад, ки кор кунам. Дар сурате, ки ман ба ҳайси қувваи корӣ ба кор намеоям, барои дар деворҳои регин нигоҳ доштани ман зарурат намемонад. Ба гардани зан бор кардани нонхӯри зиёдатӣ чӣ зарур аст?

Вале, аз чӣ бошад, боварӣ вуҷуд надошт... Ӯ ба девори регӣ, ки аз ҳама тараф иҳотааш карда буд, вай кӯшиши бебарори худро дар бораи берун шудан аз ин ҷойро, ки барояш ногувор буд, ба ёд овард... Ҳар қадар дар гирди девор чарх назанӣ, фоида надорад. Ҳисси нотавонӣ ӯро карахт карда буд... Аз афташ, ин ҷо ким-кадом як олами махсуси аз ҷониби рег хӯрдашуда мебошад ва ба он меъёрҳои маъмулӣ рост намеояд... Агар шубҳа кунӣ, омилҳо барои шубҳа кардан хеле зиёд аст... Масалан, он зарфҳо ва бел, ки махсус барои вай омода карда шудаанд, агар рост бошад, дар ин сурат, ҳамчунин рост аст, ки нардбони танобиро махсус бурданд. Дигар, магар хомӯш будани зан оид ба вазъи мавҷуда ва мисли ғулом ба зиндагии тоқатфарсо тан доданаш шаҳодати дар хатар будани зиндагии ман нест, магар? Шояд ҳамчунин аз суханони дирӯзаи вай фаҳмида мешуд, ки ӯ ба муддати тӯлонӣ дармондааст, суханони оддӣ набуданд?

Боз як тармаи хурди регӣ фурӯ рафт.

Мард, ки тарсида буд, ба хона баргашт. Вай рост ба назди зан, ки чун пештара рӯ ба замин дар болои бурё хобида буд, омад ва бо қаҳр қулоч кашид. Бадбиние, ки

вайро фаро гирифта буд, ба чашмонаш ҷорӣ шуда, бо дард ба баданаш гузашт. Вале, ногаҳон ба зан даст нарасонида, бемадор шуд ва дасташро поин кард. Шояд вай зид набуд торсакӣ занад. Эҳтимол зан ҳам интизори чунин амали мард буд? Албатта, вай инро интизор аст. Охир ҷазо он чизе нест, ба ҷуз он эътирофи ҷинояте, ки ҷуброн шудааст.

Мард пушташро ба тарафи зан гардонида, худро ба замин афканд, сарашро ба дастонаш гирифта, хомӯшона гиря кард. Хост оби даҳонашро, ки пур шуда буд, фурӯ барад, вале натавонист, он дар гулӯяш дармонд. Аз афташ пардаи луобӣ нисбати маззаю бӯйи рег ҳассос шуда буд ва ҳар қадаре, ки вай дар ин ҷо намонад, одат карда наметавонад. Оби даҳон ба лахтаи тираи кафккунанда, ки дар кунҷҳои даҳон ҷамъ мешаванд, мубаддал шуда буд. Баъди туф кардани оби даҳон вай шахшӯлии регро, ки дар даҳонаш монда буд, бештар ҳис кард. Фақат даҳон хушк ва дардманд шуд, гӯё дар он ҷо ҳама чиз шамол хӯрда бошад.

Майлаш, чораи дигар нест. Ҳатман бояд бо зан суҳбат кард ва ӯро маҷбур бояд кард, ки муфассал дар бораи ҳама чиз нақл кунад. Агар вазъият ба таври зарурӣ муайян гардад, ӯ роҳи халосиро пайдо карда метавонад. Надоштани нақшаи амал хуб нест. Вале ин вазъияти аблаҳонаро чӣ гуна таҳаммул кард?.. Чӣ кунем, агар зан ба ягон савол ҷавоб надиҳад? Воқеан ин аз ҳама ҷавоби даҳшатовар мебуд. Ва чунин имконият ҳам сарфи назар нахоҳад буд. Боз ин хомӯшии якравонаи вай... ва барои чӣ вай зонуҳояшро қат карда, ба мисли қурбонии беҳимоя хобидааст?..

Тарзи рӯ ба замин хобидаи зани урён аз ҳад зиёд бешармона буд, дар он чизе аз ҳайвон дида мешуд. Чунин ба назар мерасид, ки агар ба он даст расонӣ, омода аст ба

пушт баргардад. Танҳо бо фикр кардан дар ин бора вай қариб буд нафасгир шавад. Вале ногаҳон ӯ худро мисли ҷаллод, ки занро азоб медода бошад, худро дар болои тани вай, ки олуда рег буд, дид. Ва фаҳмид... Дер ё зуд ин кор мешавад! Ва он вақт вай ҳуқуқ надорад чизе бигӯяд...

Дарди тезе поёни шикамаш тоб дод. Пешобдон омода буд, ки кафад, соҳибашро барои озод кардан аз пешоб даъват мекард.

Баъди холӣ кардани пешобдон мард бо дарки ҳисси сабукӣ бухорҳои вазнинро нафас кашида, каме рост истод... Вай интизор набуд, ки дар вақти истоданаш метавонад ягон умеде пайдо намояд. Ӯ ҳеҷ наметавонист худро маҷбур кунад, ки ба хона баргардад. Дуртар аз зан вай боз аёнтар дарк мекард, ки дар назди он будан чӣ қадар хатар дорад. Не, шояд иллат на дар худи зан, балки дар чӣ гуна, ба кадом тарз хобидани вай бошад. Ягон бор чунин зани бешармро надида буд. Не, ба ҳеҷ ваҷҳ ба хона барнамегардад. Тарзу ҳолати хобидани зан ниҳоят хатарнок аст.

Дар ҳаёт ифодае вуҷуд дорад: шабеҳи мурда шудан. Ин ҳолати фалаҷӣ мебошад, ки ба он як қатор намудҳои ҳашарот ва анкабӯтҳо дар мавридҳои ногаҳон ба онҳо ҳамла шудан, гирифтор мешаванд... Расми пора-пора шуда. Фурӯдгоҳи низомие, ки аз ҷониби девонаҳо ишғол шудааст... Мехост боварӣ ҳосил намояд, ки ҳолати беҳаракатие, ки худаш қарор дорад, метавонад тамоми ҳаракатҳоро дар ҷаҳон таваққуф кунонад – охир барои қурбоққаҳои ба хоби тӯлонии зимистона рафта, чунин фасли сард вуҷуд надорад.

Дар муддате, ки вай орзу мекард, сӯзиши офтоб боз ҳам тоқатфарсотар мегашт. Мард барои он ки аз нурҳои

сӯзони офтоб халосӣ ёбад, гӯё чандин бор печалак зад. Баъд базудӣ сарашро хам карда, аз гиребони куртааш дошту онро бо зурӣ кашид.  Се тугмаи болоӣ ба ҳар тараф париданд. Реги дар зери гиребон дармондаро афшонда, суханони занро дар бораи он ки рег ҳеҷ вақт хушк намешавад ва барои тадриҷан пӯсонидани ҳама чизи гирду атроф, он ҳамеша ба дараҷае намнок аст, ба ёд овард. Мард куртаашро кашида, барои он ки шим аз шамол каме хушк шавад, камарбандашро суст кард. Вале, дар маҷмӯъ барои ин қадар бетоқатӣ зоҳир кардан, зарурат набуд. Нотобӣ тавре ногаҳон пайдо шуда буд, ҳамон тавр ба зудӣ нопадид гашт. Аз афташ рег неруи аз ҳад зиёдашро баъди рӯ ба рӯ шудан бо шамол аз даст медиҳад.

Ин лаҳза ба сараш чунин фикр омад, ки вай иштибоҳи ҷиддӣ кардааст, зеро ба урёнии зан ниҳоят бисёр яктарафа баҳо додааст.  Албатта, дар ин ҷо гуфтан намешавад, ки зан кӯшиши ниҳонии ба дом афтонидани вайро надошт. Вале, наметавон сарфи назар кард, ки ин як одате ҳаст мувофиқ ба шароитҳои маҳаллӣ. Возеҳ аст, ки зан танҳо қарибиҳои дамидани субҳ хоб меравад. Дар хоб одам ба осонӣ арақ мекунад. Агар зарур бошад рӯзона ва боз дар болои реги тафсон хоб равед, албатта табиист, ки мехоҳед урён бошед. Ба ҷойи зан агар ӯ мебуд, ҳатман вай ҳам дар сурати будани шароит луч хоб мерафт.

Ин дарёфт базудӣ мардро ба мисли он ки шамоли сахт бадани арақинро аз рег озод менамояд, аз ҳиссиёти вазнин раҳо кард. Амиқтар кардани тарсу ҳароси худ маънӣ надорад. Марди ҳақиқӣ метавонад чандин девори оҳанин ва бетониро хароб сохта, фирор кунад. Фақат аз дидани танҳо намуди қаср бе аниқ муайян кардани он ки калиди боз намудани он вуҷуд дорад  ё не, рӯҳафтода шудан зарур нест...

Саросема нашуда, ба рег ғутазанон ба ҷониби хона равон шуд. Ин дафъа бояд бо зан оромона суҳбат намояд ва ҳама маълумотҳои заруриро аз вай фаҳмида гирад... Ҳақ ба ҷониби зан буд, вақте вай бо доду фарёд ба ӯ дарафтод, хомӯш монд ва чизе нагуфт... Шояд барои он вай хомӯш буд, ки аз шарм чизе гуфта наметавонист: вай ягон чораи дигаре надошт, то мард ӯро урён набинад?

Баъди равшании чашмхиракунандаи реги тафсон хона ба назараш тираю тор намуд. Ҳавои дами гарм бӯйи мағор менамуд, аз берун тамоман фарқ мекард. Ногаҳон ба назараш чунин намуд, ки мубталлои таваҳҳум шуда истодааст.

Аз зан дараке набуд. Барои лаҳзае вай карахт шуд. Фол дидану муаммо кушодан бас аст! Вале дар маҷмӯъ ин ҷо ягон муаммое вуҷуд надорад. Зан, албатта, дар ҳамин ҷост. Ӯ бо сари хам ва хомӯш пушташро гардонида, пеш аз зарфи пур аз об дар назди дастшӯяк рост истодааст.

Вай аллакай либосҳояшро пӯшидааст. Аз кимоно ва шалвори бо рангҳои мувофиқи сабзи паст ва нақшу нигори баланд гӯё бӯйи тару тозаи марҳами пӯдина меомад. Бале, дар ин ҷо чизе аз ин беҳтар гуфта намешавад. Боз ҳам дар бораи зан аз ҳад зиёд фикр мекунад. Вале дар чунин як шароити ниҳоят тоқатфарсо, илова бар ин, дар сурате, ки вай аз хоб сер нашудааст, наметавонист ба хаёлбофӣ дода нашавад.

Бо як дасташ зан ба кунҷи зарфи об такя намуда, ба об нигоҳ мекард ва бо ангушташ дар рӯйи об давра мекашид. Мард боғайратона куртаи аз рег ва арақи бадан вазниншударо ба дасти зан печонид.

Зан баргашт ва бо эҳтиёт назар кард. Чеҳраи вай ончунон табии саволи бесадою илтиҷоро баён мекард, гӯё

тамоми умри худро вай бо чунин қиёфа паси сар кардааст. Мард аз рӯи имконият мехост худро тарзе нигоҳ дорад, ки гӯё ягон воқеа рух надода бошад.

– Ҳаво тафсон аст, ҳамин хел не?.. Дар чунин гармӣ намехоҳӣ куртаатро ба бар кунӣ.

Вале зан ҳанӯз ҳам ба вай нобоварона, суоломезона ва аз зери чашм нигоҳ мекард. Ниҳоят беҷуръатонаю хандаи сохта зан бо овози канда-канда гуфт:

– Бале... рост аст... Вақте ки дар тан либос дошта бошию арақ кунӣ, дар баданат саропо доначаҳои регӣ пайдо мешавад...

– Доначаҳои регӣ?

– Аҳа... Пӯсти бадан сурх мешавад... ба мисли сӯхтагӣ мешавад ва пӯст мехезад.

– Ҳм, пӯст мехезад? Ман фикр мекунам, ки пӯст аз намнокӣ метосад.

– Шояд, метавонад бо ин сабаб ҳам бошад... Маълум мегардид, ки зан каме боҷуръаттар гашта, забонаш кушода шуда буд. – Ҳамин ки ба араққунӣ сар кардем , кӯшиш мекунем тамоми чизҳоеро, ки мумкин аст, аз тан берун кунем... Худатон дида истодаед, ки чӣ гуна мо зиндагӣ карда истодаем, набояд тарсид, ки бо ин ҳолат ба чашми касе афтида монданамон мумкин аст...

– Бале, албатта... Медонед, бароям ногувор аст, вале ба ҳар сурат мехоҳам аз шумо хоҳиш намоям, то ки ҳамин куртаи маро бишӯед.

– Майлаш, айни муддао, пагоҳ об меоранд.

– Пагоҳ?.. Пагоҳ, ба фикрам, бароям дер аст... Мард ҳм-ҳм кард. Бо як ҳаракати чолокона барояш муяссар гардид, ки сӯҳбатро ба ҷараёни зарурӣ равона созад: Гуфтагӣ барин, кай маро ба боло мебардоранд? Барои ман

ҳамаи ин ниҳоят ноқулай аст... Барои чунин як хизматчии оддӣ ба мисли ман вайрон кардани қоидаҳои муқарраргардида ҳатто барои ним рӯз, метавонад оқибатҳои ҷиддӣ биоварад. Ман намехоҳам ягон дақиқаро аз даст диҳам... Гамбусакҳо аз ҷумлаи ҳашаротҳое мебошанд, ки хеле паст аз сатҳи замин парвоз мекунанд...Онҳо дар маҳалҳои регзор ниҳоят зиёданд, шумо медонед, ки онҳо чӣ гунаанд?.. Ман мехостам маҳз дар давраи рухсатиам кӯшиш намоям ақаллан ягон намуди нави ин ҳашаротро пайдо намоям...

Зан каме лабонашро ҷунбонид, вале чизе нагуфт. Чунин ба назар мерасид, ки вай худ ба худ калимаи барояш ношинос сахтболро такрор мекард. Вале мард бидуни хато ҳис намуд, ки вай боз канораҷӯй карда истодааст. Ва гӯё нохост мавзӯи сӯҳбатро тағйир дод.

– Наход шумо ягон воситаи дигаре надоред, ки алоқаро бо дигар сокинони деҳа нигоҳ доред?.. Чӣ мешавад, агар барои мисол ба зарфи обгир зарба занем?

Зан ҷавоб надод. Бо суръати санге, ки ба об партофта мешавад, вай боз ба хомӯшии наҷотбахш фурӯ рафт.

– Чӣ гап аст?.. Барои чӣ хомӯш ҳастед? – Мард қариб буд ихтиёр аз даст диҳад ва бо душворӣ аз дод задан худро нигоҳ дошт. – намефаҳмам, чӣ гап шудааст... Агар ягон хатогие рух дода бошад, ҳисоб мекунем, ки иштибоҳ шудааст – ва бо ҳамин кор тамом... Чизе буд, аллакай гузашт ва барои он ман ҷанҷол карданӣ нестам. Бинобар ин, хомӯш истодан – бадтарин чизе ҳаст, ки шумо метавонед анҷом диҳед... Бигузор. Айнан ба ин монанд хонандаҳо ҳастанд, вале ман доимо ба онҳо мегӯям: ба ҳар андозае шумо вонамуд накунед, ки гуноҳро ба гардани худ мегиред, дар амал ин кори  шумо рафтори буздилие беш

нест... Агар шумо метавонед рафтори худро дуруст исбот намоед, дар ин сурат чӣ мушкил аст, даррав бигӯед!

– Аммо... – зан чашмонашро ба дигар тараф бурд, вале садояш ногаҳон устувор садо дод. – Шумо, эҳтимол худатон аллакай фаҳмидед?

– Фаҳмидам? – Вай ҳатто кӯшиш накард, ки мушаввашии худро пинҳон кунад.

– Бале, ман фикр кардам, ки шумо ҳамаашро фаҳмидед...

– Ман ягон чизро нафаҳмидам! – Мард дар ниҳоят фарёд кашид: – чӣ гуна ман метавонам фаҳмам?! Вақте ягон гап намегӯянд, магар чизеро фаҳмидан мумкин аст?!

– Вале дар воқеият ҳам барои зан дар чунин як шароити зиндагӣ мушкил аст...

– Вале, ба ҳамаи ин ман чӣ алоқа дорам?

– Бале, эҳтимол ман дар назди шумо гунаҳгорам...

– Гунаҳгорам гуфтанат чӣ маънӣ дорад?.. Аз ҳаяҷони зиёд забонаш мепечид. – Маълум мешавад, ки маслиҳати пешакӣ буд?.. Сайдро ба дом афтонданд... Фикр карданд, ки ман ба мисли сагу гурба ба он парида медароям, фақат ба он занро ҷойгир кардан даркор...

– Дуруст аст, вале ба наздикӣ шамолҳои шимолӣ ва тӯфонҳои регӣ сар мешаванд – мо аз онҳо бисёр метарсем... Вай бо таги чашм ба дари калон кушодашуда нигоҳ кард. Дар овози пасти якранги вай боварии заиф ҳис карда мешуд.

– Ин шӯхӣ нест! Ҳатто ҳама гуна ҳарза ҳадду ҳудуд дорад! Ин кор чизи дигар не, боздоштани ғайриқонунӣ мебошад... Ҷинояти рӯирост аст... Гӯё роҳи дигар ба ҷуз зӯроварӣ вуҷуд надошт: барои мисол метавонистанд одамони бекорро бар ивази як миқдор пул даъват кунанд, теъдоди онҳо зиёд аст-ку!

– Чӣ хубӣ дорад, агар онҳо фаҳманд, ки дар ин ҷо чӣ корҳо ҳаст...

– Чӣ, агар ман дар ин ҷо бошам, бехатар аст?.. Гапи беҳуда!.. Шумо иштибоҳ мекунед! Ҳар қадар таассуфовар ҳам набошад, ман оворагард нестам! Ман ҳам андоз месупорам, ҳам ҷойи доимии истиқомат дорам... Ба наздикӣ барои ҷустуҷӯи ман ариза медиҳанд ва ба ҳамаи шумо ҷазо дода мешавад. Наход, ин бароятон нофаҳмо бошад? Ҳатто чунин як чизи оддӣ?.. Аҷоиб аст, шумо чӣ гуна ин рафтори худро шарҳ хоҳед дод... Канӣ гунаҳгорро даъват кун... Ман ба вай нағза-а-как хоҳам фаҳмонид, ки вай чӣ гуна кори аҳмақонаро сар кардааст!

Зан чашмонашро поин карда, оҳиста нафас кашид. Китфонаш хам шуданд, вале вай ҳатто наҷунбид. Аниқ ба мисли сагча, ки ба он вазифаи вазнинро додаанд. Ин ҳолат мардро бештар ба ғазаб овард.

– Чаро корро кашол медиҳӣ, ба як қарор омада наметавонӣ?.. Дар ин ҷо мушкилот на танҳо ба ман дахл дорад. Аз ин мебарояд, ки ту ҳам қурбонӣ ҳастӣ? Чӣ, магар чунин нест? Ҳамин ҳоли ҳозир худат гуфтӣ, ки агар фаҳманд дар ин ҷо зиндагӣ ба ин андоза вазнин аст, бад хоҳад шуд... Магар ин ҳолат онро исбот намекунад, ки худат эътироф кардӣ: ин хел зиндагӣ кардан мумкин нест? Бас кун нишон додани чунин чеҳраи ҳамабахшандаро – охир бо ту ҳамчун ғулом муносибат мекунанд! Ҳеҷ кас ҳуқуқ надошт туро ба ин зиндон партояд!.. Канӣ, оҷилан ягон касро ҷеғ зан! Мо аз ин ҷо раҳо меёбем!.. Аҳа, мефаҳмам... Метарсӣ, ҳамин хел не? Ту аз чӣ метарсӣ?.. Ман бо туям, охир!.. Ман дӯстоне дорам, ки дар рӯзнома кор мекунанд. Мо ҳамаи инро ҳамчун як мушкилоти иҷтимоӣ нишон хоҳем дод... Ту чӣ фикр дорӣ? Чаро хомӯш ҳастӣ?.. Ба ту гуфта истодаам, ягон ҷойи тарсу ҳарос нест!..

Каме баъдтар, гӯё барои таскин додани мард, зан ногаҳон гуфт:

– Ман хӯроки нисфирӯзиро тайёр кунам?..

Вай пинҳонӣ, аз таги чашм мушоҳида мекард, ки зан чӣ гуна картошкаро тоза мекунад ва бо азоб фикр менамуд, ки хӯроки омодашударо қабул кунад ё не.

Ҳозир маҳз чунин лаҳзаест, ки оромию хунсардӣ зарур аст... Ниятҳои зан маълум мебошанд ва ҳамагуна дудилагиро аз сар дур карда, бо ҳама умедвориҳои хушку холӣ хайрбод гуфта, душвориро дарк намуда, нақшаи воқейи аз ин ҷо халос шуданро кашидан зарур аст... Гунаҳгор кардан барои амалҳои ғайриқонуниро барои замони дигар мегузорем... Гушнагӣ бошад, фақат иродаро мекушад... барои ба сари як фикр омадан, халал мерасонад. Вале, агар вай ҳолати феълиро ба таври қатъӣ намепазирад, эҳтимол ӯро зарур аст, ки аз истеъмоли ғизо даст кашад. Хандаовар хоҳад буд, агар дар як вақт ҳам хашмгин бошию ҳам ғизо хӯрӣ. Ҳатто саг вақте ба вай хӯрок медиҳанд, ором мешавад.

Вале, саросема намешавем... Зарур нест, ки чунин як мавқеи дифоиро ишғол намоем, алҳол маълум нест, ки то куҷо ин зан амали худро идома хоҳад дод... Ҳол он ки аз вай гирифтани ягон чиз ё эҳсони бидуни подош, ҷойи гап ҳам нест... Барои ғизо бояд пулро сари вақт додан даркор... Агар маблағ пардохт шуда бошад, вай метавонад худро заррае ҳам қарздор ҳисоб накунад... Ҳатто шореҳи телевизионии бокс борҳо гуфтааст, ки ҳуҷум беҳтарин намуди ҳимоя аст.

Ҳамин тариқ, баҳонаи хубе барои даст накашидан аз истеъмоли ғизо пайдо кард ва нафаси сабук кашид. Ногаҳон вай гӯё фаҳмид, риштаи фикрро, ки доимо аз

дасташ бадар мерафт, дошта гирифт. Шояд рег душмани асосии вай бошад? Агар чунин бошад, набояд беҳуда дар назди худ ким-кадом вазифаҳои иҷронашавандаро, аз қабили рахна карда гузаштан аз монеаҳои оҳанин ва ғайра гузорад. Бинобар сабаби он ки нардбони танобӣ гирифта шудааст, нардбони чӯбин сохтан мумкин. Девори региро кандан даркор, то ки он нишебдор шавад... Агар камакак майнаи сарро об кунем, ҳамааш ҳал мешавад...

Шояд ҳамаи ин кори содда бошад ва агар бо ин роҳ мақсад ба даст ояд, ҳар қадар содда бошад ҳамон қадар хуб аст. Тавре дар мисоли тухми колумбовӣ дида мешавад, ҳама гуна қарори дуруст аксар вақт ба андозаи аблаҳона оддӣ мебошад. Дар сурате ки аз душворӣ натарсӣ... дар сурате ки ба таври воқеӣ мубориза барӣ... дар чунин ҳолат на ҳама чиз аз даст рафтааст.

Зан тоза кардани картошкаро тамом карду, онро майда намуда, бо баргу пояи шалғамчаи резашуда ба деги калони оҳанин, ки дар болои оташдон овезон буд, рехт. Зан боэҳтиёт гӯгирдро аз халтачаи полиэтиленӣ берун оварда, оташро даргиронду онро дар ҷойи пешинааш пинҳон кард. Баъд ба тушберагирак биринҷро рехт ва баъд аз он об рехт. Эҳтимол барои шӯстани рег ин корро кард. Ғизо дар дег ба ҷӯшидан сар кард, бӯйи нофорами шалғамча ба машом мерасид.

- Ростӣ, об кам мондааст, вале шояд шумо рӯятонро ҳам мешӯед?..

– Не, аз шӯстани чеҳра дида, беҳтараш каме менӯшам...

– Ой, мебахшед... Оби нӯшиданӣ дар дигар ҷой аст. – Вай аз таги дастшӯяк зарфи калони бо полиэтилен печонидашударо берун баровард. – Об он қадар сард нест,

вале хубиаш дар он аст, ки ман онро ҷӯшонидам, то ки нӯшида шавад.

– Аммо агар мо дар таги зарф каме об намонем, барои шӯстани зарфҳо об намемонад.

–Зарур нест, зарфҳоро ман бо рег тоза мекунам, бо ин роҳ онҳо тамоман тоза мешаванд.

Бо гуфтани ин калимаҳо зан аз назди тиреза як каф регро гирифта ба даруни коса партофта, онро пок кард ва ба мард нишон дод. Мард ба дараҷае дарк накард, ки коса пок шуд ё не, вале қарор дод, ки он пок шудааст. Ба ҳар сурат чунин тарзи истифодаи  рег ба тамом ба таассуроти пешини вай мувофиқат мекард.

Ӯ чун дафъаи пешина дар зери чатр ғизо хӯрд. Сабзавоти обҷӯш ва моҳии хушккардашуда. Ҳамааш каме бо рег омехта шуда буд. Агар чатр дар арш овезон карда мешуд, метавонистанд якҷоя хӯрок хӯранд, чунин андешид мард, вале тарсид, ки боз зан ин амалро кӯшиши наздикшавӣ ба вай ҳисоб накунад. Чойи навъи паст, ки фақат дар назар талху хуштамъ менамояд, тамоман бемазза буд.

Вақте вай хӯрдани ғизоро тамом кард, зан дар назди дастшӯяк нишаста, ба сараш порчаи полиэтиленро кашиду оромона ба хӯрдани хӯрок шуруъ кард. Дар ин лаҳза зан ба ким-кадом ҳашарот монанд аст, фикр кард вай. Наход вай мехоҳад то охири умр чунин тарзи ҳаётро ба сар барад?.. Барои онҳое, ки дар боло қарор доранд, ин ҷо як порчачаи ниҳоят кучаки замини бузург аст, вале аз ин чуқурӣ чизе дида намешавад, ба ғайр аз реги беканор то осмон... Ҳаёти якранг, гӯё расмест, ки дар чашмҳо шах шуда мондааст...  Ва чунин ҳаёт зане пеш мебарад, ки чизеро дар ёд надорад, вай дар тамоми зиндагиаш аз касе

сухани хушу гарм нашунидааст. Шояд баъди он, ки вай (мард)-ро ба дом афтонда, ба ӯ ҳамчун хайри махсус туҳфа доданд, дилаш ба мисли қалби духтар сахт ба таппиш даромада буд... Ба вай раҳмам меояд!..

Мард мехост ба зан чизе бигӯяд ва барои он ки суҳбатро оғоз намояд, қарор дод, сигор бикашад. Дар ҳақиқат, полиэтилен дар ин ҷо чизи зарурати аввалия ба ҳисоб меравад, бе он кор пеш намеравад. Ҳар қадар, ки донаи гӯгирди даргирондаро дар пеши сигор нигаҳ надошт, он оташ нагирифт. Вай то андозае сигорро макид, ки рухсораҳояш ба байни дандонҳо даромаданд, вале ҳар қадар кӯшиш кард, фақат маззаи дудро ҳис карду халос. Ба замми ин, дуд никотини ғафс буд ва фақат забонро яра мекарду ба ҳеҷ ваҷҳ сигоркаширо иваз намекард. Кайфияташ хароб шуд, суҳбат намечаспид, аллакай худаш намехост бо зан гап занад.

Зан зарфҳои истифодашударо ҷамъ намуда, ба замин гузошта, саросема нашуда, ба даруни онҳо рег андохт. Бо саъю кӯшиши намоён зан беҷуръатона гуфт:

– Шумо медонед... Вақти он расидааст, ки рег аз болохона ба поён партофта шавад...

– Партофтани рег? Аҳа, ҳамин тавр-мӣ, марҳамат...– бепарвоёна гуфт мард (ба ман чӣ дахл дорад? Бигузор тахтаҳо пӯсанд, сутунҳо чаппа гарданд, ба ман чӣ?) – Агар ман ба шумо халал мерасонам, шояд ба ҷое баромада равам?

– Бубахшед, хоҳиш мекунам, аммо...

Зарурате ба чунин вонамуд кардан нест! Охир намехост ҳатто ба чизе ишора намояд. Вале тану ҷони худаш тавре ноором буд, ки гӯё пиёзи пӯсидаеро газида бошад... Вале зан бо зудкории нотакрор, ки фақат ба хоси

баъзе амалҳо ҳаст, қисмати поёнии рӯяшро бо дастпоккунаки дуқабата пӯшонида, ҷорӯб, порчаи тахтаро зери каш гирифту ба рафи шкафи деворӣ, ки як табакаи дари он монда буд, баромад.

– Рости гап, агар мехоҳед тасмими маро фаҳмед, – беҳтар аст чунин хона хароб шавад!..

Вай аз чунин оташинии ногаҳонӣ, ки ин суханонро бо доду фарёд ба забон овард,  худашро гум кард, зан бошад, ба ҷониби вай баргашт, вале аз мард дида, гарангтар ба назар мерасид. Нигоҳ кун, ту ку ҳоло батамом ба ҳашарот мубаддал нагаштаӣ...

– Не, фикр накунед, ки ман танҳо аз шумо ранҷидаам. Шумо, ҳамагӣ дар ин ҷо қарор додед, ки бароятон муяссар гашт як одамро зиндонӣ намоед. Ман бошам, тоқати чунин найрангҳоро надорам. Фаҳмо? Ва агар бароятон фаҳмо ҳам набошад, барои ман фарқ надорад. Агар хоҳед, ман бароятон як ҳикояи шавқоварро нақл мекунам... Ин воқеа хеле пеш ба вуқуъ пайваста буд. Дар ҳуҷрае, ки ман ба иҷора гирифта будам, як саги безот, кӯчагии мӯйи ниҳоят ғуллӣ доштаро нигоҳ медоштам. Мӯйи бадани бечора, ҳатто дар тобистон ҳам намерехт... Афту андоми вай ҳамеша маъюс, аламзада буд ва ман қарор додам, пашми баданашро тарошам... Ва лаҳзае, ки ман тарошидани муйро тамом кардам ва мехостам пашмҳои рехтаро партоям, намедонам ба назараш чӣ намуд, ки саг ногаҳон нолиш карду як қабза мӯйро бо даҳонаш гирифта, ба ҷойи муқаррарии худ давида рафт... Шояд вай фикр кард, ки мӯйҳои тарошидашуда як қисми баданаш мебошанд ва нахост аз онҳо ҷудо шавад. – Мард аз таги чашм ба зан нигоҳ кард: вай ин ҳикояро чӣ гуна қабул мекунад?  Вале зан дар ҳолати пешина, ғайритабии ба рафи шкаф

қатшуда қарор дошт ва ҳатто кӯшиш накард, ки ба тарафи вай баргардад. – Ҳеҷ боке нест. Ҳар як одам ба таври фаҳмиши худ муҳокима мекунад... Бигзор он кандани рег бошад ё ягон кори дигар – хоҳиш мекунам мувофики хоҳиши худ амал намоед. Вале ман қотеъона ин амалро қабул надорам ва таҳаммул намекунам. Бас аст! Ҳеҷ гап не, баъди чанд вақти дигар аз ман на пай меёбеду на ҳайдар!.. Беҳуда маро ба назар намегиред... Агар хоҳам бидуни мушкилот метавонам аз ин ҷо фирор кунам... Гуфтагӣ барин, айни вақташ, ана сигор ҳам тамом шуд...

– Сигор... Соддалавҳии зан бо беақлии вай ҳамсарҳад буд. – Ин корро баъди овардани об ҳал кардан мумкин аст...

– Сигорҳо?.. Сигорҳоро ҳам?.. – Мард ногаҳон бо қаҳр гуфт. Гап дар сари ин намеравад... Балки дар бораи мӯйҳои тарошида, мӯйҳои тарошида... Наход фаҳмо набошад? Ман мехоҳам бигӯям, ки барои пашмҳои тарошида, зарур нест, ки қитъаи заминро девор бардошта, ҷудо намоӣ.

Зан хомӯш буд ва ба назар намерасид, ки вай барои сафед кардани худ омода аст, чизе бигӯяд. Вай каме интизор шуд ва вақте мутмаин шуд, ки мард гапашро тамом карда– аст, бо чеҳраи халалнопазир коркашро идома дод. Вай сарпӯшаи палконаи арши болои шкафро як тараф намуда, то миёнаш ба он баромад ва бо оринҷҳояш худро нигоҳ дошта, бо пойҳои овезон боло мебаромад. Он ҷою ин ҷо ба мисли ришта борик рег мешорид. Мард фикр кард, ки шояд дар болохона ягон ҳашароти ғайриоддӣ зиндагӣ кунад... Рег ва дарахти пӯсида... Вале боз ҳам не, бас аст, ҳолатҳои ғайриоддӣ бе ин ҳам хеле зиёд аст!

Баъд аз арши хона, аввал аз як ҷо, сипас аз ҷойҳои дигар ҷӯйчаҳои зиёди рег ба поён ҷорӣ шуданд. Ниҳоят

тааҷҷубовар бад, ки ба ин андоза ҷараёни зиёд қариб ки беовоз ба рӯйи фарш мерехт. Дар як мижа задан дар болои бурёи рӯйи фарш нақши барҷастаи арши тахтагин бо ҳама таркишу сурохиҳо боқӣ монд. Рег ба бинӣ даромад, чашмон ба сӯзиш даромада буданд. Мард саросемавор ба берун давида баромад.

Дар лаҳзаи аввал чунин ба назар мерасид, ки ба рӯйи гулхан баромада бошад, кафи пойҳо оташ гирифта буданд. Вале дар ким-куҷои дохил яхпорае боқӣ монда буд, ки ҳатто ба чунин гармии сӯзон тан намедод. Дар ким-кучои дохили бадан шарм ҷунбуҷӯл дошт. Ин зан шабеҳи ҳайвон аст... Барои вай на имрӯз вуҷуд дораду на фардо, он барои ҳамин лаҳзаю ҳамин рӯз зиндагӣ мекунад... Дар олам чунин бовари вуҷуд дорад, ки одамро ба мисли бӯри лавҳасанг ба тамом пок кардан мумкин аст... Ва ҳатто дар хоб ҳам намебинем, ки дар рӯзҳои мо, дар ким-куҷое чунин ваҳшоният вуҷуд дорад. Хайр майлаш... Агар чунин ҳисоб кунем, ки ин нишонаи беҳтар шудани саломатиаш баъди изтироби гузашта асту оромии рӯҳу танаш баргашта истодааст, шарми зикршуда он қадар кори бад нест.

Ба ҳар сурат набояд вақтро аз даст диҳем. Хуб мешавад, агар корро ҳанӯз то торикшавӣ анҷом диҳем. Чашмонашро нимпӯш карда, тахминан баландии девори мавҷдори региро, ки шишаи обшударо ба хотир меовард, муайян карданӣ мешуд. Ҳар кадар тӯлонитар ба девор нигоҳ мекард, он ҳамон қадар баландтар ба назар мерасид. Ба муқобили табиат амал кардан, албатта, душвор аст ва кӯшиш карда теппаи нишебдорро ба ростбаромада мубаддал намудан боз ҳам мушкилтар аст, вале ӯ мехоҳад теппаи ростбаромадаро нишебдор кунад, фақат ҳамин дигар чизи дигаре не. Гӯё сабабҳои дигари ақибнишинӣ боқӣ намондаанд.

Дурустараш он хоҳад буд, ки корро аз боло сар кунем. Вале, бинобар сабаби он ки ин амал ғайриимкон аст, роҳи дигаре ба ғайр аз кандани поён вуҷуд надорад. Дар аввал вай аз поёни девор то андозаи зарурӣ меканад ва интизор мешавад, ки аз боло рег фурӯ резад, баъд боз аз зери девор мекобад ва боз аз боло рег чаппа мешавад... Ин амалро такрор ба такрор анҷом медиҳад ва ҳамин тариқ, ҳар дафъа боло мебарояду дар ниҳояти кор дар қисмати боло қарор мегирад. Албатта, ӯро фурӯ рафтани рег интизор аст, селоби рег вайро ба поён мепартояд. Бо вуҷуди он ки онҳоро селоб меноманд – вале рег ба ҳар сурат об нест. Вай ягон бор нашунидааст, ки касе дар рег ғарқ шуда бошад.

Бел дар назди зарфҳои об, дар назди девори берунии хона истода буд. Нӯги нимдоираи тезкардаи он ба мисли порчаи фарфор сафедӣ мекард.

Як муддате вай беист рег меканд, тамоми вуҷудашро ба кор дода буд. Бо рег ҳар кор кардан мумкин аст, бинобар ин, кор ниҳоят тез пеш мерафт. Ҳар зарбаи бел, ки ба рег даромада мерафт ва ҳар нафас вақтро ҳисоб мекард. Вале ба зудӣ дастон бо исрор аз хаста шуданашон дарак медоданд. Ба назараш чунин менамуд, ки вай кайҳо боз рег меканад, аммо аз натиҷаи кор нишоне нест. Фақат танҳо баъзе порчаҳои хобидаи рег ба ҷойи кандашуда меафтиданд. Ҳамаи ин кор аз нақшаи оддии геометрие, ки ӯ дар майнаи сараш кашида буд, фарқи калон дошт.

Барои хавотир шудан ҳоло барвақт буд, вай қарор дод, ки дам бигирад ва тарҳи нави чукуриро кашида, ҳисобу китоби худро аз нав дида барояд. Хушбахтона, маводи зарурӣ барои ин хеле зиёд аст. Вай зери айвони хона, ҷойи соягиро интихоб кард ва ба кандани чуқурии андозаи панҷоҳ сантиметр дошта шурӯъ кард. Вале аз чӣ бошад, ки

нишебиҳои кунҷҳои зарурӣ доштаро натавонист бунёд кунад. Аз ҳама калонаш чилу панҷ дараҷаро ташкил дод... ба мисли ҳован, ки ба ҷониби боло васеъ мешавад.

Вақте ӯ кӯшиш кард, ки аз таги ҷуқурӣ кобад, аз деворҳо рег ба рехтан даромад, вале нишебӣ бе тағйир боқӣ монд.

Маълум гардид, ки чуқурии регӣ ким-кадом кунҷи устувор дорад. Вазн ва муқовимати регчаҳо аз афташ баробар мебошанд. Агар чунин аст, маълум мешавад, ки ин деворе, ки вай мехоҳад аз он гузарад, ҳамон гуна кунҷи нишебӣ дорад.

Не, ин имкон надорад... Фақат ин метавонад фиреби чашм бошад, вале не, ин тавр набояд бошад...Ба ҳама гуна нишебӣ аз поён нигоҳ накунӣ, он доимо ростфаромадагӣ ба назар мерасад, вале он дар амал дигар аст.

Ва умуман, шояд зарур аст ҳамаи инро ҳамчун масъалаи шумора баррасӣ кард?.. Агар шумора фарқ кунад, табиист, ки фишор ҳам фарқ хоҳад кард. Агар фишор фарқ кунад, он гоҳ ҳам таносуби вазн ва ҳам муқовимат ногузир тағйир меёбанд. Шояд дар ин ҷо сохтори регчаҳо низ нақш мебозанд. Барои мисол, хоки сурхро мегирем. Гили сурх дар ҳолати табиӣ ва гили сурх баъди коркард тамоман андозаи гуногуни муқовимати фишорро доро мебошанд. Илова бар ин, бояд намнокиро ба назар гирифтан зарур аст... Ҳамин тариқ, қолиб назар ба ҷуқурии калон метавонад таҳти таъсири тамоман қонунҳои дигар қарор гирад.

Вале ба ҳар сурат, таҷриба бе фоида набуд. Вай дарк намуд, ки кунҷи нишебӣ аз ҳад зиёд устувор аст – мақсад худи ҳамин як дастовард аст. Ва, дар маҷмӯъ устувории аз ҳад зиёдро ба устувории оддӣ табдил додан он қадар кори душвор нест.

Барои ин, зарур аст, ки маҳлули аз ҳад зиёд сершуда камакак такон дода шавад, ҳамин ки булӯрҳо афтиданд, он ба маҳлули сершуда табдил меёбад.

Вақте ногаҳон ҳис кард, ки дар паҳлӯяш касе ҳаст, рӯяшро гардонид. Зан дар назди дар истода буд ва бодиққат ба тарафи вай нигоҳ мекард. Вай ҳатто кай рафтани занро нафаҳмид. Чун шахси дар ғафлат ба дастафтода, ошуфтахотир ба ҳар тараф назар намуда, қафо рафт. Маҳз дар ҳамин лаҳза вай дар қисмати шарқии охири нишебии регӣ се сарро дид. Онҳо бо рӯйпоккунак печонида шуда буданд ва матоъ қисмати поёнии рӯйро пӯшонида буд, бинобар ин, вай мутмаин набуд, ки инҳо ҳамон мӯйсафедони дирӯза ҳастанд ё касони дигар. Гӯё ҳамонҳоянд. Барои лаҳзае саросема шуд, вале худро ба даст гирифт ва қарор дод, ки ба онҳо аҳамият надода, корашро идома диҳад. Аз он ки ба вай нигоҳ мекарданд, ҳатто корашро тезонид.

Арақ аз нӯги бинниаш мечакид ва ба чашмонаш медаромад. Барои тоза кардани арақ вақт набуд ва ӯ бо чашмони пӯшида корро идома медод. Ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба дастҳо имкон диҳед, ки истироҳат кунанд. Вақте онҳо мебинанд, ки чӣ гуна чолокона кор мекунам, дарк хоҳанд кард, ки то чӣ андоза онҳо кӯтоҳандеш ва пастсифат мебошанд.

Вай ба соат нигоҳ кард. Реги болои шишаро бо шимаш пок кард. Соат ҳамагӣ дую даҳ дақиқа буд. Ҳамон дую даҳ дақиқае, ки чанде пештар ба соат назар карда дида буд. Ҳамин лаҳза эътимод ё бовариаш ба тезкориаш аз байн рафт. Агар бо чашмони туқумшуллуқ назар кунем, офтоб эҳтимол бо суръати тӯби бейсбол ҳаракат кунад. Вай белро ба даст гирифта, аз нав ба девори регӣ дарафтид.

Ногаҳон як қисми рег ба поён ҳаракат кард. Овози на он қадар баланд ба гӯш расид, гӯё резина афтида бошад ва чизе бо вазни зиёд ба болои синааш баромад. Барои он ки фаҳмад чӣ ҳодиса шудааст, сарашро бардошту ба боло нигоҳ кард, вале дар куҷо будани болоро муайян карда натавонист. Вай дар шакли дуқатшуда дар болои қайкардаҳои худ хобида буд ва дар гирду атроф рӯшноии хираи ширранг ба назар мерасид.

## Қисми дуюм

*Зиб, зиб, зиб, зиб.*
*Ин чӣ гуна овоз аст?*
*Садои зангӯла*
*Зиб, зиб, зиб, зиб*
*Ин чӣ гуна овоз аст?*
*Овози шайтон аст.*

Зан чизе ба зӯр шунаво мегӯяд. Вай бе хастагӣ ҳамон як ибораро такрор ба такрор талаффуз мекунад ва оби хираро аз зарф ҷудо менамояд.

Садо хомӯш шуд. Баъдтар шунида мешуд, ки чӣ гуна зан биринҷ мекӯбад. Мард оҳиста оҳ мекашаду ба тарафи дигар бармегардад ва бетоқатона интизор мешавад... ҳозир зан медарояд, эҳтимол бо тағораи об дар даст барои тоза кардани бадани вай. Аз рег ва арақ пӯсти баданаш ба андозае варам кардааст, ки ҳамин лаҳза газак гирифта сурх мешавад. Фақат танҳо ба ёд овардани сардӣ, рӯйпоккунаки нам танаш ба ларза медаромад.

Аз ҳамон лаҳзае, ки дар зери рег монд ва беҳӯш шуд, ҳамаи ин вақт дар бистари хоб буд. Дар ду рӯзи аввал ӯро таби баланд, кариб чилу нӯҳ ва партоб-партоби беист азоб

медод. Вале баъд таб поён рафт ва иштиҳо баргашт. Аз афташ вай на аз зарб хӯрдан аз афтидани қисмати рег, балки аз кори дуру дарози барояш ғайримуқаррарӣ ва дар зери офтоб  бемор шуд. Дар маҷмӯъ бошад, ягон чизи ҷиддӣ нест.

Шояд маҳз барои ҳамин вай тез сиҳат шуд. Дар рӯзи чорум дард дар қисмати пой ва камар қариб ки гум шуд. Дар рӯзи панҷум бошад, агар каме сустиро ба назар нагирем, вай аллакай ягон нишонаҳои дарди  пешинаро ҳис намекард. Вале аз ҷойгаҳ намехест ва худро чун бемори сахт вонамуд мекард. Барои ин, албатта, сабабҳо вуҷуд доштанд. Вай умуман фикри фирор карданро аз сари худ дур накарда буд.

– Шумо аллакай бедор шудед?

Овози зан беҷуръатона садо дод.  Мард аз зери мижаҳои пӯшида ба зонуҳои гирди зан, ки аз таги шалвор намудор буданд, назар карда, бо нолиши нофаҳмо ҷавоб дод.  Зан оҳиста рӯйпоккунакро дар болои тағораи пачақ фишурда, пурсид:

– Шумо худро чӣ гуна ҳис мекунед?

– Як навъ...

– Пуштро мемолем?..

Вай итоаткорона худро ба ихтиёри зан таслим кард, ӯ на танҳо аз ҳолати бемориаш сӯистифода кард, балки ин кор барояш нофорам набуд. Вай, дар ёдаш ҳаст, дар бораи писарбачае, ки ба табларза гирифтор шуда буду хоб дид, ки онро ба коғази сарди нуқрагӣ печонидаанд, шеър хонда буд. Пӯсте, ки дар зери қабати арақ ва рег нафасгир шуда буд, тадриҷан хунук мешавад, нафас мекашад. Бӯйи бадани занона аниқ аз тариқи пӯсти бедоршудаи вай ворид мешавад ва ин ӯро ба ҳаяҷон меорад.

Вале ба ҳар сурат, ӯ занро то охир набахшида буд. Он кор дигар аст ва ин кор дигар, набояд онҳоро омехта кард. Рухсатии серӯза кайҳо тамом шуда буд. Акнун зарурат ба саросема шудан намондааст. Нақшаи аввали вай дар мавриди аз таг шикоф кардани девор ва нишебии регро моил кардан на танҳо ноком шуд, балки ба андозаи зарурӣ омода нашуда буд. Агар ҳолатҳои пешбининашуда, маҳз офтобзанӣ халал намерасониданд, ҳама кор ба хубӣ анҷом меёфт. Рости гап, кандани рег аз он чи ки вай фикр мекард, ниҳоят кори вазнинтар будааст, ин кори тоқатфарсо аст ва тақдири минбаъдаи вай аз он вобаста хоҳад буд, ки то чӣ андоза ӯ метавонад роҳи қулайтарро пайдо намояд. Маҳз дар ҳамон лаҳза дар сари вай ин ҳилаи касалии дурӯғин пайдо шуд.

Вақте ба худ омад ва дид, ки ҳамоно дар хона хобида аст, ниҳоят ба қаҳр омад. Ин одамон аз деҳот ҳатто кӯшиши кумак кардан ба ӯро накарданд. Ин барояш комилан маълум шуд ва дар сараш қароре пайдо шуд. Вақте фаҳмиданд, ки бемориаш хатарнок нест, духтурро даъват накарданд. Акнун вай ин вазъиятро истифода буда, онҳоро маҷбур мекунад, ки пушаймон шаванд. Шаб, вақте зан машғули кор шавад, вай хоб хоҳад рафт. Рӯз бошад, вақте зан бояд хоб равад, бо шикоятҳои худ дар бораи дардҳои тоқатнопазир, хоби занро хароб хоҳад кард.

– Дард мекунад?

– Ҳа охир, дард мекунад... Аз афташ сутунмӯҳра зарб хӯрдааст...

– Шояд молиш диҳем?

– Ба ҳеҷ ваҷҳ! Магар ин корро ба нафари ғайрикасбӣ бовар кардан мумкин аст? Бо ин кор зарар расонидан мумкин. Охир ҳароммағз роҳи ҳаёт аст. Мабодо ман мурам чӣ? Охир ҳамаи шумо зарар мебинед. Духтур, духтурро

даъват кунед! Дард мекунад... Дарди тоқатфарсо... Агар шитоб накунед, дер мешавад!

Зан то дер вақт ҳамаи инро таҳаммул карда наметавонад ва хастаю афгор мешавад. Неруи кориаш заиф мегардад ва хона зери хатар қарор мегирад. Ва ин барои деҳа ҳам кори кам нест. Бо иллати камақлии худ ба ҷойи он ки қувваи кории иловагӣ бигиранд, ба дӯши худ дарди сар гирифтанд. Ва агар ба зудӣ аз ин бори гарон халос нашаванд, баъд вақтро аз даст медиҳанд.

Вале ин нақша ҳам на он қадар ба осонӣ тавре интизораш буд, пеш меравад. Шаб дар ин ҷо назар ба рӯз серодам аст. Дар паси девор садои белзанӣ... нафаскашии вазнини занон... доду фарёд ва так-тики мардоне, ки сабадҳои регро мебардоранд, шунида мешавад... Ба замми ин, шамол аз дурӣ садои тарақ-тараққи мошини боркаш ва ав-ави сагҳоро меорад. Ҳар қадар кӯшиш кард хобаш барад, чизе ба даст наомад – асабҳо ниҳоят таранг шуда буданд, ӯ натавонист чашмонашро пӯшад.

Шаб хобаш нағз набурд, барои ҳамин ӯро зарур омад, ки рӯзона хобашро пурра намояд. Аз ҳама бадтараш он аст, ки вай бештар сабру тоқаташро аз даст медод. Дар ин лаҳзаҳо ӯ худро бовар мекунонид, ки агар ин нақшааш ҳам аз байн равад, вай нақшаҳои зиёди фирор карданро пайдо мекунад. Аз он рӯз аллакай як ҳафта сипарӣ шуд. Акнун айни рӯзи пешниҳоди ариза дар бораи кофтукоб фаро расидааст. Се рӯзи аввал давраи рухсатии қонунии вай буданд. Рӯзҳои баъдӣ ғайб задан бе огоҳӣ мебошад. Ҳамкорон, ки аксари вақт бе ягон асос бо рашк кору амали рафиқонашонро пайгирӣ мекунанд, гумон аст, ки дар ин бора хомӯш нишинанд. Эҳтимол дар яке аз чунин бегоҳиҳо яке аз хайрхоҳон ба хонаи вай омада бошад. Дар хонаи баъди

офтоби баъдинисфирӯзии тафсон холигӣ ҳуқумфармост, яқин аст, ки соҳиби хона нест. Меҳмон ҳис мекунад, ки ба ин хушбахти дар ин лаҳза хонаро тарк карда, ҳасад мебарад. Дар рӯзи дигар бошад, гапҳои таҳкиромез, пичир-пичири нафратовар омехта бо абрӯвони гирифтаю ишораҳои сермаъно пайдо мешаванд. Ва ин воқеан ҳам дуруст аст... Дар замири қалбаш вай ҳанӯз ҳамон вақт ҳис карда буд, ки ин рухсатии ғайриоддӣ дар назди ҳамкоронаш маҳз ҳамин гуна аксуламалро ба вуҷуд меорад. Ҷойи тааҷҷуб нест, зеро муаллимон зиндагии ба худ хосро пеш мебаранд, ки ҳамеша олудаи рашк мебошад... Ҳамасола аз паҳлуи онҳо мисли оби дарё талабаҳо мерезанду шино карда мераванд, муаллимон бошанд, чун сангҳо маҷбуранд дар зери ин ҷараён бимонанд. Онҳо дар бораи умеду орзу ба дигарон сухан мегӯянд, вале худашон наметавонанд ҳатто дар хоб умедвор бошанд. Онҳо худро чизи нодаркор ҳис мекунанд ё гирифтори ҳисси танҳоӣ мешаванд ё тарафдори хушахлоқпардозӣ (пуризм) мегарданд, нисбати дигарон аз нигоҳи нобоварӣ назар менамояндy ононро ба худнамоӣ гунаҳгор мекунанд. Онҳо ончунон ба озодии амал пазмон мешаванд, ки наметавонанд озодии амалро бад набинанд.

... Эҳтимол фалокат бошад?.. Не, агар ин фалокат мебуд, бо ягон роҳ хабар медоданд... Шояд худкушӣ бошад?.. Дар ин сурат, дар ин бора пулис, албатта, иттилоъ медошт!.. Не, набояд ба ин ҷавон аз ҳад зиёд баҳои баланд дод!.. Бале, бале вай бо хоҳиши худаш гумном шуд ва зарур нест, ки ба кори дигарон сар халонӣ... Вале охир як ҳафта шуд, ки... Ин чӣ хел одам аст, ҳатман бояд дигаронро хавотир созад ва охир намедонӣ, ки дар сари вай чӣ фикр аст!...

Гумон аст, ки онҳо воқеан аз барои вай дар хавотир бошанд. Фақат ҳамин, ки ҳисси кунҷковии онҳо мисли

хурмое, ки дар вақти заруриаш канда шудааст, аз ҳад зиёд пухта расидааст. Минбаъд ҳодиса ба таври зайл сурат мегирад.

Муаллими калон барои хонапурӣ кардани ариза оид ба кофтукоб ба идораи пулис меравад. Дар зери чеҳраи ғамгини вай ифодаи хурсандӣ ва лаззат пинҳон аст...

*"Фамилия ва ном: Ники Дзюпей.*

*Синну сол: 31 сола.*

*Қад: 1 метру 58 сантиметр.*

*Вазн: 54 кг.*

*Мӯйҳо: тунук, ба қафо шонашуда, бриолин истифода намебарад.*

*Чашмҳо: рост – 0,8, чап – 1,0. Камтар олус аст.*

*Пӯст: сабзина.*

*Нишонаҳо: рӯйи дароз, бинии майда, манаҳи мурабаъ, дар зери гӯши чап холи намоён дорад. Дигар аломатҳои хос надорад.*

*Гурӯҳи хун: АВ.*

*Бо овози гирифта гап мезанад, каме забонаш мегирад. Ҷиддию саркаш аст, аммо зимни муроҷиат ба мардум оддӣ мебошад.*

*Либос: эҳтимол дар танаш либоси барои анҷом додани корҳои энтомологӣ истифодашаванда, дошта бошад. Сурати рости дар боло ҷой додашуда ду моҳ пеш гирифта шудааст".*

Албатта, сокинони деҳа агар чунин як моҷароро сари даст гирифтаанд, ҳатман чораҳои эҳтиётиро андешидаанд. Фиреб додани як ё ду пулиси деҳотӣ барои онҳо кори душвор нест. Бешубҳа, маълум аст, ки онҳо тадбирҳои заруриро андешидаанд, то ки пулис бе зарурияти хос дар

деҳа пайдо нашавад. Вале чунин пардаи дудбор то лаҳзае ба мақсад мувофиқ ва зарур аст, ки вай солим аст ва қодир мебошад, регро канда партояд. Ва камоли беақлӣ хоҳад буд агар бо хавф ба худ одами беморро, ки қариб як ҳафта боз бистарӣ аст, пинҳон кунанд. Агар онҳо қарор диҳанд, ки ин ҳама барояшон лозим нест ва ҳоло ягон мушкилӣ пеш наомадааст, аз ҳама беҳтараш бояд ҳарчӣ зуд аз вай халос шаванд. Ҳозир ҳанӯз мумкин аст, ки ягон ҳодисаи воқеиро фикр карда баромада шавад. Барои мисол, эълон кардан мумкин аст, ин шахс худаш ба ҷарӣ афтид ва дар натиҷа дар сараш ҳар гуна фикрҳои аҷоибу ғароиб пайдо мешаванд. Бешубҳа, ин маълумот тезтар қабул карда мешавад, на он гапҳои вай, ки гӯё ӯро бо роҳи дому фиреб ба ин ҷо оварда, дар чуқурӣ пинҳон кардаанд.

Гов маос кард – гӯё ба гулӯи он қубури мисӣ монда бошанд. Аз куҷое садои хурӯс баромад. Дар чуқурии регӣ на масоҳат вуҷуд дораду на самт. Танҳо дар он ҷо, дар боло олами муқаррарӣ вуҷуд дорад, ки дар канори роҳҳо бачаҳо бозӣ мекунанд, дар вақти муқаррарӣ субҳ медамад ва рангҳои он бо накҳати бирinҷи пухтаистода омехта мегардад.

Зан тахтапушти ӯро бо кӯшиши зиёд мемолад, ҳатто ба саъю кӯшиши фавкулодда. Баъди анҷоми молиш рӯйпоккунакро то хушк шуданаш тавре мефушурад, ки он мисли тахта сахт мешавад ва бо матои хушк ончунон мемолад, ки гӯё оинаи араққардаро тоза мекарда бошад. Аз овозҳои субҳи бедоршаванда ва молишҳои пай дар пай зан ӯро хоб мегирифт.

– Бале, ногуфта намонад... Вай хамёзакашиашро, ки гӯё базур аз дохилаш кашида бароварда бошанд, пахш кард. – Чӣ хел кунем, ки... Дерест, ки хоҳиши хондани

рӯзнома дар дилам пайдо шудааст. Магар ягон роҳи ташкил кардани ин кор вуҷуд дорад?

– Майлаш, ман баъдтар мепурсам.

Вай ҳамон лаҳза фаҳмид: зан мехоҳад самимӣ будани худро нишон диҳад. Дар овози шармгинонаю беҷуръати он кӯшиши хафа накардани вай баръало ҳис карда мешуд. Вале ин амали вай мардро бештар ба қаҳр овард. "Мепурсам"?! Аз ин мебарояд, ки ман рӯзномаро ҳам бе иҷозат хонда наметавонам?.. Ғур-ғуркунон вай дасти занро ба тарафе партофт. Вай бо тамоми ҳастиаш мехост зарфи пур аз обро гирифта ба ҷонибе партояд.

Аммо дар вазъи феълии вай шуру ғавғо бардоштан метавонад нақшаҳояшро вайрон кунад. Охир бемори вазнин гумон аст, ки барои як рӯзнома то ин андоза ба ҳаяҷон биояд. Вай, албатта, мехоҳад рӯзномаро аз назар гузаронад. Агар манзараи табиат набошад, кофист, ки ба суратҳо нигоҳ кард, охир беҳуда расмҳои манзараи табиат дар ҷойҳое, ки табиати камнур вуҷуд дорад, рушд ёфтааст, рӯзномаҳо бошанд, дар минтақаҳои саноатӣ, ки алоқа дар байни одамон суст аст, бештар инкишоф ёфтааст. Шояд эълон дар бораи гум шудани ягон одамро пайдо намояд. Ва агар бахташ омад кунад, дар гӯшаи рӯзнома, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ бахшида шудааст, хабареро дар бораи нопадид шуданашро пайдо кунад. Гумон аст, албатта, ин деҳотиҳо ба вай рӯзномаеро диҳанд, ки дар ин бора хабар чоп шуда бошад. Вале аз ҳама муҳимаш дар айни замон сабр аст. Худро бемор нишон додан он қадар кори ширин нест. Ин кор ба он баробар аст, ки дар даст пружинаи омодаи паридан бударо нигоҳ доштан аст. Дуру дароз онро нигоҳ дошта намешавад. Тан додан ҳам намешавад. Вай бояд ба ҳар роҳе набошад, ба ин ашхос фаҳмонад, ки нигоҳ доштани ӯ дар ин ҷо барояшон

гарон хоҳад буд. Барои мисол, имсол бо ҳар тарзе, бояд кӯшиш кард, то ки зан барои як дақиқа ҳам чашмонашро напӯшад!

Хоб нарав... Хобидан мумкин нест!

Мард печалак заду сохтакорона нолиш кард. Дар зери чатр, ки зан дошта истода буд, шӯрбои ғализи сӯзони аз сабзавот ва биринҷ бо обсабзаҳои баҳрӣ омехтаро фурӯ мебурд. Дар поёни коса рег такшин шуда буд...

Вале дар ин ҷо хотирот канда мешаванд. Воқеоти баъдӣ ҳама дар хоби пурғуссаи даҳшатнок ғарқ мешавад. Вай савор дар болои чубчаҳои хӯрокхӯрии куҳнаи кафидагӣ болои кӯчаҳои ношинос ва номаълум парвоз мекард. Дар болои ин чӯбчаҳо ба мисли савор дар скутер медавид ва он қадар бад ҳам набуд, вале агар каме диққаташ парешон шавад, самти ҳаракат ба сӯи замин равона мешуд. Дар наздикии кӯча ранги хиштӣ ба назар намуд, вале баъдтар дар дуди сабз нопадид гашт. Дар ин анвои рангҳо ким-чизе буд, ки нооромиро ба вуҷуд меовард. Ниҳоят ӯ ба назди бинои дарози чӯбин, ки истиқоматгоҳи аскаронро ба хотир меовард, парида омад. Ба машом бӯйи собуни арзон мерасид. Шими аз миёнаш поёншударо бардошта, бо зинапоя боло баромаду ба ҳуҷраи холӣ, ки дар он фақат як мизи дароз истода буд, даромад. Дар гирди миз даҳ нафар мард ва зан, ки машғули ким-кадом бозӣ буданд, нишастаанд. Нафари дар байн, ки дар муқобили вай нишаста буд, қартаҳоро тақсим мекард. Баъди анҷом додани ин кор вай ногаҳон қартаи охирро ба ӯ доду, баланд дод зад. Вақте онро гирифт, дид, ки ин қартаю нею мактуб аст. Он аз чӣ бошад, ки ҳангоми молиш мулоим буд ва вақте каме бо ангуштонаш номаро фишор дод, аз он хун парида баромад. Вай фарёд кашиду бедор шуд.

Ким-кадом тумани ифлос ҳангоми нигоҳ кардан халал мерасонад. Вай ҷунбид, садои хишир-хишири коғази хушк ба гӯш расид. Чехраи ӯ бо рӯзномаи кушодашуда пӯшонида шуда буд. Бало занад, боз хоб бурд!.. Рӯзномаро ба як тараф партофт. Аз рӯйи он фавраки рег шорида рехт. Назар ба миқдори он вақти зиёде гузаштааст. Самти нурҳои офтоб, ки аз сӯрохиҳои девор ба дарун дохил шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аллакай қариб нимарӯз шудааст. Хайр майлаш, боз ин чӣ бӯй бошад? Ранги нави типографӣ?.. Ҳеҷ мумкин нест, фикр кард ӯ ва ба санаи рӯз назар афканд. Шонздаҳум, чоршанбе... Охир ин рӯзномаи ҳаминрӯза ҳаст! Бовар намекард, вале ҳақиқат, амри воқеӣ аст.

Мард бо оринҷаш ба кӯрпаи аз арақи бадан таршуда такя карда, каме баланд шуд. Дар сараш фикрҳои гуногун чарх мезаданд ва ӯ рӯзномаи бо чунин мушкилӣ ба даст овардаашро сар-сарӣ аз назар гузаронид.

*"Рӯзномаи ҷаласаи кумитаи муттаҳидаи Ҷопону-Амрико илова карда шуд..."*

Ба ҳар сурат чӣ гуна ба зан муяссар гардид, ки рӯзномаро пайдо кунад?.. Эҳтимол, ин одамон ҳис карданд, ки дар назди вай ягон уҳдадорӣ доранд?.. Ҳамин хел, вале тавре то ин замон буд, ҳама гуна иртибот бо олами берун баъди наҳор қатъ мегардад. Бешубҳа, яке аз ду аст: ё зан бо ягон роҳе бо олами берун алоқа барқарор кардааст ё худаш берун рафта, рӯзнома харидааст.

*"Чораҳои таъсиррасон бар зидди сукут дар нақлиёт!"*

Бигузор чунин бошад... Фарз мекунем, ки зан берун рафтааст... Ин амал бидуни нардбони арғамчинӣ имкон надорад... Агар чунин бошад... Фикррونии вай ниҳоят тез ҳаракат мекард. Зиндоние, ки фақат дар бораи фирор фикр

мекунад – ин кори алоҳида аст. Вале охир зан, сокини деҳа ба ҳеҷ ваҷҳ нахоҳад гузошт, ки имконияти озодона аз ҷуқурӣ баромаданро барояш маҳрум созанд – вале он чӣ нардбонро гирифтаанд, ин амали муваққатӣ аст, то маро дар ин ҷо нигоҳ доранд... Аз ин мебарояд, ки агар ман тамоми корро анҷом диҳам, то ки ҳушёрии онҳоро бартараф кунам, чунин имконият барои ман ҳам муяссар мегардад.

*"Дар таркиби бехпиёз моддаҳое мавҷуд ҳастанд, ки ҳангоми табобати оқибатҳои радиатсияи атомӣ самараи хуб меоранд".*

Аз афташ нақшаи ман оид ба вонамуд намудани беморӣ бо пайдо шудани баъзе ҳолатҳои ғайричашмдошт каме вайрон шуд. Ҳанӯз одамони қадим дуруст мегуфтанд: агар барори кор хоб аст, интизор бош... Вале, дил хоҳиши интизор шуданро надошт. Аз чӣ бошад, қалбаш ноором буд. Шояд ин ба асари ҳамон хоби даҳшатноку ғалатӣ ба миён омадааст?.. Ӯро фикр дар бораи номаи хатар, барои чӣ хатарнок, худаш ҳам намефаҳмид, ором намегузошт. Ин хоб чӣ маънӣ ё чӣ таъбир дошта бошад?

Вале ин кори хуб нест, вақте як хоби оддиро ин қадар ба дил наздик бигирӣ. Ба ҳар сурат кори оғозкардаро бояд ба охир расонид.

Зан чун пештара бо овози паст хур-хур карда, дар болои фарш каме дуртар аз оташдон худро ба кимонои обшӯста печонида, кулча задаву зонуҳояшро ба оғӯш гирифта хоб буд. Аз ин рӯз ӯ дигар ягон маротиба худро урён нишон надод, вале аз таги кимоно аз афташ дигар ягон либос надошт.

Мард ба тезӣ саҳифаи ба масъалаҳои иҷтимоӣ бахшидашударо аз назар гузаронид. Вай, албатта, ягон мақола дар бораи ғайб задани худ, ягон эълон дар бораи

нопадид шудани одамро пайдо накард. Вай маҳз ҳаминро дар назар дошт, бинобар ин, он қадар ғамгин нашуд. Оҳиста аз ҷой бархост ва ба фарши заминӣ фаромад. Дар тани вай ба ғайр аз тагпӯши дароз аз шоҳии сунъӣ чизи дигаре набуд. Ин тавр хеле хуб буд. Рег дар ҳамон ҷое, ки резин баданро фаро гирифта буд, ҷамъ мешуд ва фақат ҳамин сурх мешуду мехорид.

Дар назди дар истода, ӯ ба боло ба девори боло нигоҳ кард. Нури чароғ ба чашмонаш зад ва ҳама ҷо дар гирду атроф аниқ ба мисли алангаи зард даргирифт. Касе нест. Албатта, нардбон ҳам нест. Чизи тааҷҷубоваре нест. Вай хост бори дигар мутмаин шавад. Ягон нишонае дар бораи он ки онро поён кардаанд, вуҷуд надорад. Рости гап, дар чунин шамол панҷ дақиқа нагузашта, ҳама гуна чиз нопадид мешавад. Ва ҳамон лаҳза дар паси дар қисми болоии рег беохир мерехт – гӯё аз рег пуст меканда бошанд.

Вай ба хона баргашта, дароз кашид. Пашшае парвоз дошт. Майдаяки қаҳваранг.  Аз афташ чизе дар куҷое пӯсида истодааст. Гулӯяшро бо оби зарфи бо полиэтилен печонидашуда обгардон карда, занро ҷеғ зад:

– Гӯш кунед, шояд шумо мехезед...

Зан як қад парида, аз ҷояш ҷаҳида бархост. Халат поён шуду синаҳоро, ки каме овезон буданд, вале ҳанӯз пурраю ба берун баромада меистоданд, урён кард. Бо ҳаракати нобоварона зан халатро боло бардошт, нигоҳаш сарсону саргардон ба назар мерасид, эҳтимол ӯ ба тамом бедор нашуда буд.

Мард дудила шуд. Вай бояд бо ҷиддият ва бе хафагӣ дар бораи нардбон аз зан пурсон шавад?.. Шояд беҳтар аст барои овардани рӯзнома ба зан ташаккур гӯяду ҳамзамон оромона дар бораи нардбон аз вай пурсад? Агар вай занро

фақат ба хотири талх кардани хобаш бедор карда бошад, дуруст мебуд, ки худро бадқаҳр нишон диҳад. Баҳона бошад, барои ин ҳар қадар хоҳӣ зиёд аст. Вале ин кор метавонад аз мақсади асосӣ – касалии вазнин вонамуд кардан, дур кунад.

Агар рости гапро гӯем, чунин рафтор ба шахсе, ки сутунмӯҳрааш зарб хӯрдааст, ҳеҷ монандӣ надорад. Дар асл ба вай чӣ зарур аст – онҳоро маҷбур карда, бовар кунонидан, ки ӯро ҳамчун қувваи корӣ истифода бурдан ғайриимкон аст ва ҳӯшёрии онҳоро бартараф намояд; қалбҳои онҳо то андозае мулоим шудаанд, ки ба вай рӯзнома доданд, акнун коре кардан зарур аст, ки тамоман қудрати муқобилият намуданро надошта бошанд.

Вале, дар ҳар сурат умедҳои хурсандибахш дар як лаҳза аз байн рафтанд.

– Не охир, ман ба ҷое набаромада будам. Яке аз артелҳои мо ба ман моеъи зидди пӯсидани дарахтро, ки дер боз ваъда карда буд, овард... Ман ҳам аз вай илтимос кардам, ки... Дар деҳа ҳамагӣ чор ё панҷ хона рӯзнома мегиранд... Ба ӯ зарур омад, ки барои харидани рӯзнома махсус ба шаҳр равад...

Чунин тасодуф баъзан рух медиҳад. Вале ин маънои онро надорад, ки вай дар қафас бо қулф бандӣ карда шудааст, ки ба он калид пайдо нашавад? Вале агар ҳатто сокинони маҳаллӣ бояд ба ин гуна маҳбусӣ тан диҳанд, нишебии рости деворҳои регӣ кори шӯхӣ нест. Мардро ҳисси ноумедӣ фаро гирифт, вале худро ба даст гирифт.

– Ҳамин хел?.. Гӯш кунед... Шумо дар ин ҷо соҳибхоназан ҳастед, ҳамин тавр не?.. Маҳз соҳиби хона, на ягон саги дигар... Ҳеҷ имкон надорад, ки шумо натавонед озодона аз ин ҷо бароеду ҳар вақте хоҳед баргардед? Ё

шумо ягон кори харобе кардаед, ки дигар наметавонед ба чашмони ҳамдеҳагон нигоҳ кунед?

Аз тааҷҷуб чашмони хоболуди зан калон кушода шуданд. Онҳо хун гирифта буданд, аниқ тафсон шудаанд, ба назараш чунин намуд, ки дохили ҳуҷра равшантар шуд.

– Шумо чиҳо мегӯед! Ба чашмон нигоҳ карда наметавонам?! Гапи беҳуда!

– Агар чунин аст, шумо набояд чунин беҷуръат бошед!

– Ман аз ин ҷо бароям ҳам дар он ҷо ба чӣ кор машғул мешавам? Бароям коре ҳам нест...

– Сайру гашт кардан мумкин!

– Сайру гашт?

- Бале, сайру гашт... ба ин тарафу он тараф қадам задан, магар ин кам аст?.. Ман мегӯям, ки то омадани ман ба ин ҷо шумо ҳар вақте ки мехостед озодона аз ин ҷо баромада метавонистед?

– Вале, аз беҳуда гаштан фақат хаста мешавию бас...

– Ман рости гапро мегӯям! Нағзакак фикр кунед. Шумо бояд инро фаҳмед!.. Ҳатто сагро ҳам агар ба мӯҳлати тӯлонӣ дар қафас нигоҳ доранд, аз ақл бегона мешавад!

– Бале, ман сайругашт мекардам! – бо овози якрангу пасти худ фарёд кард зан. Ба ростӣ, то ба ин ҷо афтиданам... ба ман имконият медоданд, ки ҳар қадар хоҳам сайругашт кунам... Кӯдак дар дастам муҳлатҳои тӯлонӣ сайругашт менамудам. Ҳатто аз чунин гаштугузорҳо хаста мешудам...

Мард инро интизор набуд. Ким-чӣ хел тарзи гуфтори аҷоиб. Вақте зан ба ҷониби вай чунин нигоҳ мекунад, дигар қувва барои ҷавоб додан намемонад.

Бале дуруст аст... даҳ сол пеш, вақте бенизомӣ ҳукмрон буд, ҳама дар орзуи он буданд, ки ба ҷое нараванд.

Ин амал ба назарашон озодӣ менамуд. Вале метавон гуфт, ки онҳо аллакай аз ин озодӣ сер шудаанд?.. Шояд тақдир туро ба ин кишвари регзор маҳз барои он партофтааст, ки ту аллакай аз таъқиби озодии хаёлӣ хаста шуда будӣ... Рег... Ҳаракати беинтиҳои ҳаштяки миллиметр... Ин маънии онро дорад, ки ҳама баръакс аст: расми фардӣ (автопортрет) дар пленкаи негатив, ки дар бораи озодии зиндагӣ бидуни баромадан ба ҷое нақл мекунад. Ҳатто кӯдаке, ки омода аст, ҳар қадар хоҳад сайругашт намояд, вале агар роҳро гум мекунад, ба гиря медарояд.

Зан ногаҳон лаҳни суханрониашро дигар кард:

– Худро чӣ гуна ҳис мекунед? Ҳамааш хуб аст?

Чӣ, ба мисли гӯсфанд нигоҳ карда мондӣ? Мард хашмгин шуд. Ман тамоми корро анҷом медиҳам, то иқрор шавӣ, ки  ба ҳамааш худат гунаҳкорӣ! Танҳо тасаввур кардани ин кор ба бадан мурғак давид ва ба назараш ғиҷир-ғиҷир кард, аниқ аз пӯсташ шireши хушкро меканданд. Пӯст гӯё ҳамбастагӣ бо калимаи “бастан”-ро ҳис кард.  Ногаҳон зан ба суроби аз замин берунщуда монанд шуд... Марди биступанҷсоларо фикру андеша ба ваҷд меорад. Чилсоларо пӯст мешӯронад. Барои сиёпанҷсола бошад, аз ҳама хатарнок он аст, ки вақте зан ба суроб мубаддал мегардад. Вай метавонад занро тавре худро ба оғӯш мегирад, онро ба осонӣ ба оғӯш кашад... Вале дар паси зан чашмони зиёд истодаанд... Ва зан танҳо лӯхтаке мебошад, ки онро бо риштаҳои ин нигоҳҳо идора мекунанд... Ба оғӯш гирифтани вай кифоя аст, ки туро низ бо ҳамин риштаҳо идора кунанд... Дар ин сурат ин дурӯғ дар бораи зарб хӯрдани сутунмуҳра дар як лаҳза аз байн меравад. Магар вай метавонанд дар чунин як ҷой, ба мисли ин ҷо, ба тамоми ҳаёти пешинаи худ хати батлон бикашад!

Зан якпаҳлӯ ба вай наздик шуд. Зонуҳои гирди ӯ ба ронҳои мард ҷафс шуданд. Дар гирду атроф бӯйи ғафси оби истодаи гандида, ки аз даҳон, бинӣ, гӯш, таги кашу тамоми баданаш мебаромад, паҳн гардида буд. Панҷаҳои ба мисли оташ сӯзони вай беҷуръатонаю ноустуворона аз боло то ба поёни сутунмӯҳра лағжида рафтанд. Мӯшакҳои мард таранг шуданд. Ногаҳон ангуштонаш ба қисмати паҳлӯи миёнаш расиданд. Мард якбора фарёд кард:

– Қитиқовар аст!

Зан хандид.

Вай ҳам бо ноз бозӣ мекард ва ҳам каме метарсид. Ҳамаи ин ниҳоят ногаҳонӣ буд ва мард намедонист чӣ гуна амал намояд. Охир зан аз ӯ чӣ мехоҳад?.. Вай қасдан ин корро кард ё ангуштҳо лағжида поён рафтанд?.. Навакак ку чашмонаш мижа мезаданд, бо тамоми қувва кӯшиш мекард, ки бедор шавад... Аммо дар рӯзи аввал ҳам вақте аз бараш мегузашту ӯро тела дода буд, вай ҳамин хел аҷоиб ханда карда буд... Шояд вай ба ин амалҳои худ ким-кадом маъниро нишон доданӣ ҳаст? Эҳтимол, аз таҳти дил ба бемории вай боварӣ надорад ва ҳама корро мекунад, то ки шубҳаи худро санҷида барояд... Ин ҳам истисно нест... Бехабар набояд монд... Дилфиребии вай як доми оддӣ аст ва дар ниҳояти кор он ҳам ба мисли бӯйи ширини асал дар растаниҳои ваҳшӣ мебошад, ки ғизояшон ҳашарот аст. Дар ибтидо вай ӯро ба таҷовуз раҳнамоӣ мекунаду бо ин кор ҷанҷол мебардорад ва дар ниҳояти кор дасту пояш ба завлонаҳои таҳдиду найранг баста мешаванд.

Мард тар шуд ва ба мисли мум об шудан гирифт. Сару рӯяшро арақ зер кард. Соат аз кор монд ва вақти аниқро ӯ намедонист. Он ҷо, дар боло, эҳтимол рӯз буд. Вале дар таги ҷуқурии бистметра аллакай шом медамид.

Зан ҳанӯз хобида буд. Дасту пойҳояш аз асабоният бошад, ки меларзиданд, ягон чизро хоб медид. Аввал мехост хобашро вайрон кунад, вале аз фикраш баргашт, дар ҳама ҳолат зан хобашро гирифтааст.

Мард аз ҷояш каме бархоста, баданашро ба тарафи шамол баргардонид.

Аз афташ рӯйпоккунак вақти хоб ба тарафе баргаштанаш афтидааст ва акнун дар паси гӯшҳо, наздикии бинӣ ва кунҷҳои даҳон он қадар рег ҷамъ шудааст, ки онҳоро бояд тоза намуд. Вай ба чашмонаш дору чаконду бо нӯги рӯйпоккунак онҳоро пӯшонид. Вале, танҳо баъди якчанд бор такрор намудани ин амал тавонист ба таври зарурӣ чашмҳоро боз намояд. Баъди ду-се рӯзи дигар, доруи чашм ҳам тамом мешавад. Ҳатто танҳо барои ҳамин ӯ мехоҳад охири ин кор фаро расад. Бадан он қадар вазнин аст, ки гӯё бо либосу аслиҳаи ҷангии оҳанин болои оҳанрабо хобидай. Вай бо тамоми қувва биноии худро равона кард, вале дар рӯшноии камнур, ки аз сӯрохии дар ворид мешуд, иероглифҳои рӯзнома ба назараш пойчаҳои пашшаҳои мурда менамуданд.

Агар гапи ҳақро гӯем, ӯ албатта, бояд ҳанӯз рӯзона занро илтимос мекард, ки барояш рӯзнома хонад. Ин хоби вайро хароб мекард. Вале, мутаассифона, худашро пештар аз зан хоб бурда буд. Ҳар қадар кӯшиш накард – ҳама корро хароб кард.

Акнун боз ҳамон бехобии дарди сар азобаш хоҳад дод. Ӯ кӯшиш кард бо тартиби нафаскаши аз сад баръакс ҳисоб кунад. Кӯшиш кард, ки фикран қадам ба қадам роҳи маъмулии аз хона то мактабро тай намояд. Кӯшиш кард бо тартиби муайян ҳашароти барояш маълумро номбар намояду ба гуруҳу оилаҳо тасниф кунад. Вале баъди он ки

дарк кард, ки ҳамааш кори беҳуда аст, бештар асабонӣ шуд. Ғиринг-ғиринги беовози шамол, ки болои кунҷҳои чуқурӣ медавид... Ғиҷирроси бел, ки реги намдорро қабат-қабат мебурид... Ав-ави сагҳо аз дур... Садоҳои аҳён ба гӯш расида, ба мисли шуълаи шамъи ларзон... Реги беист рехтаистода, ки ба монанди хокаи сунбода нӯги асабхоро мехарошад... Ва ҳамаи инро вай бояд таҳаммул кунад.

Ҳеҷ гап не, ягон хел тоқат мекунад. Вале дар он лаҳзае, ки нурҳои осмонранги пагоҳӣ аз кунҷҳои чуқурӣ ба поён фуруд омаданд, ҳама чиз баръакс шуд – задухӯрд бо хоб, ки ба мисли об ба исфанҷ ҷабида медарояд, оғоз шуд. Ва агар ин вазъияти ноилоҷ дар ягон ҷояш канда нашавад, зарраҳои рег на танҳо соат, балки худи вақтро батамом аз байн мебаранд.

Мақолаҳо дар рӯзнома боз ҳамонҳое буданд, ки дида буд. Дар он ҳатто изи он, ки ҳафтае аз байн гузаштаст, вуҷуд надошт. Агар он дарича ба олами берун бошад, маълум мешавад, ки оинаи он ношаффоф аст.

*"Бинобар сабаби андозҳо дар корпоратсия порагирӣ ба таври васеъ рушд ёфтааст."... "Шаҳрчаҳои донишгоҳӣ индустрияи Макка карда шаванд"... "Як корхона аз паси дигар корашонро боз медоранд. Ҷаласаи шӯрои генералии иттифоқи касаба наздик мешавад: нуқтаи назар нашр хоҳад шуд"... "Модар ду кӯдакашро ба ҳалокат расонида, худаш заҳр хӯрдааст."... Дуздиҳои такрор ба такрори автомобилҳо – услуби нави зиндагӣ ё намуди нави ҷиноят! " ... Духтари номаълум аллакай соли сеюм аст, ба назди қаровулхонаи пулис гул меорад"... Мушкилоти буҷети олимпии Токио"... "Имрӯз шабаҳ боз ду духтарро сар бурид" ... "Донишҷӯён бо маводи нашъадор саломатии худро нобуд мекунанд" ... "Шамоли баҳорӣ ба қурби саҳмияҳо таъсир расонид" ..."Соҳиби*

*баландтарин овози мардона Блю Ҷексон ба Ҷопон меояд” ... “Дар Ҷумҳурии Африқои ҷанубӣ боз ошӯб ба амал омад: 280 нафар куштаю захмӣ” ... “Мактаби duздӣ бе пардохти маблағ барои таҳсил: дар ин кор занҳо шариканд; шаҳодатномаи хатми таҳсил – дар сурати комёб шудан дар имтиҳонҳо”.*

Ягон мақолае нест, ки нахондани он боиси афсӯси хонанда гардад. Манораи хаёлӣ бо рӯшноие, ки аз хишти шаффоф сохта шудааст. Дар омади гап, агар дар олам танҳо он чизе вуҷуд дошта бошад, ки аз даст додани он андӯҳовар бошад, воқеият ба як чизи тақаллубии нозуки шишагӣ, ки аз  даст расонидан ба он метарсед, мубаддал гаштааст. Вале зиндагӣ боз ҳамон мақолаҳои рӯзнома мебошад. Бинобар ин, ҳар кас, бемаънигии онро дарк карда, тири қутбнаморо дар хонаи худ ҷо мекунад.

Ва ногаҳон ба чашмаш мақолаи ҳайратангез афтод.

*“Қарибиҳои соати ҳашти субҳи чордаҳум дар қитъаи сохтмони хонаи истиқоматӣ, кӯчаи Ёкокава, 30, экскаваторчӣ Тосиро Тсутому (28 сола), ки дар ширкати Хинохара кор мекард, бар асри фурӯ рафтани қитъаи рег пахш шуда, ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошт. Вай ба шифохонаи наздиктарин бурда шуд ва каме баъдтар вафот кард. Тибқи таҳқиқоте, ки аз ҷониби пулиси қитъаи Ёкокава анҷом дода шудааст, сабаби фалокат он гуфта мешавад, ки ҳангоми кандаи кӯҳи даҳметра, вай қисми зиёди регро интихоб кардааст”.*

Фаҳмо...  Онҳо махсус ин мақоларо ноаён ба ман доданд. Бе ягон мақсад онҳо илтимоси маро иҷро намекарданд. Хуб аст, ки онҳо мақоларо бо ранги сурх хат накашидаанд. Барои ашхоси ҷанҷолӣ метавон ҳатто Ҷеки сиёҳро пешниҳод кард... Ҳар қадар нагӯянд, ки рег ҷорӣ мешавад, вале он аз об фарқ дорад... Дар рӯйи об метавон шино кард, дар зери вазнинии рег бошад, ғарқ мешавӣ...

Ҳолати ман бароям ниҳоят фараҳбахш ба назар мерасид.

Вале тағйир ёфтани тактика ба шубҳаҳои ҷиддӣ алоқаманд буд ва вақти зиёдро талаб кард. Аз он вақте ки зан барои кандани рег рафта буд, тақрибан чор соат гузашт. Аз рӯйи вақти сипаришуда сабадҳои рег бояд аллакай ду маротиба бардошта шуданд ва борбарон кори худро анҷом дода, ба назди мошини боркаш рафтанд. Бо диққат гӯш андохт ва чун бовар кард, ки онҳо барнамегарданд, аз ҷой бархоста, оҳиста либосҳояшро пӯшид. Зан чароғро бо худ бурда буд, бинобар ин зарур буд, ки ҳама корро бо ламс кардан анҷом диҳад.  Дохили пойафзол пур аз рег шуда буд. Ӯ почаҳои шимро ба дохили ҷӯробҳо дароварда, соқпӯшро баровbooarда ба ҷайбаш андохт. Қуттӣ барои ҳашарот ва дигар чизҳои худро қарор дод дар назди дар ҷамъ намояд, то ки ёфтанашон осон гардад. Арши заминӣ, ки ба болои он фаромад, бо қолини регӣ пӯшонида шуда буд ва вай метавонист эҳтиёт накунад, зеро касе садои пояшро намешунид.

Зан бо кор банд буд. Белро бо осонӣ истифода бурда, бардошта ба девори регӣ мезад... Ором нафас мекашаду сахт... Дар рӯшноии чароғ, ки дар назди пояш истодааст, сояи дароз рақс мекунад... Мард дар кунчи хона пинҳон шуда, нафас намебаровард. Нӯги рӯйпоккунакро дар дастонаш гирифта, ба ду тараф кашид. То даҳро ҳисоб мекунаму ҷаҳида мебароям... Дар он лаҳзае, ки вай хам шуда, бели пур аз регро мебардорад, бояд дафъатан ҳамла намоям.

Албатта, наметавон гуфт, ки ягон гуна хатар вуҷуд надорад. Ва ҳамчунон гуфт, ки муносибати онҳо ба вай баъди кадом ним соат ба куллӣ тағйир меёбад. Охир дар ин ҷо мансабдори префектура (ташкилоти идоракунандаи

маъмурӣ) вуҷуд дорад ку. Беҳуда мӯйсафед дар вохӯрии аввал ӯро мансабдори ҳамин ташкилот гумон карда, эҳтиёткорона амал накарда буд. Аз афташ онҳо интизори онро доранд, ки касе меояду тафтиш мекунад. Агар чунин аст, аз эҳтимол дур нест, ки ҳангоми таҳқиқот андешаҳо дар деҳа тақсим мешаванд, пинҳон кардани мавҷудияти вай ғайриимкон мегардад ва онҳо дар ниҳояти кор аз тасмими худ дар мавриди нигоҳ доштанаш дар паси дари баста даст мекашанд. Агар рости гапро гӯем, ягон кафолате нест, ки ин ним соат ба ним сол, як сол ё аз ин дарозтар тӯл накашад. Ним соат ё як сол – имкониятҳо баробаранд. Агар чунин намебуд, вай ин қадар ҷон намеканд.

Вале агар тасаввур кунем, ки ба вай дасти кумак дароз кунанд, муфидтар он хоҳад буд, ки минбаъд ҳам худро бемор тасаввур карда гардад. Вай ҳама вақт дар зеҳни худ маҳз ба ин масъала бармегашт. Чун ӯ дар кишваре зиндагӣ мекунад, ки дар он қонун ва тартиб вуҷуд дорад, табиист, ки ба кумак умед мебандад. Он одамоне, ки дар зери тумани муаммо пинҳон шуда буданд ва аз худ аломати зиндагӣ нишон намедоданд, дар аксари мавридҳо худашон инро мехостанд. Ба ғайр аз ин, агар ягон чиз дар бораи ҷиноят дарак надиҳад, ғайб задан на ҳамчун парвандаи ҷиноятӣ, балки ҳамчун парвандаи маъмурӣ баррасӣ карда мешавад ва пулис ҳам ба он ба таври амиқ муносибат намекунад. Вале дар ҳолати вай вазъият тамоман ранги дигар дорад. Вай ташнаи кумак аст, дар ин бора ба ҳама муроҷиат мекунад, ба ӯ аҳамият надиҳанд, ёрӣ аз кадом тараф мерасад... Ҳатто ба одаме, ки ягон бор ӯро надидааст, садояшро нашунидааст, ҳамааш барояш маълум мегардад, агар боре бо қираи чашм ба хонааш, ки бе соҳиб мондааст, нигоҳ кунад. Китоби то охир нохонда ва кушода дар ҳамон саҳифае, ки ӯ монда буд...

Пулҳои майда дар ҷайбҳои костюме, ки бо он ба кор мерафт...Китобчаи чекӣ, бигузор дар он пули калон набуд ва аз вақтҳои охир пул нагирифта буд... Қуттӣ бо ҳашароти хушкнашуда ва тартиб надароварда шуда... Фармоиши маркадор барои зарфҳои нав барои ҳашарот, ки барои фиристодан омода шуда буд... Ҳама дар ҳолати анҷомнаёфта монда шудааст ва аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳиби хона нақшаи баргаштанро дорад. Меҳмон инро мехоҳад ё не наметавонад он хоҳишу дархосте, ки дар ин ҳуҷраҳо ба гӯш мерасад, нашунавад.

Бале... Агар он нома вуҷуд намедошт... Агар ҳамон номаи аҳмақона вуҷуд намедошт. Вале он буд... Хоб чиз будааст, ҳозир бошад, вай кушиш дорад худро ба кадом чизе бовар кунонад. Барои чӣ? Ҳиллагарӣ бас аст. Чизи аз даст рафтаро баргардонида намешавад. Вай бо ҳамин дастонаш кайҳо худро бӯғӣ кардааст.

Ҳамаи он чизе, ки ба рухсатӣ дахл дошт, пинҳон нигоҳ медошт ва инро махсус ба ягон ҳамкоронаш нагуфт, ки куҷо меравад. Илова бар ин, вай хомӯш буд, кушиш кард бошуурона сафарашро махфӣ нигоҳ дорад. Усули зебо – аз ин беҳтар барои ба ғазаб овардани ин одамон, ки дар зиндагии маъмулии якранги худ аз сар то по беранг шуда буданд, фикр карда бароварда намешавад. Акнун ӯ бо худнобудкунӣ машғул буд:  бояд вай фикр мекард, ки дар байни ин ҳама бебизоатӣ на танҳо вай, албатта, балки дигарон бо рангҳои дигар – сурх, осмонӣ, сабз... вуҷуд дошта бошанд.

Тобистони пур аз офтоби дурахшон танҳо дар романҳо ва кинофилмҳо дида мешавад.. Дар зиндагӣ бошад, ин рӯзҳои якшанбеи одами кӯчаки хоксор аст, ки аз шаҳр берун рафта, дар он ҷо боз ҳамон бӯйи тези дуд аст ва

рӯзномаро паҳн карда, дар саҳифаи бозаш, ки ба сиёсат бахшида шудааст, дароз мекашад... Термос бо пиёлаи оҳанрабодор ва шарбати консервшуда... баъди интизориҳою навбатпоиҳои зиёд завраќи бар ивази понздаҳ иен барои як соат иҷора гирифта... Соҳили баҳр, ки ба он мавҷҳои қурғошимӣ кафколуди омехта бо моҳиҳои мурда, омада мезананд... Ва баъд поезди барқии пуропур аз одамони хастаю бемадор... Ҳама ин ҳамаро ба хубӣ мефаҳманд, вале намехоҳанд ба мисли беақлон, ки имконият додаанд, онҳоро фиреб диҳанд, ба назар намоянд, аз ин рӯ дар картони хира чизеро ба монанди базму тантана расм мекашанд. Падарони ҳақир ва ришрасида кӯдакони норозии худро бесаранҷом намуда, маҷбур мекарданд, ки хуб гузаштани рӯзи якшанберо тасдиқ намоянд. Ин саҳначае аст, ки ҳар кас ақаллан як бор дар ягон кунҷаки поезди барқӣ дидааст... Ин қариб ҳасуди таъсирбахш ба офтоби бегона аст.

Вале агар мушкилӣ фақат дар ҳамин мебуд, масъаларо то ин андоза ба дил наздик намегирифт. Агар он одам ба ҳамаи ин ба мисли ҳамкорони боқимондааш аксуламал нишон намедод, ба сарсахтӣ кардан зарурат намемонд.

Танҳо ба вай ӯ боварии худро нишон дод. Ба шахси бо чашмони софу гостгӯ, бо чеҳраи тозаю озода. Вай фаъоли ҳаракати иттифоқи касаба буд. Бо ин одам ӯ ҳатто як маротиба кӯшиш кард ҷиддӣ ва аз таҳти дил дар бораи андешаҳои шахсиаш, ки аз дигарон пинҳон мекард, суҳбат кунад.

– Ту чӣ андеша дорӣ? Маро, барои мисол, масъалаи маорифи бо зиндагӣ алоқаманд ё вобасташуда, ба ташвиш овардааст...

– “Вобасташуда” чӣ маънӣ дорад”?

– Дар маҷмӯъ, маорифе, ки дар асоси тахаюлот бунёд ёфтааст ва маҷбур мекунад, ки чизи набуда ҳамчун чизи мавҷуда қабул карда шавад. Барои мисол регро мегирем, он як чизи сахтро ифода мекунад, вале ҳамзамон ба андозаи хеле калон хосияти гидродинамикиро доро мебошад. Маҳз ана ҳамин хосияташ диққати ҷиддии маро ба худ ҷалб кардааст.

Шахс худашро гум кард. Ба мисли гурбае, ки қоматхамида буд, қоматаш бештар хамида гашт. Вале қиёфаи чеҳрааш чун ҳамеша, кушода монда буд. Вай ба ҳеҷ ваҷҳ нишон надод, ки ин ғоя барояш нафратовар аст. Ким-ки боре гуфта буд, ки вай лентаи Мебиусро ба хотир меорад. Лентаи Мебиус ин порчаи коғази як маротиба тобдода ва нӯгҳояш пайвастшудае мебошад, ки бо ҳамин восита ба ҳамворӣ мубаддал мегардад ва на рӯй дораду на тарафи дигар. Шояд ба ин тахаллус он маъниеро ворид кардаанд, ки он ба мисли лентаи Мебиус фаъолияти иттифоқи касаба ва ҳаёти шахсии худро ба як ҷо омехта кардааст? Якҷоя бо масхараи сабук дар ин тахаллус инчунин эътироф низ дида мешуд.

– Шояд ту маорифи воқеиро дар назар дорӣ?

– Не, мисоли ман бо регро бигир... магар олам дар ниҳояти кор ба рег монанд нест?.. Ана ҳамин рег, вақте ки дар ҳолати оромӣ қарор дорад, он хосияти аслии худро нишон намедиҳад... Дар асл рег ҳаракат намекунад, балки худи ҳаракат ин рег аст... Аз ин беҳтар, ман фаҳмонида наметавонам...

- Ман ҳамин ҳел ҳам фаҳмидам. Охир таҷрибаи дарсдиҳӣ муҳимтарин элементҳои релятивизмро дар бар мегирад.

– Не, намешавад. Ман худам рег мешавам... Ҳама чизро бо чашми рег хоҳам дид... Вақте як бор мурдӣ, набояд хавотир шавӣ, ки боз бори дигар хоҳӣ мурд...

– Ту-ку идеалист нестӣ, ҳамин хел не? Эҳтимол ту аз шогирдонат метарсӣ?

– Бале, барои он ки ба фикрам шогирдонам низ кимчӣ хел ба рег монандӣ доранд...

Ҳамон одам он вақт баланд хандида, дандонҳои сафедашро урён кард ва заррае ҳам нишон надод, ки ба вай суҳбате, ки тарафҳои мавқеи ягонаро пайдо накарда буданд, маъкул нест. Ва бе ин ҳам чашмони майдаи вай дар ожангҳои чеҳра пинҳон шуда буданд. Вай ҳам, тавре ёд дорад, дар ҷавоб нахандида натавонист. Ин одам воқеан ҳам лентаи Мебиус буд. Ҳам ба маънои хуб ва ҳам ба маънои бад. Месазад ӯро ақаллан барои бахши хубаш ҳурмат кард.

Вале ҳатто ҳамин лентаи Мабиус айнан ба мисли дигар ҳамкоронаш аз барои рухсатии вай ҳасади сиёҳ хӯрд. Ин тамоман ба лентаи Мебиус монанд набуд. Ҳасад хӯрда, дар айни замон хурсандӣ мекард. Накӯкории сохта бисёр вақт касро оташин мекунад. Бинобар ин, ба ғазаб овардани он ба кас ҳаловати зиёд мебахшад.

Ва ин ҷо боз ҳамин номаи дарди сар... Қартаи бозие, ки тақсим шудааст, дигар пас гардонида намешавад. Хоби ҳавлноки дирӯза ба ҳеҷ ваҷҳ бесабаб шуморида намешавад.

Дурӯғ хоҳад буд, агар гӯем, ки дар байни ӯ ва он -дигар зан ягон гуна муҳаббат вуҷуд надошт. Дар байни онҳо кимчи хел муносибати тира ва эҳтимол норавшан вуҷуд дошт ва ӯ ҳеҷ гоҳ намедонист аз ин зан чиро интизор шавад. Барои мисол, ҳамин басанда буд, бигӯяд, ки ақди никоҳ аслан ба шудгор кардани замини нокорам шабоҳат дорад,

зан қотеона ва бо хашм эътироз карда мегӯяд ки ақди никоҳ ин васеъ кардани хонае мебошад, ки танг шудааст. Агар мард акси гапро мегуфт, зан, бешубҳа, эътироз мекард. Ин як навъ бозӣ буд – кӣ бештар ва дуру дароз бозӣ мекунад ва он бе хастагӣ бештар аз ду солу чор моҳ идома дошт. Шояд дуруст хоҳад буд, бигӯем, ки онҳо шаҳвонияти худро аз даст надодаанд, балки дар ниҳояти кор боздоштаанд. Зеро онро аз ҳад зиёд нишон доданд.

Ва маҳз ҳамон вақт тамоман ногаҳон қарори навиштани мактуб пухта расид ва дар он хабар дода шуд, ки барои як муддате танҳо ба ҷое меравад ва суроғаи маконро нишон надод. Махфиёте, ки бо он рухсатии худро пӯшонида буд ва ба ҳамкоронаш таъсир расонида буд, наметавонист ба занаш таъсир накунад. Вале дар лаҳзаҳои охир баъди навиштани суроға ва ширеш кардани марка, қарор дод, ки ин амали беҳуда аст ва номаро болои миз монд.

Шӯхии беозор нақши қулфи худкори роздореро иҷро кард, онро фақат соҳиби сейф боз карда метавонад. Нома ҳатман бояд ба чашми касе мерасид. Дар он, албатта, далели шайъии махсус мондашуда оид ба ғайб задан бо хоҳиши худаш ба инобат гирифта шуда буд. Вай ба ҷинояткори беақл шабоҳат дошт, ки бо истодагарии аблаҳонаи худ изи ангуштҳоро нобуд месозад, ҳол он ки ӯро дар маҳали ҷиноят дидаанд ва бо ин ҷинояти хешро исбот мекунад.

Имконияти бадар рафтан аз асирӣ дур шуда буд. Ва ҳоло, бо вуҷуди он ки вай умедашро аз даст надода буд, умедаш аз заҳре, ки худаш нӯшонда буд, нафасгир мешуд. Акнун ӯ дигар фақат як роҳ дорад – аз ин ҷо озод шавад, бигузор бо роҳи истифодаи қувва бошад. Шакку шубҳа дар ин ҷо бояд вуҷуд надошта бошад.

Тамоми вазни баданро тавре ба ангуштони пойҳо равона кард, ки онҳо бо дарди ҷонсӯз ба рег даромада рафтанд, қарор дод: то рақами даҳ ҳисоб мекунаму парида мехезам... Вале то сездаҳ шумурду ба қарори қатъӣ наомад. Ниҳоят, чор нафаскаширо ҳисоб карда, аз иморат берун баромад.

То он лаҳзае, ки вай фикр мекард, ҳаракатҳояш ниҳоят суст буданд. Рег тамоми қувваро кашида мегирифт. Дар ин миён зан баргашт ва ба бел такя карда, бо тааҷҷуб ба вай назар кард.

Агар зан муқобилият нишон медод, натиҷа тамоман дигар мебуд. Вале пешбинии вай дар бобати ногаҳонӣ собит шуд. Ростӣ, ӯ бо асабонияти зиёд амал кард, аммо зан ҳам то андозае моту мабҳут буд, ки гӯё фалаҷ шуда бошад. Ҳатто ба фикраш наомада буд, ки мардро бо бели дар дасташбуда, аз пешаш биронад.

– Доду фарёд накун!.. Ба ту зарар намерасонам... Хомӯш бош!... – бо овози гирифта пичиррос зад ӯ ва ба даҳонаш рӯпоккунакро тиққонд. Вале зан кӯшиш ҳам накард ба ин амалҳои ноӯҳдабароёна ва кӯр-кӯронаи мард муқовимат намояд.

Сустии занро ҳис карда, мард худро ба даст гирифт. Вай кунҷҳои рӯпоккунакро ба даҳони зан даровардa, сарашро бо он баста, аз қафо маҳкам гиреҳ кард. Сипас дастонашро ба пушташ гардонида, сахт баст.

– Акнун тез ба хона даро!

Зан, ки тамоман карахт шуда буд, натанҳо ба амалҳояш, балки ба гуфтаҳояш ҳам бидуни чуну чаро итоат мекард. Кадом бадбинӣ, вай ҳатто сояи муқобилиятро нишон надод. Аз афташ вай ба ҳолати монанд ба чашмбандӣ афтида буд. Мард дар бораи он ки анҷом дод, фикр намекард ва

намедонист он чӣ карда истодааст, зарур аст, вале зуроварии дағалона, аз афташ қобилияти муқобилият кардани занро маҳрум карда буд. Вай занро маҷбур кард, ки аз фарши заминӣ ба боло барояд. Бо матои дигар пойҳои занро дар қисмати буҷули пойяш баст. Ӯ ҳамаи ин корро дар торикӣ, ба воситаи ламс кардан анҷом дод ва барои мутмаъинӣ нӯги матоъро бори дигар дар гирди пойҳо печонид.

– Ана ҳамин хел, акнун ором шин, фаҳмо?.. Агар орому бесадо шинӣ, ба ту ҳеҷ кореро раво намебинам... Дар хотир дор, бо ман шӯхӣ кардан оқибати хуб надорад...

Ба тарафе, ки аз он ҷо нафаскашии зан ба гӯш мерасид, бо диққат назар карда, ақибнокӣ ба ҷониби дар равон шуд ва баъд парида ба берун рафту белу чароғро гирифт ва ҳамоно ба хона баргашт.

Зан якпаҳлӯ афтида буд. Вай тез-тез ва вазнин нафас мекашид, ҳамчунин бо оҳанги нафаскашӣ сарашро пасту баланд мекард. Ҳангоми нафаскашӣ зан ҷоғашро меёзонид, то ки реги болои бӯрёро нафас накашад. Ҳангоми нафасбарорӣ, бошад, баръакс ҳаворо аз биниаш бо қувваи зиёд мебаровард, то ки регро аз чеҳра дуртар намояд.

Ҳеҷ гап не, каме тоқат мекунӣ. Интизор шав то он лаҳзае, ки одамони сабаддор пайдо шаванд. Баъди он ҳама чизе, ки ман аз сар гузаронидам, беҳтараш ту хомӯш бошӣ. Ба ғайр аз ин, барои дар ин ҷо зиндагӣ карданам ба ту пул медиҳам... Дар бораи ҳар гуна хароҷот, умуман худат ҳисоб карда мебарой... Ту мухолиф нестӣ?.. Муқобил ҳастӣ?! Агар рости гапро гӯям, ман бояд пул надиҳам, вале ман мехоҳам, ки ҳама кор аз рӯйи адолат бошад. Бинобар ин, ту мехоҳӣ ё намехоҳӣ ман ба ту пул медиҳам.

Бо дасташ гарданашро дошта, гӯё барои нафаскашӣ кумак мекарда бошад, мард бо асабоният, ноорамона ба

садое, ки аз берун меомад, гӯш медод. Бале, беҳтараш чароғро хомӯш кунад. Вай шишаи чароғро бардошт ва омода буд оташро хомӯш кунад... Не, бояд аз назар гузаронад, ки зан дар чӣ ҳолат аст. Пойҳояш ба андозае сахт баста шудаанд, ки ангуштариро даровардан намешавад. Дастонаш ҳам маҳкам бастагӣ ҳастанд, банди дастонаш сурх шудаанд, нохунҳои то назди гушт шикастагӣ, ранги куҳнаи ғафси сиёҳро ба худ гирифта буданд.

Даҳонтиққиаш олӣ аст. Лабҳои беранги вай бе ин ҳам ончунон ёзида васеъ шудаанд, ки дар онҳо қатраи хун ҳам намондааст, ба шабаҳ монанд аст. Оби даҳои берун омада, зери рухсора дар болои бӯрё доғи сиёҳро ташкил додааст. Аз он ҷое, ки зан таҳти равшании ларзони чароғ дида мешуд, гӯё овози нолаи беовози зан шунида шуд.

Илоҷи дигар нест. Ҳамаи инро худат сар кардӣ... – дар суханони саросемавор гуфтааш асабоният ҳис карда шуд. – Ту кӯшиш кардӣ маро фиреб бидиҳӣ, ман бошам, туро. Ҳисоб баробар шуд? Охир ман ба ҳар ҳол одамам ва маро бе ҳеҷ гуноҳ наметавон ба монанди саг дар банд нигоҳ дошт... Ҳар кас хоҳад гуфт, ки ҳимояи боадолат ва қонунӣ мебошад.

Ногаҳон зан сарашро ба тарафи мард гардонида, кӯшиш кард бо қираи чашми нимпӯшидааш нигоҳи ӯро дарёбад.

– Чӣ?.. Мехоҳӣ ягон чиз бигӯй?

Зан ким–чӣ хел номуайянона сарашро ҷунбонид. Маълум набуд, ки тасдиқ кард ё инкор. Мард чароғро ба чеҳрааш наздик карда, кӯшиш намуд, ки аз нигоҳи чашмонаш бифаҳмад. Аввал ӯ ҳатто бовар накард. Дар онҳо на қаҳр буду на бадбинӣ, фақат ғуссаи беинтиҳо буду тавалло дар бораи ким-чизе.

Ин хел шуданаш ҳеҷ мумкин нест... Эҳтимол ба назар намояд... “Ифодаи чашм” ин фақат як ҳиллаи зебо ҳасту... Магар дар чашмҳо метавонад ягон ифода вуҷуд дошта бошад, зеро ғӯзаи чашм мушак надорад? Ба ҳар сурат мард дудила шуд ва мехост дастонашро дароз намуда, даҳонтиққиро суст кунад.

Вале зуд дасташро пас гирифт. Саросемавор чароғро хомӯш кард. Садоҳои боркашони сабадҳои рег наздик мешуд. Барои он ки чароғи хомӯшкардашуда ба осонӣ ёфта шавад, онро дар болои лаби фарши аз замин баландтар буда гузошт ва аз таги дастшӯяк зарфи обдорро гирифта, ҳарисона нӯшид. Баъд белро ба даст гирифта, дар назди дар пинҳон шуд. Вай саропо тар шуда буд. Ана ҳозир... Боз панҷдаҳ дақиқаи интизорӣ... Бо қатъият қуттии барои ҳашароти коллексиониро ба тарафи худаш кашид.

– Ҳой, – овози гирифтае ба гӯш расид.

– Шумо дар он ҷо чӣ кор мекунед? – аниқ ба мисли акси садо шунида шуд овози шахси ҷавон.

Ҷуқурӣ ба чунин як торикии ғафс ғутавар шуда буд ва ба назар мерасид, ки онро бо ламс кардан ҳис карда мешавад, дар берун бошад, эҳтимол аллакай моҳ баромадааст, бинобар ин дар сарҳади байни регу осмон ба мисли доғи номуайян гурӯҳи одамон сиёҳӣ мекард.

Бел дар дасти рост мард дар охири чуқурӣ хазида пеш рафт.

Дар боло шӯхиҳои фаҳш шунида мешуданд. Барои ба боло бардоштани зарфҳои пур аз рег арғамчини ҷангакдок ба поён фароварда шуд.

– Хола, тезтар шавед!

Дар ин лаҳза мард бо асабоният ба арғамчин дарафтоду аз пасаш чанги регро баланд бардошт.

- Ҳой, бардор, – дод зад мард ва бо ду дасташ бо чунон қуввае ба арғамчини дурушт часпида гирифт, ки агар он санг ҳам мебуд, ангуштонаш даромада мерафтанд. – Бардор! Бардор! То он вақте ки набардоред, сар намедиҳам... Зан бо дасту пои баста дар хона аст! Мехоҳед ба вай кумак кунед, тезтар арғамчинро боло кашед. Вале то он вақт касеро ба назди вай роҳ намедиҳам!.. Агар касе кӯшиш кунад ба ин ҷо сар халонад, бо бел сарашро мекафонам... Дар додгоҳ ман қазияро мебурам.  Раҳму шафқатро интизор набошед!.. Боз чиро интизор ҳастед? Агар ҳозир маро ба боло бардоред, аз болои Шумо ба додгоҳ шикоят нахоҳам бурд, ба касе чизе намегӯям... Дастгир кардани ғайриқонунӣ ҷинояти кам нест. Боз чӣ гап шуд? Биёед, бандро боло кашед!

Реге, ки аз боло ба поён мерезад ба рӯй мезанад. Дар зери курта аз гардан ба поён ким-чизи нофорам ва часпак мехазад. Нафаси тафсон лабҳоро месӯзонад.

Дар боло гӯё машварат карда истодаанд. Ва ногаҳон такони сахт шуду арғунчак хазида ба боло рафт. Вазни бадани овезони вай аз он чӣ ки дар назар дошт, хеле зиёд буд ва бандро аз дастонаш раҳо кард. Ӯ бо қувваи дучанд ба он часпида гирифт. Рагкашие, ки аниқ аз нигоҳ доштани ханда ба амал омада буд, шикамро пахш менамуд ва аз даҳон қатраҳо пош хӯрданд... Хоби баде, ки як ҳафта давом дошт, пароканда шуду парида меравад... Хуб аст... Хуб аст... Акнун раҳо шуд! Ногаҳон ӯ бевазниро эҳсос кард ва дар фазо шино кард... Эҳсосе, ки дар бемории баҳрӣ ба миён меояд, тамоми баданашро фаро гирифт; арғамчине, ки то ин вақт қариб буд пӯсти дастонашро канда мегирифт, акнун беҳаракат дар кафи дастонаш хобида буд.

Ин одамони палид ресмони доштаашро сар додаанд!.. Вай як маротиба чарх зада, нобоб ба болои рег афтид.

Қуттии барои нигоҳдории ҳашарот дар зери вай садои нафратовар баровард – ба назар чунин мерасид, ки ягон ҷояш дард намекунад. Аз ҷояш ба мисли партофташуда парида хесту ба ҷустуҷӯй арғунчак пардохт. Вале онро аллакай ба боло бардошта буданд.

– Аблаҳҳо!

Мард бо овози бегона фиғон кашид.

– Аҳмаққо! Охир шумо пушаймон мешавед!

Ягон аксуламале дида нашуд. Танҳо пичир-пичири паст – калимаҳоро фарк карда намешавад – ба мисли дуд шино мекунад. Дар ин пичир-пичир бадбинӣ аст ё тамасхӯр фаҳмида намешавад. Ва ин таҳаммулнопазир аст.

Хашм ва таҳқир, дақиқан мисли чанбари пӯлодин бадани вайро печонида гирифта буданд. Вай фарёди худро идома медод, ангуштонашро тавре мушт карда буд, ки нохунҳояш қариб ба кафи дастҳои намшудааш даромада буданд.

– Ҳанӯз ҳам нафаҳмидаед?! Ростӣ, ки шумо гапро намефаҳмед, вале ман коре кардам, ки ҳатто шумо мефаҳмед! Дасту пойи зан баста мебошанд! Шумо маро мешунавед?.. То он лаҳзае, ки маро ба боло намебароред ё нардбонро поён намефароред, зан дар ҳолати бастагӣ дар ин ҷо хоҳад монд!.. Ва касе гирду атрофи хонаро аз рег тоза нахоҳад кард... Чӣ хел, маъқул аст?.. Нағзакак фикр кунед... Агар ҳамаи ин ҷоро рег фаро гирад, ба шумо бад мешавад, ҳамин хел не? Рег аз ҷуқурӣ баланд шуда, ба тарафи деҳа равон хоҳад шуд!...

Ба ҷойи ҷавоб онҳо хомӯшона ин маконро тарк карданд, танҳо садои ғиҷирроси сабадҳое, ки онҳо кашолакунон болои рег мебурданд, ба гӯш мерасид.

– Чаро... Барои чӣ шумо ягон чиз нагуфта ин ҷоро тарк мекунед?!

Фиғони ҳузнангезе, ки аллакай ба ғайр ӯ каси дигар нашунид. Дар ин лаҳза, ки тамоми баданаш меларзид, мард хам шуда, ба тариқи ламс кардан ба ҷамъ овардани чизу чораи қуттии барои нигоҳ доштани ҳашарот сар кард. Шишаи спитрдор, аз афташ кафида буд, зеро вақте ба он даст расонид, дар байни ангуштонаш сардии форам рехт. Мард бе овоз гиря кард. Вай он қадар ғамгин нагашта буд. Ба назараш чунин менамуд, ки  каси дигар гиря дорад.

Рег ба мисли ҳайвони маккор аз паси вай хазида меомад. Дар зулмоти торик оворaю саргардон шуда, бо мушкилӣ пойҳои худро бардошта, то назди дар омад. Қуттӣ бо сарпӯши шикастаро оҳистакак дар паҳлуи оташдон монд. Аз дохили қуттичаи назди оташдон гӯгирди бо полиэтилен печонидашударо гирифта, чароғро даргиронд.

Зан ҳамоно дар ҳамон тарзи ист, каме бештар ба фарши хона хамшуда мехобид. Вай андаке сарашро ба тарафи дар гардонид, аз афташ мехост аниқ намояд, ки дар берун чӣ корҳо шуда истодааст. Аз таъсири рӯшноӣ чашмак заду дарҳол чашмонашро сахт пӯшид Бераҳмӣ ва дағалие, ки навакак нисбати худ ҳис карда буд, чӣ гуна қабул кард?.. Гиря кардан мехоҳад – бигузор гиря кунад, мехоҳад ханда кунад – бигузор хандад... Ҳанӯз на ҳама чиз аз даст рафтааст. Танҳо ман, на каси дигар илоҷи корро дар дасташ нигоҳ дошта истодааст.

Мард дар паси зан ба зону зада нишаст. Каме дудила шуд, вале баъд рӯйпоккунакро, ки бо он даҳони занро маҳкам баста буд, кушод. Ва на барои он ки ногаҳон виҷдонаш азоб дод. Ва, албатта, на аз рӯйи дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ.

Вай ниҳоят хастаю бемадор шудааст. Ва дигар ӯ наметавонад осабонияти беохирро паси сар намояд. Аслан

истифода бурдани даҳонтиққӣ зарур набуд. Агар ҳамон вақт зан барои кумак доду фарёд мекард, шояд баръакс дар байни душманонаш саргарангӣ ба амал меовард ва маҷбурашон мекард, ки  масъаларо ба зудӣ ҳал намоянд.

Зан манаҳи худро дароз карда, вазнин нафас мекашид. Аз оби даҳони бо рег омехташудаи вай рӯйпоккунак ба мисли калламӯши мурда хокистаранг ва вазнин шуда буд. Изҳои кабуд, ки аз рӯйпоккунак пайдо шуда буданд, гӯё ҳеҷ вақт нопадид намешаванд. Барои мулоим кардани рухсораҳои шахшудааш, ки ба мисли моҳии хушк сахт шуда будаанд, беист ҷоғи поёнашро меҷунбонид.

– Аллакай вақт тамом шуд... – Бо ду ангушташ рӯйпоккунакро гирифта, онро ба тарафе партофт. Онҳоро зарур аст, ки машварати худро тамом намоянд. Ҳозир бо нардбони аргамчинӣ давида меоянд. Агар кор дар ҳамин вазъ боқӣ монад, ба худи онҳо бад хоҳад шуд. Бале, ин аниқ аст... Агар ноороміро намехостанд, бояд маро ба ин дом намеафтонданд.

Зан оби даҳонашро фурӯ бурда, лабонашро лесид.

– Вале... Забонаш алҳол ба вай итоат намекард, бинобар ин нофаҳмо гап мезад, гӯё дар даҳонаш тухм бошад. – Ситораҳо баромаданд?

– Ситораҳо?.. Ситораҳо дар ин ҷо чӣ дахл доранд?..

– Раваду ситораҳо набаромада бошанд...

– Хайр чӣ, агар набаромада бошанд...

– Зан бемадор шуда, боз хомӯш шуд.

– Чӣ гап шуд? Гапро, ки сар кардед, идома диҳед! Мехоҳед фолнома тартиб диҳед? Ё ин эҳтимол хурофоти маҳаллӣ мебошад?.. Шояд боз гӯед, ки шабҳои беситора фаровардани нардбон мумкин нест?.. Чӣ хел мешавад? Ман намефаҳмам вақте хомӯш меистанд!.. Шояд шумо

вақте ба гап медароед, ки дар осмон ситораҳо пайдо шаванд? Интизор шавед, ихтиёр доред... Вале чӣ хоҳад шуд, агар дар ин вақт тӯфон бархезад? Дар он вақт дар бораи ситораҳо фикр кардан ҳам зарур намешавад!

– Ситораҳо... Зан ин калимаро дақиқан қатра-қатра аз худ берун меовард, гӯё аз даруни лӯлачаи нимхолӣ бадар мекарда бошад. Агар то ин вақт ҳанӯз ситораҳо набаромада бошанд, шамоли сахт намешавад...

– Чаро?

– Ситораҳо дар паси туман дида намешаванд.

– Чӣ гапҳое намегӯянд. Магар ҳозир шамол ба мисли пештара намевазад?

– Не, он вақт шамол сахт вазида буд. Мешунавед, он паст шуда истодааст...

Шояд вай гапи ҳақро мегӯяд. Ситораҳо дар ҳавои туман ба назар мерасанд, зеро қудрати шамол намерасад, то ки бӯғро дар ҳаво пароканда намояд. Имшаб гумон аст, ки шамоли сахт вазад... Яъне, онҳо дар деҳа барои қабули ягон қарор саросема намешаванд... Ва он чизе, ки дар аввал ба назараш сафсата ва бемаънӣ менамуд, ногаҳон ҷавоби оқилона баромад.

– Дар ҳақиқат ҳам... Вале ман тамоман оромам... Агар онҳо чунин карданӣ бошанд, ман ҳам метавонам интизор шавам. Он ҷое, ки ҳафта аст, он ҷо даҳ рӯз ва понздаҳ рӯз низ ҳаст, фарқият калон нест...

Зан бо қувва ангуштони пояшро қат кард. Онҳо ба узви часпиш монанд шуда буданд. Мард хандид. Ва баъди ханда ҳис намуд, ки дилбеҳузурӣ то гулӯяш омадааст.

Аз он ки худро азият медиҳӣ, чӣ фоида мегирӣ?.. Магар ту ҷанбаҳои заифи душманонатро пайдо накардӣ?.. Барои чӣ ту ором шуда, аз пасашон наззора намекунӣ?

Ниҳоят вақте ту сиҳату саломат ба хона бармегардӣ, ҳама он чизеро, ки аз сар гузаронидӣ, тасвир хоҳӣ кард.

Оҳ! Мо дар ҳайратем. Ниҳоят шумо ба қароре омадед, ки чизе бинависед. Воқеан, ҳодисоти зиёдеро паси сар кардед. Вале мо аз таҷрибаи рӯзгор меомӯзем, зеро кирми боронӣ то ба пӯсташ фишор наёрӣ, дароз намешавад... Ташаккур. Маро зарур омад, ки бисёр чизҳоро фикр карда бароям, ҳатто сарлавҳа ҳам аллакай ҳаст... Аҳа! Сарлавҳа чӣ ном дорад?.. "Шайтони хома" ё "Даҳшати дӯзахи мӯрчахона". Бале, сарлавҳаҳои диққатҷалбкунанда. Вале оё онҳо таассуроти як каме ғайримулоҳизавиро ба миён намеоранд?.. Шумо чӣ фикр доред?.. Ҳар қадар мусибатҳо даҳшатнок бошанд ҳам, тасвир кардани танҳо ҷанбаҳои берунии ҳодисаҳо маънӣ надорад. Ба ғайр аз ин, қаҳрамонони фоҷиа одамоне мебошанд, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунанд ва агар дар асари навиштаи шумо роҳи ҳалли мушкилот нишон дода нашуда бошад, тамоми заҳматҳо ва азобҳои шумо барабас хоҳанд рафт... Харигарӣ?.. Чӣ?.. Аз афташ, дар кучаое ҷӯи обпарторо тоза карда истодаанд? Ё шояд реаксияи махсуси химиявӣ байни хлори дар айвон пошида ва бӯйи сирпиёз, ки аз даҳони шумо меояд, ба амал омадааст?... Чӣ?.. Ҳеҷ чиз, ҳеҷ чиз, хоҳиш мекунам, нороҳат нашавед. Ҳар қадар, ки ман нанависам, дида истодаам, ки ман лоиқи унвони нависанда нестам... Ин боз тамоман хоксории зиёдатӣ мебошад ва ба шумо намезебад. Ба назари ман, ба нависандагон ҳамчун ба одамони дараҷаи махсус нигоҳ кардан зарур нест. Агар ту ягон чиз менависӣ, ту нависанда ҳастӣ... Ақидаи маъмулшудае ҳаст, ки ким-кӣ, махсусан муаллимон навиштанро дӯст медоранд, фақат ба онҳо имконият диҳед. Ин эҳтимол аз он ҷиҳат аст, ки аз рӯйи касбият онҳо

нисбатан ба нависандагон наздик мебошанд... Омӯзиши эҷодӣ ҳамин аст, магар? Бо вуҷуди он ки худи онҳо ҳатто қуттичаи хурдро сохта наметавонанд... Бале, қуттичаи хурдро, хеле миннатдорам. Магар худи он ки чашмони туро ба худат мекушоянд, эҷодиёти зебо нест?.. Ва барои ҳамин маро маҷбур мекунанд, ки ҳиссиёти навро, ки бо худ дарду ғам меорад, аз сар гузаронам... Вале умед ҳам бо худ доранд!.. Барои он ки ин умед амалӣ мешавад ё не ягон масъулиятро ба дӯш намегиранд... Агар аз ибтидо ҳар як кас ба қувваи худаш бовар накунад... Бас аст ба худфиребӣ машғул шудан. Ба ягон муаллим чунин як тартибот раво дида намешавад... Нуқсон? Ман нависандагиро дар назар дорам. Хоҳиши нависанда шудан худбинии муқаррарӣ буда, кӯшиши лӯхтакбоз шудан ва бо ин роҳ худро аз лӯхтакҳои дигар ҷудо кардан мебошад. Бо ҳамин мақсад занҳо ба истифодаи рангу ороиш рӯ меоранд... Ин магар аз ҳад зиёд сахтгирӣ нест? Вале агар калимаи "нависанда"-ро шумо бо ин маънӣ истифода мебаред, он гоҳ нависанда будан ва ягон чиз навиштан, шояд ва дар воқеият як чиз нест... Шояд. Ва маҳз барои ҳамин ман мехостам нависанда шавам! Ва агар нависанда шуда натавонам, навиштан ҳам лозим нест!..

Воқеан, кӯдаке, ки чизи барояш ваъда додагиро надодаанд, чӣ гуна ба назар мерасад?

Дар берун садое ба қанотзании парранда монанд ба гӯш расид. Мард чароғро гирифта, ба берун давида баромад. Дар қаъри чуқурӣ ким-чизи чиптапеч хобида буд. Дар боло касе набуд. Ба бӯғча даст нарасонида, вай бо овози баланд фарёд кард. Ягон ҷавобе нашуд. Ӯ ресмони бӯғчаро кушод. Коғазпеч бо чизи номуайян дар дохилаш, ин моддаи тарканда аст, ки ба он оташгирон ҳамроҳ карда шудааст ва номаш кунҷковӣ мебошад. Муқобили майлу

ихтиёр дар умқи қалбаш шарораи умед месӯхт: шояд дар он ягон василае бошад, ки барои баромадан аз ҷуқурӣ кумак кунад?.. Ин деҳотиҳо ҳама чизи заруриро партофта, ба зудӣ фирор карданд...

Вале дар он фақат қоғазхалтаи майдаи бо рӯзнома печонидашуда ва тақрибан шишаи яклитра, ки даҳонаш бо даҳантиққии чӯбин маҳкам карда шудааст, хобида буд. Дар қоғазхалта се қуттӣ, ки ҳар яке бистдонагӣ сигарети «Синсэй» дошт, мавҷуд буд. Ва чизи дигаре не. Вай намехост ба ин бовар кунад. Вай бори дигар коғазхалтаро ба даст гирифта афшонд, аз он фақат рег ба замин рехт... Ақаллан дар он ягон номача бояд бошад, ҳанӯз умед дошт, вале чизи дигар пайдо нашуд. Дар дохили шиша araқи пастсифат буд, ки аз он бӯйи нони биринҷии турушшуда меомад.

Ҳамаи ин барои чӣ даркор?.. Ин ягон муомила ҳаст?...Вай кадом вақт шунида буд, ки ҳиндуёни Амрико ба нишони дӯстӣ чилимҳояшонро иваз мекунанд. Ва арақ ҳам дар ҳама ҷо нишонаи тантанаю базм аст. Инак, бо масъулияти том метавон тахмин кард, ки бо ин тариқ онҳо кӯшиши бо ягон роҳ маслиҳат карданро баён менамоянд.

Одатан сокинони деҳот шарм мекунанд ҳиссиёти худро бо сухан баён намоянд. Дар ин масъала онҳо ниҳоят соддадил мебошанд.

Вале акнун ҳама гуна созишро як тараф монда, рӯ ба сигарет меорем. Чӣ тавр вай яке ҳафта тавонист бе онҳо рӯз гузаронад? Бо ҳаракати маъмулӣ кунҷи қуттиро дарронда, коғази ҷилодорро эҳсос кард. Аз таги қуттӣ тақ-тақ заду сигорро берун баровард. Ангуштоне, ки онро ба даст гирифта буданд, каме меларзиданд.

Сигорро дар оташи чароғ даргиронду оҳиста ва ҷуқур дудро фурӯ бурд, ин замон бӯи хуши баргҳои хазон

тамоми баданашро фаро гирифт. Лабонаш карахт шуданд, дар пеши чашмонаш пардаи вазнини бахмалин овезон шуд. Гӯё аз зарба бошад, сараш чарх заду танаш ба ларза даромад.

Шишаро сахт дошта ба худ ҷафс карда, бо мушкилӣ тавозунро нигоҳ дошт ва оҳиста-оҳиста ба ҷониби хона равон шуд. Пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд. Сар, гӯё аниқ ба чанбарак баста шуда бошад, ҳамоно чарх мезад. Вай мехост ба тарафе, ки зан хобида буд, нигоҳ кунад, вале ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист сарашро баргардонад. Чеҳраи зан, ки вай бо таги чашмаш дид, ба назараш ба андозаи тааҷҷубовар майда намуд.

– Ана тӯҳфа... – Ӯ шишаро баланд бардошта онро таккон дод. – Нағз фикр карда баромадаанд, ҳамин хел не? Акнун, раҳмат ба онҳо, шумо метавонед қабл аз вақт ҷашн бигиред... Бе гап ҳамааш маълум аст... Ман пеш аз ин ҳаааашро фаҳмида будам... Чизе, ки гузашт, гузашт... шумо чӣ хел, шояд барои шарикӣ як қадаҳчагӣ мебардорем?

Ба ҷойи ҷавоб зан чашмонашро сахт пӯшид. Эҳтимол вай барои он қаҳр кардааст, ки ӯ дасту пойҳояшро накушодааст? Зани беақл. Агар вай ақалан ба як савол ҷавоби дуруст медод, ӯ вайро кайҳо озод мекард. Шояд барояш аламовар шуда бошад? Аз барои он ки марди бо чунин мушкилот ба дастовардаашро нигоҳ дошта наметавонад ва маҷбур аст, дигар роҳ надорад ва онро бояд раҳо кунад. Ӯ шояд барои ин ягон асос дошта бошад... Синну солаш қариб ба сӣ расидааст ва бевазан аст. Аз қафо дар биҷилакҳои пояш ким-чизи аҷоиб – чуқуриҳои кашидашуда намоён аст. Вай боз шиддати хурсандии бесабабро ҳис кард. Барои чӣ пойҳои вай чунин зебо мебошанд?

– Мехоҳед сигор кашед? Гиронда медиҳам.

– Не, намехоҳам, бе ин ҳам гулӯям хушк шуда истодааст... – сарашро ҷунбонида, паст ҷавод дод.

– Шояд об диҳам?

– Ҳеҷ чиз зарур нест.

– Шарм надоред. Ман охир бо шумо ин корро на барои он кардам, ки нисбататон ягон ҳисси бадбинӣ дорам. Шумо бояд фаҳмед, ки ин аз нуқтаи назари стратегия зарур буд. Ана акнун онҳо гӯё каме гузашт карданд...

– Ба мардҳо ҳафтае як маротиба арақ ва сигор медиҳанд.

– Медиҳанд?.. – Пашшаи калоне, ки ба назараш парвоз дорад, дар асл он сарашро ба шиша мезанад... Унвони илмиаш Mushina stabulans мебошад. Ин қариб ба чашмони нимабиное монанд аст, ки ашёро қисм-қисм тасаввур мекунанд... Ӯ ҳатто кӯшиш накард саргарангии худро пинҳон кунад ва пурсид:

– Вале чаро барои мо шуда худро саргардон мекунанд? Беҳтар нест магар ба мардум имконият диҳанд, ки барояшон ҳарчи зарур аст, худашон харидорӣ кунанд?

- Кор ниҳоят вазнин ва зиёд аст, бинобар ин, барои дигар корҳо вақт намерасад... Ба замми ин, ба деҳа фоида-овар аст: як қисми хароҷотро Иттифоқ ба ӯҳда мегирад.

Агар чунин аст, ҳамаи ин маънии созишнома не, балки тамоман баръакс – тавсияи таслим шуданро дорад!.. Инро ҳам не, шояд аз ин бадтарро дошта бошад. Шояд вай ба чархак, ба яке аз онҳое, ки ҳаёти ҳамарӯзаро ба гардиш медарорад, мубаддал шуда бошад ва бо ин сифат ба тамоми рӯйхатҳо шомил гашта бошад.

– Гуфтагӣ барин, ман мехостам барои аниқ кардан пурсам. Ман якумин одаме ҳастам, ки бо он чунин ҳодиса рух додааст?

– Не. Ҳар чизе ки нагӯй, маълум аст, ки барои иҷрои корҳо одам намерасад... Ҳам одамоне, ки хоҷагӣ доранд ва ҳам камбағалон – ҳамаи он касоне, ки метавонанд кор кунанд, яке аз паси дигаре деҳаро тарк карда истодаанд... Деҳаи қашшоқ – ҳама ҷо рег...

– Дигар чӣ ҳам гуфтан мумкин... – Ҳатто овози вай зери ранги рег тобиши ҳимоявиро ба худ касб кард. – Ба ғайр аз ман касе ҳаст, ки дошта оварда бошанд?

– Бале, ин аввали тирамоҳи соли гузашта буд... Корманди ширкат...

– Корманди ширкат?

– Бале,  намояндаи ширкате, ки барои сайёҳон руқъа нашр мекунад. Ба меҳмонӣ ба хонаи роҳбари кооператив омада буд... Манзараи зебо, гуфта буд, барои шаҳриён ташвиқ кардан мумкин аст...

– Ва ӯро дошта гирифтанд?

- Ҳамон вақт дар яке аз хонаҳои қатори мо қувваи корӣ намерасид...

– Ва баъд чӣ шуд?

– Ба фикрам вай даррав мурд... Не, вай аз аввал он қадар қавӣ набуд... ба болои ин, ноомади кор мавсими тӯфонҳо буд, аз кори зиёд...

– Барои чӣ вай даррав фирор накард?

Зан ҷавоб надод. То андозае маълум аст, ки ҳатто ба ҷавоб додан чизе намемонад. Барои он фирор накард, ки гурехтан натавонист... Сабабаш, албатта, танҳо дар ҳамин аст...

– Ба ғайр аз вай ягон каси дигар буд?

– Бале... дар аввалин рӯзҳои сол дар ин ҷо донишҷӯе буд, ба фикрам китоб мефурӯхт.

– Майдафурӯшро дар назар дорӣ?

– Ким-кадом китобчаҳои майдаеро мефурӯхт, ки нархашон ҳамагӣ 10 йен буд. Дар он китобчаҳо ба муқобили касе маълумотҳо чоп шуда буданд...

– Донишҷӯ–иштирокчии ҳаракат барои баргардонидан ба ватан... Ӯро ҳам дастгир карданд?

– Вай эҳтимол ҳозир ҳам дар се хона дуртар аз мо зиндагӣ мекунад.

– Ва нардбони танобӣ ҳам аз он ҷо бардошта шудааст?

– Ҷавонон дар минтақаи мо намеистанд... Ҳеҷ коре карда намешавад, дар шаҳр маоши бештар медиҳанд, илова бар ин, кинотеатру тарабхонаҳо ҳар рӯз кор мекунанд...

– Вале ҳеҷ мумкин нест, ки дар ин ҷо ба касе муяссар нашуда бошад, ки аз ин ҷо фирор карда бошад?

– Чаро не, як ҷавон буд, ӯро рафиқонаш аз роҳи дуруст гардониданд ва вай ба шаҳр гурехт... Дар он ҷо ӯ касеро бо корд зад, дар ин бора ҳатто рӯзномаҳо навишта буданд. Барояш муҳлати ҷазо муқаррар карданд ва баъд ба ин ҷо баргардониданд, шояд дар хонаи волидайнаш зиндагӣ дорад...

– Магар ман дар ин бора аз ту пурсидам! Ман дар бораи шахсоне пурсида истодаам, ки аз ин ҷо фирор карданду дигар пас барнагаштанд!

– Ин чандин сол пеш буд... Ёд дорам, тамоми оила шабона гурехта буданд. Хона дуру дароз холӣ буд, ки хеле хатарнок аст, рост мегӯям, ин хатарнок мебошад... Ҳатто агар як ҷо хароб шавад, ин ба таркиш дар сарбанд баробар аст...

– Ва баъди ин, мегӯед, ки дигар набуд?

– Ба фикрам, набуд...

– Ин тамоман бемаъно аст! – Рагҳои гарданаш варам карданд, нафас кашидан душвор шуд.

Зан ногаҳон ба мисли оруе, ки тухм мегузорад, ба ду қисм қат шуд.

– Чӣ гап шуд?.. Дард мекунад?

– Бале, дард мекунад...

Вай дасташро ба дасти рангпаридаю сафедшудаи зан расонид. Баъд ангуштонашро аз таги гиреҳ гузаронида, набзашро санҷид.

– Ҳис мекунед? Набзатон хуб аст... Ба фикрам, ягон чизи ҷиддӣ нест. Ман мефаҳмам, ки кори хуб накарда истодаам, вале ба ман зарур аст, то ки шумо ба ашхоси деҳа, ки гунаҳгоранд, шикоят кунед.

– Бубахшед, метавонед гардани маро, он ҷое, ки гӯш аст, каме бихоред?

Чун мард ғофилгир шуда буд, даст кашида натавонист. Байни пӯст ва қабати рег араќи ғафси бадан ҷамъ шуда буд, ки равғанро ба ёд меовард. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё нохунҳо аз болои пӯсти шафтолӯ мегузаранд.

– Бубахшед... Ба ростӣ, аз ин ҷо то ҳанӯз ягон кас фирор накардааст.

– Баногоҳ тарҳи дар ба хатҳои номаълум ва беранг табдил ёфта, шино карда рафт. Ин моҳтоб буд. Порчаи рӯшании хира – дақиқ қанотчаи мӯрча. Бо мурури замон, вақте ки чашмон одат карданд, тамоми таги ҷуқурӣ ба худ намнокии ҷилодорро касб карда, ба баргҳои ҷавони обдор монанд шуд.

– Ҳоло ҳамин тавр, дар ин сурат ман якумин хоҳам шуд!

Интизор шудан сахт аст. Вақт бо ҳалқаҳои тамомнашаванда, ки ба ҳалқаҳои мор шабоҳат доранд, хобида аст. Ба пеш ҳаракат кардан танҳо аз як ҳалқа ба ҳалқаи дигар имкон дорад. Ва дар ҳар як ҳалқа шубҳа ҳаст,

ҳар як шубҳа бошад, силоҳи худро дорад. Бо ин шубҳаю гумонҳо баҳс кардану сарфи назар намудан ё ба ҷонибе гузоштани онҳо ва ба пеш ҳаракат кардан он қадар осон набуд.

Шаб бо интизории пуразоб сипарӣ шуд. Субҳ дамид. Аз тариқи тиреза бомдод чун тӯқумшуллуқ болои пешонӣ ва бинниаш хазида, ба ҳоли вай механдид.

– Бубахшед, каме об ...

Чӣ гап шуд? Эҳтимол барои лаҳзае хоб бурда бошад. Курта, шим дар қисмати зону тар шуданд. Рег, ки ба араќи бадан часпидааст, ҳам аз рӯйи ранг ва ҳам зимни палмосидан – аниқ ба нони нимпӯхтаи гандумӣ монанд шудааст. Вай фаромӯш кардааст, ки рӯяшро пӯшонад, бинобар ин, бинию даҳонаш чун зимистон дар майдони шолизор, хушк шудаанд.

– Бубахшед, бисёр хоҳиш мекунам...

Зан, ки аз сар то пояш бо рег пӯшонида шуда буд, ба мисли бемори табларза меларзид. Дарду алами вай гӯё бо воситаи сим ба ӯ мегузаштанд. Ӯ аз сарпӯши зарф полиэтиленро бардошта, аввал худаш ҳарисона лабашро гузошт. Каме об гирифт, то ки даҳонашро обгардон кунад, вале як бор ва ҳатто ду бор барояш кифоят накард. Вай ҳамаи ин вақт лӯндаҳои регро туф мекард. Баъд даст афшонд ва регро бо об якҷоя фурӯ бурд. Ин амал баробар ба он буд, ки сангро фурӯ барӣ.

Оби нӯшида ҳамон лаҳза ба арақи бадан мубаддал мегашт. Пӯсти газакгирифтаи пушт аз боло то поён, рӯйи сина ва биқинҳо то миён ончунон дард мекард, ки гӯё онро порча-порча меканданд.

Ӯ бо чеҳраи гунаҳгор об нӯшида, зарфро ба даҳони зан наздик бурд. Зан бо данҳонҳояш онро қапида, бе обгардон

кардани даҳон, ба монанди кабӯтар нолиш карда, ба нӯшидани об шуруъ кард. Бо гирифтани се қулт об вай зарфро холӣ кард. Чашмони зан, ки аз зери пилкҳои варамшуда ба мард нигоҳ мекарданд, аввалин бор бо мазамммати бераҳмона лабрез шуда буданд. Зарфи холишуда тамоман сабук гашта буд, гӯё аз коғаз сохта шуда бошад.

Барои он ки аз ҳиссиёти гунаҳгории ғамовар халос шавад, мард либосҳояшро афшонда, ба фарши хокӣ фаромад. Шояд ақаллан чеҳраашро бо рӯйпоккунаки намдораш пок кунад? Албатта, беҳтар аз он аст, ки ӯро ба ҳолаш монию аз арақи бадан нафасгир шавад. Чунин ақида мавҷуд аст, ки сатҳи фарҳанг ба дараҷаи тозагии пӯст баробар аст. Агар одам рӯҳ дошта бошад, бешубҳа он дар пӯст зиндагӣ мекунад. Танҳо ба ёд овардани об басанда аст, ки пӯсти ифлосро даҳҳо ҳазор пистонакҳо, ки омодаанд онро ҷаббида гиранд, пайдо мешаванд. Ба мисли ях сарду шаффоф, мулоим ба мисли пар беҳтарин махзан барои рӯҳ... Боз як дақиқаи дигар ва пӯсти тамоми бадани вай пӯсида, канда шуда меафтад.

Вай ба зарфи об назар андохту ноумедона фарёд кард:

– Он холӣ аст!..

– Ӯ дасташро ба дохили зарф даровард. Реги сиёҳ, ки дар таги зарф ҷамъ шуда буд, нӯги ангуштонашро олуда кард. Дар таги пӯст ҳазорпояҳои бешумори захмин, ки талабгори об буданд, ба ҷунбиш омаданд.

– Аҳмаққо овардани обро фаромӯш карданд?.. Шояд онҳо онро баъдтар овардаанд?

Вай ба хубӣ мефаҳмид, ки бо ин худро ором карданӣ ҳаст. Автомашинаи боркашонӣ ҳамин ки субҳ дамид, кори худро тамом карда, ба деҳа бармегардад. Мақсади ин нобакорон маълум аст. Онҳо аз афташ қарор додаанд, ки

овардани обро қатъ карда, ӯро то бехудӣ расонанд. Ва ӯ ба ёд овард – охир ин одамҳо ба хубӣ медонистанд, ки аз таг кофтани ҷарии рег то чӣ андоза хатарнок аст, бо вуҷуди ин, ҳатто огоҳ кардани вайро лозим нашумориданд. Ҳатто дар сари онҳо фикре вуҷуд надорад, ки ӯро аз хатар эмин нигоҳ доранд.  Онҳо шояд воқеан намехоҳанд одамеро, ки ба умқи сирру асрори онҳо ворид шудааст, зинда аз ин ҷо раҳо кунанд ва агар ин роҳро пеша кардаанд, то охир аз он сарфи назар намекунанд.

Мард дар назди дар истода, ба осмон нигоҳ кард. Дар зери ранги гулобӣ, ки офтоби субҳгоҳон кашида буд, абрҳои шармгири пахмоқиро бо душворӣ фарқ кардан мумкин буд... Осмон аз боридани борон дарак намедод. Бо ҳар баровардани нафас, бадан гӯё обро аз даст медиҳад.

– Боз чӣ нақша дар сар доранд?! Онҳо мехоҳанд маро бикушанд,  ҳамин хел?

Зан ҳамоно меларзид. Вай хомӯш аст, эҳтимол, ҳамаашро нағз медонад. Хулласи гап – шарики ҷиноят, ки худро қурбонӣ нишон медиҳад. Азоб бикаш!.. Азоби ту–танҳо қасоси одилона мебошад.

Вале ҳама азобу уқубати зан ба дарди чизе намехӯрад, агар аз онҳо нобакорони деҳа хабардор нашаванд. Охир ягон кафолате нест, ки онҳо аз ин хабардор шаванд. Гузашта аз ин, агар зарур шавад, эҳтимол меравад, ки бидуни дудилагӣ занро қурбонӣ мекунанд. Шояд маҳз барои ҳамин вай ба  ин андоза тарсидааст. Дарранда хеле дер ошкор кард, ки рахнае, ки ба он ворид шуду умедвор буд, ба озодӣ фирор кунад, даромад ба қафас будааст... Моҳӣ ниҳоят фаҳмид, ки шишаи аквариуме, ки ҳар сари чанд вақт биниаш ба он бармехӯрад,  садди рафънопазир будааст...

Вай бори дуюм бо дасти холӣ монду бой дод. Ва ҳоло аслиҳа дар дасти онҳост.

Вале тарсидан нашояд. Зарардидагони ҳалокати киштӣ на аз ташнагию гуруснагӣ, балки аз тарси он ки обу ғизо тамом мешавад, вафот мекунанд. Танҳо фикр кардан дар бораи он ки мағлуб шудӣ кифоя аст, ки ҳамон лаҳза шикаст хӯрдан оғоз ёбад. Аз нӯги бинӣ қатраи арақи бадан афтид. Аҳамият додан ба он ки чӣ қадар сантиметри мукааб об талаф шудааст, маънои ба доми душманон афтиданро дорад. Бояд дар бораи он фикр кард, ки барои бӯғ шудани як стакан об чӣ қадар вақт зарур аст. Охир ҳаяҷони нодаркор аспи лоғар – вақтро намедавонад.

– Шояд, аз банд раҳоят кунам?

Зан эҳтиёткорона нафасашро дошта, шах шуд.

– Намехоҳед – барои ман фарқ надорад... Хоҳед – ресмонро мекушоям. Вале бо як шарт... Бе иҷозат белро ба даст намегиред...Чӣ хел... ваъда медиҳед?

– Бисёр хоҳиш мекунам, лутфан, – бо андӯҳ илтимос кард зан, ҳол он ки то ин вақт ҳама корро тоқат мекард. Ин ногаҳонӣ буд, ба монанди он ки чатр аз шиддати шамол чаппа гашта бошад. Ҳар чизе хоҳед, ваъда медиҳам! Бисёр хоҳиш мекунам, лутфан, илтимос!..

Дар бадан захмҳои суп-сурхи бо пленкаи сафедтоб пӯшонидашуда, монда буданд. Дар ҳамон ҳолати пешина, рӯ ба боло хобида, буҷулаки пойҳояшро ба якдигар мемолид. Баъд бо ангуштон ба мулоим кардани банди  дасташ шурӯъ кард. Барои он ки нолиш накунад, дандон ба дандон монда тоқат кард, дар чеҳрааш арақ пайдо шуд. Ана вай  оҳиста ба тарафи дигар баргашта гавак кашид: аввал бо зону, баъд бо даст. Ва ниҳоят бо душворӣ сарашро бардошт. Як муддат вай каме алвонҷ хӯрда, дар ҳамин ҳолат истод.

Мард хомӯш дар қисмати баланди фарши хона нишаста буд. Вай оби даҳонро ҷамъ намуда, фурӯ мебурд. Баъди фурӯ бурдани якчанд қулт оби даҳон ба мисли ширеш ҷаспак гашту дар гулӯ дармонд. Ӯ хоб рафтан немехост, вале аз хастагии зиёд ҳама чиз дар майнааш ба мисли сиёҳӣ дар рӯи коғази намдор паҳн мешуд. Дар пеши чашмонаш ким-кадом доғу хатҳои хира намоён мешуданд. Аниқ манзараи асроромез аст. Як зан ҳаст... Рег ҳаст... Зарфи холӣ барои об ҳаст... Шикваю нолаи ҳайвонӣ ҳаст... Офтоб ҳаст... Ва дар кучое, вале дар куҷо, худи ӯ намедонад, албатта минтақаи бӯрон ва қабатҳои гузариш байни ҷараёни ҳаво мавҷуд аст. Аз кадом тараф ба ин муодила, ки номуайяниҳои зиёд дорад, наздик шудан зарур аст?

Зан аз ҷояш бархост ва оҳиста ба ҷониби дар равон шуд.

– Куҷо меравӣ?

– Фақат ба хотири он ки аз вай халос шавад, ким-чӣ ғур-ғур кард, вале ӯ чизе нафаҳмид. Барояш маълум шуд, барои чӣ ин ҳама вақт аҳволи зан ин қадар вазнин буд. Дар паси девори чӯбин дарров шунида шуд, ки зан пастакак пешоб мекунад. Ва ногаҳон ҳама чиз дар назараш ба андозаи фоҷавӣ ночизу беҳуда намуд.

Ин ба куллӣ дуруст аст: вақт ногаҳон ба мисли асп чорхез зада парида намеравад. Вале ҳамзамон аз аробаи дастӣ дида, оҳистатар ҳаракат намекунад. Оҳиста-оҳиста ҳавои сӯзон ба нуқтаи баландтарини худ рафта расид: он чашму майнаро то ба ҳолати ҷӯшонидан расонид, аъзои дохили одамро об кард ва шушҳоро сӯзонд.

Рег, ки намии шабро ба худ ҷаббида гирифта буд, онро дар шакли бӯғ ба ҳаво сар медиҳад... Ба туфайли инъикоси шуоъ он ба мисли мумфарши тар ҷило

медиҳад... Вале дар асл ин бе ягон омехтагиҳо аз ҳашт як ҳиссаи миллиметри пашшаи дар дег пухташударо ташкил медиҳад.

Ва инак, авалин фурӯравии рег... Овози маъмулие, ки бе он ягон рӯз оғоз намеёбад, вале мард беихтиёр ба зан нигоҳ кард. Як рӯз регро канда нагирифтанд – чӣ оқибате пеш меояд?.. Ягон кори махсус намешавад, аз дил гузаронид вай, вале боз ҳам хавотир шуд. Зан чашмонашро поин карда, хомӯш аст. Бо тамоми вуҷудаш нишон медиҳад – ҳар қадар мехоҳӣ худат нигарон бош. Агар чунин аст, бало ба пасаш, дигар аз вай саволу ҷавоб намекунад. Ҷараёни рег, ки то андозаи ришта борик шуда буд, васеъ ва калон гашт, ҳамин тариқ чанд маротиба. Баъд ниҳоят аз ҳаракат монд.

Дар маҷмуъ ягон чизи даҳшатнок нест. Вай бо осудагӣ нафасро рост кард. Ногаҳон рухсораaш ба тапиш ва сӯзиш даромад. Арақи арзон, ки то ин вақт кӯшиш мекард дар бораaш фикр накунад, ногаҳон ӯро зӯран ба худ ҷалб мекунад, дақиқан ба мисли чароғ дар торикӣ. Дар ҳама ҳолат гулӯро тар кардан зарар надорад. Дар акси ҳол тамоми хун аз бадан дар шакли бӯғ бухор мешавад. Вай ба хубӣ дарк мекард, ки тухми азобҳои ояндаро корида истодааст, вале ӯ дигар муқобили хоҳишҳояш истода наметавонист. Даҳонтиққиро кашида бароварду шишаро ба даҳонаш наздик карда, аз нӯги шиша нӯшидан гирифт. Вале забон ҳамоно ба ҳайси саги посбони вафодор аз ҳуҷуми ногаҳонӣ тарсида, худро ба ҳар тараф мезад. Ва ӯ ҳам нафасгир шуд. Гӯё аз ҳад зиёд будани ҳаво. Вале аз дилкашолии зиёд худро нигоҳ дошта натавонист ва қулти сеюмро фурӯ бурд. Вай ба хотири ким-чизи хатарнок менӯшад...

Маҷбур шуд ба зан ҳам пешниҳод намояд. Вале вай, албатта, қотеъона рад кард. Ва бо чунин як шаклу шамоил, ки гӯё ба вай заҳр доданианд. Тавре худаш ҳарос дошт, баъди ба меъда ворид шудани машрубот ҳамон лаҳза ба мисли тӯбчаи бозии пинг-понг ба сар зада баромад ва ба мисли орӯ ба виззосзанӣ даромад. Пӯсти бадан ба мисли пӯсти хӯк сахт мешавад. Хун вайрон мешавад!... Хун бӯғ мешавад!

– Ягон кор кардан даркор! Эҳтимол ба худат ҳам осон нест? Бандро ку ман кушодам – акнун ягон кор кун, охир!

– Майлаш… Вале агар ман ягон кас аз деҳаро хоҳиш накунам, ки об биёрад, чизе тағйир намеёбад...

– Магар ин корро кардан мумкин нест?!

– Танҳо агар корро оғоз кунем, он вақт...

– Ба ман шӯхӣ намефорад! Канӣ бигӯ... Оё ягон кас чунин ҳуқуқҳоро дорад?

Зан чашмонашро поин карда, лабонашро сахт фушурд. Ту чӣ кор хоҳӣ кард?! Порчаи осмон, ки аз сӯрохии болои дар дида мешуд, аз ранги кабуди баланд ба сафедтоби ялаққосӣ, ба монанди узвҳои дохилии гӯшмоҳии баҳрӣ мубаддал гашт. Фарз кардем, ӯҳдадорӣ ин шиносномаи одам аст, вале чаро вай бояд онро бо ин одамшаклҳо мувофиқа намояд!.. Ҳаёти одам ин порчаҳои коғази ба ҳар тараф пошдодашуда нест... Он рӯзномаи пӯшида ва бо диққати тамом ҷузъбандӣ кардашуда мебошад... Як саҳифаи аввали он барои нусхаи аввалин кифоя аст... Ва ҳеҷ зарур нест, ки вазифаи худро дар дигар саҳифаҳое, ки идома надоранд, иҷро намоӣ. Агар ҳар дафъа наздиконатро, ки аз гуруснагӣ мурда истодаанд, наҷот диҳӣ, барои ягон кори дигар вақт намерасад... Бало занад, ниҳоят зиёд об нӯшидан мехоҳам!.. Чӣ қадар

одамони зиёд аз ташнагӣ мемуранд, агар ба вай лозим меомад, ки тамоми мурдаҳоро гур намояд, дар ин сурат ҳар қадар тан медошт ҳам, барои анҷоми ин кор намерасид.

Фурӯравии нави рег сар шуд.

Зан аз ҷояш бархоста, ҷоруби дар назди девор бударо ба даст гирифт.

– Фикри кор карданро аз сар дур кунед. Охир, ба назарам, ваъда дода будед?

– Не, аз кӯрпа...

– Аз кӯрпа?

– Агар шумо каме хоб наравед...

– Агар хоб рафтан хоҳам – ҳар чизе зарур бошад, худам анҷом медиҳам!

Такони ногаҳонӣ шуд, гӯё замин ҷунбида бошад, ки хона ларзид. Дар як лаҳза пеши чашмҳоро ба мисли дуд реге, ки аз арши хона мерехт, фаро гирифт. Ана ин аст, дар ниҳояти кор натиҷаи рӯфта тоза накардани реги ҷамъшуда. Вақте рег роҳи рехтан надорад, ба поён фурӯ рехт. Болор ва сутунҳои чӯбин, ки фишорро нигоҳ медоштанд, бо шикоят нолиш баров230 данд. Вале зан, ки бо диққат ба фишори болои дар омада нигоҳ мекард, ягон гуна хавотирӣ нишон надод. Шояд ин аз он ҷиҳат бошад, ки таъсирро алҳол фақат таҳкурсии хона ҳис карда буд.

– Нобакорҳо, разилҳо... То ба кай ин ҳама беҷазо мемонад?.. Аз афташ, ба онҳо чизе асар намекунад...

Дил хеле сахт мезанад!.. Барояш тобу тоқат намондааст, мехоҳад ба мисли заргӯши тарсида парида равад... Вай дар лонаи худ ором шишта наметавонад, омодааст ба ҷое набошад – даҳон, гӯшҳо ва ҳатто рӯдаҳо пинҳон шавад. Оби даҳон аз пештара дида часпактар шуда

буд. Вале гулӯ он қадар хушк нашуда буд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки каме арақ нӯшиду каме сархуш гашт. Вале ҳамин ки машрубот бӯғ шавад, гулӯяш ба мисли оташ хоҳад сӯхт. Ва оташ ӯро хокистар мекунад.

– Чунин як корро анҷом доданд ва хурсандӣ мекунанд... Барои он ки онҳо ҳатто майнаи сари мушӣ ҳам надоранд... Агар ман дар ин ҷо ҳалок шавам, онҳо чӣ кор хоҳанд кард?!

Зан сарашро боло бардошта хост чизе бигӯяд, вале хомӯш монд. Эҳтимол фикр кард, ки ҷавоб додан фоида надорад. Ин хомӯшии вай аз як тараф тасдиқ мекард, ки сӯҳбатҳо беҳуда мебошанд, дар ҳама ҳолат ҷавоб танҳо манфӣ хоҳад буд. Майлаш... агар поёни роҳ дар ҳама ҳолат як бошад, пас чаро аз ҳама чизи имконпазир истифода набарем?!

Мард боз як бори дигар аз шиша арақ нӯшида, худро бардам ҳис кард ва ба берун парида баромад. Ба чашмонаш ҷараёни сурби гудохташуда зад, ӯ калавид. Дар ҷойи изҳои аз пой мондашуда, дарров гирдоби рег чарх заданд. Дишаб ана дар он ҷо вай ба зан дарафтод ва ӯро баст.. Дар ҳамин ҷойҳо бояд бел таги рег монда бошад. Фурӯравӣ гӯё муваққатан қатъ шуда буд, вале аз нишебии ҷуқурӣ, ки ба ҷониби баҳр нигаронида шуда буд, рег беист мерехт. Баъзе вақтҳо ба иллати шамол бошад, ки ин анбӯҳ аз девор канда шуда, ба мисли порчаи матоъ дар ҳаво алвонҷ мезад. Барои он ки фурӯравии навро ба миён наорад, вай эҳтиёткорона бо нӯги пойафзолаш  регро мекофт.

Ба наздикӣ фурӯравии рег ба амал омада буд, аз ин рӯ, чуқуртар кофтан даркор аст, вале пояш ба ягон чизи сахт намерасид. Нурҳои мустақими офтоб бераҳмона баданро месӯзонданд. Ба андозаи нукта танг шудани

гавҳараки чашм... пешонӣ... Дигар набояд як қатра арақи бадан аз даст дода шавад... Ин ҳадди эътидол аст. Вале бели ман куҷо гум шуда бошад? Аниқ дар ёд дорам, ки он дар дастам буд ва мехостам чун аслиҳа истифода барам... Аз ин мебарояд, ки он дар ҷое зери рег мондааст. Вай таги ҷуқуриро аз назар гузаронид ва даррав дид, ки дар як ҷо рег ба шакли бел баланд шудааст.

Мард хост оби даҳонашро туф кунад, вале ҳамон лаҳза худро нигоҳ дошт. Ҳама он чизе, ки аққалан як қатра намӣ дошта бошад, бояд кӯшиш кард, онро дар бадан нигоҳ дошт. Ӯ кӯшиш ба харҷ дод, то ки дар байни лабону дандонҳо регро аз оби даҳон ҷудо намояд ва танҳо баъд аз ин бо ангуштонаш реги ба дандонҳо часпидаро тоза кард.

Дар кунҷи ҳуҷра зан рӯяшро ба тарафи девор гардонида, бо кимонои худ ким-чӣ кор мекард. Шояд камарбандашро суст карда, регро афшонида истодааст? Мард белро аз мобайнаш гирифта, баробари китфонаш боло бардошт. Ва нӯги тезашро ба тарафи девори берунии назди дари даромад нишон гирифт...

Аз пасаш фарёди зан шунида шуд. Ӯ бо тамоми қувва бо бел зарба зад. Бел бо осонӣ ба девори чӯбин даромада рафт ва онро сӯрох кард. Муқовимат на бештар аз оне буд, ки нони қандини хом метавонад анҷом диҳад. Девори берун, ки бо рег шӯста шуда буд, ба назар нав менамуд, вале дар асл қариб тамоман пӯсида буд.

– Шумо чӣ кор мекунед?

– Ман онро ба порчаҳо мешиканам ва ин ҳамчун ашё барои сохтани зинапоя хизмат мекунад.

Ҷойи дигарро интихоб намуда, боз ҳамон амалро анҷом дод. Айнан ҳамон хел шуд. Аз афташ ҳақ ба ҷониби зан буд, вақте мегуфт, ки рег дарахтро мепӯсонад. Агар

девори тарафи офтобрӯя пӯсида бошад, тасаввур кардани ҳолати тарафҳои дигари деворҳои хона мушкил нест. Чӣ хел то ҳанӯз ин вайрона рост истодааст... Як тарафаш кач аст, дақиқан як тарафаш хароб шудааст... Шояд дар лаҳзаҳои охир, вақте ба сохтани хонаҳо аз коғазу пластика шуруъ карданд, сохти биноҳое мавҷуданд, ки номаълум аз кадом ҳисоб рост истодаанд...

– Ҳеҷ гап не, агар тахтаҳо ба дардамон нахӯрад, болорҳои чӯбинро имтиҳон мекунем.

– Имкон надорад! Бас кунед, хоҳиш мекунам!

– Чӣ фарқ дорад, дар ҳама ҳолат, рег лаҳзае баъд онро пачақ мекунад.

– Ба зан аҳамият надода, хост бо қувваи зиёд ба ғӯлачӯб занад, вале бо доду фарёд ба пеш давида баромаду ба дасти мард худро овезон кард. Вай оринҷашро кашида гирифт ва ба тарафи дигар баргашт, то ки занро афшонад. Вале аз афташ, амали худро нағз ба ҳисоб нагирифт, ба ҷойи он ки занро ғалтонад, худаш ба замин афтид. Ҳамон лаҳза аз ҷояш парида хесту ба зан дарафтод, вале хонум ба бел часпида гирифта буд. Чӣ гап аст? Охир зӯри зан ба вай намерасад... Онҳо дар ҳамин ҳолат чанд маротиба дар рӯйи фарши заминӣ чарх заданд ва дар лаҳзаи кӯтоҳе, ки ба назараш намуд гӯё занро таҳти назорат қарор додааст ӯ онро ба фарши хонаи зер кард, тарафи муқобил аз бел ҳамчун сипар истифода бурда, мардро аз болояш дур кард. Дар ин лаҳзаҳо чӣ кор карда мешавад!.. Эҳтимол ин асари ҳамон арақе ҳаст, ки нӯшида буд... Ва ин дафъа ба назар нагирифт, ки ҳарифаш зан аст, бо зонуи қадшудааш бо тамоми қувва ба шикамаш зад.

Зан фарёд заду даррав мулоим шуд. Дақиқаеро аз даст надода, худро ба болои вай партофт. Синаи зан урён шуд ва дастони мард дар тани лучи араққардаи вай лағжиданд.

Ногаҳон, тавре баъзан дар кино мешавад, вақте дастгоҳи филмнишондиҳӣ аз кор мемонад, онҳо шах шуда монданд. Танҳо як дақиқаи дигар кифоят мекард, ки мубориза барои бел тамоман ба чизи дигар табдил ёбад. Вале зан ногаҳон бо овози гирифта гуфт:

– Оё рост аст, ки тамоми занҳои шаҳрӣ зебоянд?

– Занҳои шаҳрӣ?.. Вай ногаҳон шарм дошт... Ва заиф шуд... Хатар гӯё бартараф шуд... Ӯ тасаввур карда наметавонист, ки ишқварзӣ метавонад дар ин ҷо, дар байни регзор вуҷуд дошта бошад. Вале аз афташ, чунин зане вуҷуд надорад, ки ҳатто зонуҳояшро боз намояд ва бовар надошта бошад, ки мард ба ин амалаш баҳои сазовор медиҳад, агар амали ғайритабии анҷом дода шавад.

Маҳз ин гуна хаёли хоми таъсирбахш ва соддалавҳона занро қурбонии зӯроварии яктарафаи маънавӣ мегардонад... Соддалавҳии зан мардро ба душмани вай табдил медиҳад.

Чеҳраи дурушт, мисле ки оҳор дода шуда бошад, нафасе, ки бо суръати тӯфон бадар мешавад, оби даҳон, ки маззаи қанди сӯхтаро дорад... Сарфи беҳудаи қувва. Бо воситаи арақи бадан на камтар аз як истакон намӣ бадар рафт. Зан сарашро хам карда, оҳиста аз ҷояш бархост. Чеҳраи реголуди вай дар рӯ ба рӯйи чашмони вай қарор дошт. Ногаҳон зан бо ангуштонаш бинӣ афшонда, дасташро бо рег пок кард. Баъд хам шуд ва шалвораш ба поён ғеҷида рафт.

Мард бо қаҳр чашмонашро ба тарафи дигар гардонид. Ҳол он ки “бо қаҳр” гуфтан он қадар дуруст нест. Дар забонаш ким-кадом эҳсосе боқӣ мондааст, вале ташнагӣ не, чизи дигар...

Вай ба таври хира ҳис мекард, ки ду намуд рағбати ҷинсӣ вуҷуд дорад. Барои мисол, одамон ба мисли Лента Мебиус ҳангоми вохӯриҳо бо духтар одатан аз рӯйи қоида корро аз сӯҳбат оид ба ғизо ва тамъи он оғоз мекунад. Агар одами гуруснаро гирем, онҳо чунин андеша доранд, ки барои вай фақат ғизо вуҷуд дорад, барояш ҳамааш як мазза дорад – ҳам гӯшти гов аз Кобэ ва ҳам садафаки хиросимӣ... Вале ҳамин ки шикамаш сер шуд, вай ба маззаи ғизо сарфаҳм мерафтагӣ мешавад... Айнан ҳамин чиз дар рағбати ҷинсӣ вуҷуд дорад: ҳаст шавқи ҷинсӣ дар маҷмуъ ва баъд майли ҷинси ҷузъӣ ба миён меояд... Шаҳватро низ набояд дар маҷмуъ баррасӣ кард. Ҳама чиз аз ҷой ва вақт вобаста мебошад: баъзан витаминҳо зарур мебошанд, дар дигар ҳолатҳо – мормоҳӣ бо биринҷ. Ин як назарияи пурра, амиқ ва ҳаматарафа андешидашуда буд, вале мутассифона, то ҳанӯз ягон духтаре пайдо нашуд, ки барои санҷидан худро тибқи назарияи майлу рағбати ҷинсии дар маҷмуъ ва ҷузъӣ пешниҳод намояд. Ва ин воқеан табиист. Зеро на мард ва на занро наметавон бо кумаки як назария ба ин кор ҷалб кард. Ва ин Мебиуси беғараз ҳама чизро ба хубӣ мефаҳмид ва танҳо барои он ки зуроварии маънавӣ барояш нафратовар буд, занг задани дари хонаҳои холиро идома медод.

Худи ӯ ҳам, албатта, то ин андоза хаёлпараст набуд, ки муносибатҳои ҷинсии бо чизе олуданашударо орзу намояд... Онҳо танҳо вақте имкон доранд, ки аллакай бо як поят дар лаби гур истодаӣ... Бамбуқе, ки хушкшавиаш оғоз шудааст, шитоб мекунад, ки ҳосил оварад. Мушҳое, ки аз гуруснагӣ мурда истодаанд, ҳангоми муҳоҷират ҷиннӣ барин ҷимоъ мекунанд... Беморони сил ҳама чун як тан аз ангезиши баланд ранҷ мекашанд... Шоҳ ва ё ҳоким, ки дар

манора зиндагӣ мекунад, танҳо ба он қодир ҳаст, ки бо зинаҳо поён фарояд ва батамом худро ба сохтани ҳарами худ бахшад...

Вале, хушбахтона, инсон на ҳамеша дар зери хатари марг қарор дорад. Ба одаме, ки аллакай зарур нест тарси пеш аз зимистонро аз сар гузаронад, метавонад аз ишқи мавсимӣ озод ё раҳо ёбад. Вале вақте муҳориба хатм меёбад, аслиҳа ба бори вазнин мубаддал мегардад. Касе омад, ки тартибот номаш мебаранд ва ба ҷойи табиат вай ба одам ҳуқуқи назорат аз болои дандонҳои ашк, панҷаҳои тезчангол ва талаботи ҷинси дод. Ва алоқаҳои ҷинсӣ ба чиптаи мавсимӣ ба поездҳои атрофишаҳрӣ монанд шуданд: ҳангоми ҳар сафар чиптаро сӯрох кардан зарур аст. Дар баробари ин, мутмаин шудан лозим аст, ки чипта тақаллубӣ нест. Ва ин санҷиш аниқ ба калонию вазнинии тартиби муқарраршуда мувофиқат мекунад. Он то андозаи аз ақл берун сангин ва ташвишовар аст. Навъҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо: қарордодҳо, иҷозатномаҳо, шаҳодатномаи шахсӣ, гузарнома, шаҳодатнома дар бораи тасдиқи унвон, ҳуҷҷатҳо дар бораи бақайдгирӣ, ҳуҷҷатҳои аъзогӣ, санадҳои мукофот, векселҳо, ӯҳдадориҳои қарзӣ, суғуртанома, ҳуҷҷат дар бораи даромад, расид ва ҳатто шаҷара – дар маҷмуъ бояд тамоми коғазҳоеро, ки ба фикратон меоянд, ҷамъ кардан зарур аст.

Ба иллати ин алоқаҳоии ҷинсӣ дар зери ғарами ҳуҷҷатҳо гӯронида мешаванд, ба мисли кирмаки шапарак. Ин ҳама дарди бахайр мебуд, агар ин дарди сар бо ҳамин тамом мешуд. Вале, шояд, ин гуна коғазҳо минбаъд ҳам даркор шаванд?.. Оё ягон гуна ҳуҷҷатҳои дигар фаромӯш шудаанд?.. Ҳам мард ва ҳам зан аз он шубҳа доштанд, ки тарафи муқобил ба андозаи зарурӣ санадҳоро ҷамъоварӣ

накардаанд... Ана барои ҳамин, барои он ки бовиҷдонии худро нишон диҳанд, ҳуҷҷатҳои нав ба навро фикр карда мебароранд... Ва касе намедонад, ки он ҳуҷҷати охирин дар куҷо мебошад... Ва охири ин ҳуҷҷатҳо вуҷуд надорад...

(Он зан бо хурдагирии аз ҳад зиёд маро ба оғӯш гирифт. Вале ман хурдагирӣ намекунам, дар асл ҳамин хел аст!)

– Магар ӯҳдадории ишқ чунин нест?

– Ба ҳеҷ ваҷҳ! Ишқ – ин чизе аст, ки боқӣ мемонад, вақте бо усули истисно кардан мамнуъҳо аз байн мераванд. Агар ба ин бовар накунӣ, – ин маънои ба ҳеч чиз бовар накарданро дорад.

Албатта, маънӣ надорад корро ба он ҷое расонем, ки ба чизҳои завқи баддошта тоқат кунем: ба ҳама чизе, ки ба шаҳват алоқа дошта бошад, тамға часпонем, гӯё ин тӯҳфа аст. Ва ҳар пагоҳӣ бодиққат ишқро бо дарзмол ороста кунем... Каме истифода шавад, вай кухна мешавад... Вале ҳамин ки қатҳоро дарзмол кунӣ, он чун пештара нав мешавад... Ва ҳамин ки нав мегардад, ҳамон лаҳза ба кӯҳна шудан шуруъ мекунад... Оё ягон кас вазифадор аст, ки бо диққат ин ҳама гапҳои бешармонаро гӯш кунад?

Албатта, агар тартибот ҳаёти онҳоеро, ки онро дастгирӣ мекунанд, кафолат диҳад, дар ин сурат гузашт кардан ягон маънӣ дорад. Вале дар асл чунин аст? Хорҳои марг аз осмон меафтанд. Дар рӯйи замин ҳам намудҳои марг бешуморанд. Айнан ҳамин чиз ба таври норавшан дар ҳаёти ҷинсӣ ҳис карда мешавад. Гӯё дар дастҳо векселли қалбакӣ бошад. Вақте яке қаноатманд нест, ана ҳамон вақт қалбакӣ кардани чиптаҳои мавсимӣ сар мешавад. Ба ҳар сурат, ин муносибати хуби кордонӣ аст. Ё ин ки ба мисли балои ногузир зарурияти таҷовузи маънавӣ эътироф

карда мешавад. Бе ин қариб ягон нигоҳ имконпазир намешуд. Ҳамаи он касоне, ки ғояи ишқи озодро таблиғ мекунанд, тақрибан ҳамин гуна амал менамоянд. Онҳо танҳо бо баҳонаи амалҳои нек то ҳади зарурӣ таҷовузи тарафайнро такмил медиҳанд. Агар инро ҳамчун кори зарурӣ қабул кунем, шояд дар он ҳузуру ҳаловат ёфтан мумкин бошад. Вале озодӣ, ки онро нороҳатии беист нисбати пардаҳои хуб пӯшидашуда ҳамроҳӣ мекунад, танҳо ба харобии рӯҳӣ оварда мерасонад.

Зан, тавре ба назар мерасид, ҳиссиётеро, ки мардро фаро гирифта буд, дақиқ пай бурда буд. Ӯ гӯё аз фикри бастани ресмони нигоҳдорандаи шалвор гашта буд. Нӯги ресмони кушодашуда дар байни ангуштонаш овезон буд. Вай бо чашмони заргӯшии худ ба ҷониби мард нигоҳ кард. Чашмони вай на танҳо аз рӯйи сурхшавии пилкҳо ба чашмони заргӯш монанд шуда буданд. Мард ба зан бо нигоҳаш, ки дар он вақт истода буд, ҷавоб дод. Дар гирду атрофи зан бӯйи тез паҳн шуда буд: вақте гӯшти серрагу пайро мепазанд, чунин бӯй мекунад.

Чун пештара зан бо дастонаш ресмонро нигоҳ дошта, аз паҳлӯи мард гузашта, ба ҳуҷра баромад ва шалворрро аз тан кашид. Ва ҳамин тавр озодона, табиии, гӯё корреро идома медод, ки пештар сар карда буд. Охир маҳз ҳамин зани ҳақиқӣ аст, дар сараш чунин фикр ба миён омад. Ва ӯ ҷуръат кард. Аблаҳ, боз каме сустӣ кунӣ, ҳамааш аз байн меравад. Ӯ ҳам тез камарбандашро боз кард.

Агар ин кор дирӯз мебуд, вай эҳтимол фикр мекард, ки ин намоиши навбатиест, ки зан нишон медиҳад – ба мисли он ҷуқуричаи рухсора ва он хандаи шармгин. Ва шояд чунин ҳам ҳаст. Вале ӯ намехост чунин фикр кунад. Замоне, ки вай ӯро метавонист ҳамчун чизи муомила

истифода барад, аллакай гузашт... Акнун ҳама чизро танҳо қувва метавонад ҳал кунад... Ӯ тамоми заминаро дошт фикр кунад, ки аз муомила даст кашидан зарур аст ва муносибати онҳо аз рӯйи боварии дуҷониба сурат хоҳад гирифт...

Зан бо як зонуяш поин шуда, бо рӯйпоккунаки печида гардани худро аз рег тоза мекард. Ногаҳон сели рег фурӯ омад. Тамоми хона ларзид ва ғиҷиррос зад. Монеаи ғайриинтизор? Сари занро дар як лаҳзаи мижазанӣ хокаи сафед фаро гирифт. Рег дар ҳаво аниқ ба мисли туман шино мекард. Китфҳо ва дастон бо қабати тунуки рег пӯшонида шуда буданд. Онҳо якдигарро ба оғӯш гирифта, интизори катъ шудани резиши рег буданд.

Реги ба бадан часпида, бо арақ ҷабида мегашт, аз боло боз реги нав беист мерехт... Китфони зан меларзиданд, мард низ тафсида буд – ҳамин лаҳза ба ҷӯш меомад... Дар ҳама ҳолат барояш маълум набуд, барои чӣ  бо чунин як қувва ронҳои зан ӯро ба худ ҷалб мекунанд?.. Ба андозае, ки вай омодааст асабҳои худро яке аз паси дигар бароварда, дар гирди ронҳо печонад... Ин амал баднафсии ҳайвони даррандаро ба ёд меовард.  Вай батамом бо қувва пур шуда буд, ба мисли пружинаи печонидашуда...Бо он зан чунин ҳолатро ягон маротиба аз сар нагузаронида буд...

Фурӯ рафтани рег катъ шуд. Мард, ки гӯё маҳз ҳамин лаҳзаро интизор буд, ба тоза кардани бадани зан аз рег шуруъ кард. Аз синаҳо ба зери бағал, аз он ҷо ба ронҳо – дастони мард устувортар мешуданд. Ангуштони зан бо қувваи зиёд гардани вайро печонида гирифтанд; баъзан ӯ оҳиста фарёд мекард.

Вақте вай тамом кард, навбати зан барои аз рег тоза кардани бадани мард расид. Мард чашмонашро нимпӯш

карда, мӯйҳои занро даст-даст карда,  интизор шуд. Онҳо ғафсу дурушт буданд.

Рагкашӣ... Айнан ҳамин чиз такрор мешавад... Вақте вай ба орзӯҳояш дар бораи чизе дода мешаваду ба кори дигар машғул мешавад: аз қабили, хӯрок мехӯрад, роҳ меравад, фарёд мекунад, хоб меравад ва ишқварзӣ мекунад, ин дард ҳатман меояд...

Аз афташ ӯ як муддат нооромдавр зада, тамоми баданаш зери арақу луоб, ки равғани  талхшудаи моҳиро ба хотир меовард, хоб рафта буд. Вай хоб дид. Дар хобаш вай истакони шикаста, айвони дароз бо фарши аз ҳамдигар ҷудошуда, ҳоҷатхона бо унитази то болояш пур аз ахлот, ҳаммоме, ки ёфта натавонист, ҳол он ки овози об аз чор тараф шунида мешуд. Ким-кадом марде дар даст обдони сафарӣ давида гузашт. Ӯ аз мард як қулт об хоҳиш кард, вале вай бо хашм ба ӯ нигоҳ карда, ба мисли малах тохта рафт.

Мард бедор шуд. Ким-чизи часпак ва сӯзон забонашро месӯзонд. Бо қувваи дучанд ташнагӣ баргашта буд... Об нӯшидан!.. Оби тозаи дурахшон... Қатраҳои нуқрагини ҳаво, ки аз умқи истакон боло мебароянд... Худи ӯ бошад, ба  лӯлаи об дар хонаи нимвайронаи партофташудаи зери чангу хок ва бо торҳои тортанак печида, ба мислии моҳии мурдаи аз об берун партофташуда, монанд буд...

Вай аз ҷояш бархост. Дасту пойҳояш ба мисли болиштҳои резинии пур аз об вазнин буданд... Аз фарши заминӣ зарфи оби хобидаро бардошта, ба лабонаш наздик бурд. Баъди сӣ сония ба нӯги забонаш ду – се қатра об афтид. Вале забон онҳоро ба мисли коғази обчинак ҷаббида гирифт.  Гӯлу, ки ниҳоят ин қатраҳоро интизор буд, бо иллати рагкашӣ фишурда шуд, ҳол он ки кӯшиш кард онҳоро фурӯ барад.

Дар ҷустуҷӯи об мард дар гирду атрофи дастшӯяк ҳама он чизеро, ки ба дасташ афтод тагу рӯ кард. Дар байни ҳама пайвастҳои химиявӣ об аз ҳама оддияш мебошад. Наёфтани он ба мисли наёфтани тангаи хобидаи даҳиенӣ аз дохили қуттии миз номумкин аст. Аҳа, бӯйи об омад. Аниқ, бӯйи об аст. Мард аз таги зарфи об реги намдорро гирифта, бо он даҳонашро пур кард. Дилбеҳузурӣ пайдо шуд. Вай хам шуд, шикамро ихтилоҷ мефушурд. Зардоба қай кард, чашмонаш пур аз об шуданд.

Дарди сар аниқ ба мисли барги қурғошимӣ чашмонро зер мекард. Алоқаи ҷинсӣ дар ниҳояти кор фақат роҳи ҳалокатро кам кард. Ногаҳон мард гавак кашида, дар назди баромадгоҳ ба мисли саг ба кандани рег шуруъ кард. Ҷуқуриро ба андозаи оринҷ канда дид, ки рег сиёҳ шуда, нам мебошад. Сари худро ба даруни он даровarда, пешонии тафсонашро ба он часпонид ва бӯйи регро ҷуқур нафас кашид. Агар ана ҳамин хел нағзакак нафас кашӣ, дар меъда кислород ва водовород ҳатман якҷоя мешаванд.

– Сабил монад, дастҳо ниҳоят ифлосанд! – Ӯ бо нохунҳояш ба кафи даст зер карда, ба тарафи зан баргашт. – Акнун чӣ кор бояд кард?! Ба ростӣ, об дигар дар ягон ҷой нест?!

Кимоноро ба пойҳояш кашида, зан печалак заду пичиррос зад:

Нест, нест, тамоман нест...

– Нест? Яъне бо ҳамин нест ту нақша дорӣ дар ин ҷо бимонӣ?! Охир дар ин ҷо базудӣ аз ҳаёт маҳрум шудан мумкин... Пасмондаи саг! Аз куҷое хоҳӣ, тез пайдо намо!.. Хоҳиш мекунам... Мешунавӣ? Ман алҳол “хоҳиш” менамоям.

– Вале, агар ҳамин, ки корро сар кунем, дарров...

– Майлаш, тан додам!.. Илоҷи дигар нест, таслим шудам!.. Ман намехоҳам моҳии хушки намакин шавам... Ҳамин хел ҳаром мурдан – ба ҳеҷ ваҷҳ. Охир ин таслимшавӣ аз таҳти дил нест. Барои он ки обро ба даст биёрӣ, метавонӣ ҳатто рақси маймунро иҷро намоӣ, бигузор тамошо кунанд. Таслим мешавам, ба виҷдонам қасам мехӯрам... Вале вақти маъмулии овардани обро мунтазир шудан, бароям ниҳоят гарон аст, бубахшед... Аввал ин ки дар чунин ҳолати хушкгашта мо-ку кор карда наметавонем. Дуруст аст? Бо истифода аз ҳамагуна восита оҷилан бо онҳо ба алоқа баро... Худат ҳам эҳтимол ниҳоят ташна монда бошӣ?

– Агар корро оғоз кунем, онҳо дарров мефаҳманд... Ҳамеша ягон нафар аз манораи сӯхторнишонӣ бо дурбин назорра мекунад.

– Манораи сӯхторнишонӣ?

На дарвозаҳои оҳанин, на деворҳои бедару тиреза, балки як чашмаки майдаи дари ҳуҷраи маҳбас ба одам аз маҳрумият, аз озодӣ дарак медиҳад. Мард ба худ печида, гирду атрофро аз назар гузаронид. Дар фазо ба ғайр аз осмону рег чизи дагаре ба назар намерасид... Дар он ҷо ягон манораи оташнишонӣ нест. Агар онро аз ин ҷо дида нашавад, гумон аст, ки онҳо моро дида тавонанд.

– Агар аз он тарафи нишебӣ нигоҳ кунед, дарров ҳама чизро мефаҳмед...

Мард тез хам шуда, белро бардошт. Фикр кардан дар бораи қадру қимати худ,– бо кӯшиши зиёд дарзмол кардани куртаи дар хоктӯда афтида, баробар хоҳад буд. Гӯё касе аз пасаш таъқиб карда истода бошад, давида ба берун баромад.

Рег ба мисли дегчаи болои оташ тафсон месӯхт. Аз гармӣ, нафас гирифт. Ҳаво бӯйи собун мекард. Вале рафтан даркор. Танҳо бо ин роҳ ба об наздик шудан мумкин аст. Вақте ӯ дар назди нишебӣ, ки ба ҷониби баҳр нигаронида шудааст, истоду ба боло нигоҳ кард, дар ҳақиқат, нӯги манораи сиёҳро дид, ки аз нӯги ангушти хурд калон набуд. Барҷастагии кучак бошад, эҳтимол назоратчӣ мебошад. Аз афташ, аллакай маро дид. Вай, эҳтимол бо бетоқатӣ ин лаҳзаро интизор буд.

Мард ба тарафи барҷастагии сиёҳ баргашта, белро бардошту боғайратона ба ҳар тараф чарх занонд. Вай кӯшиш кард онро тавре нигоҳ дорад, ки нӯги тез ва ялаққосиаш намудор гардад... Дар чашмон симоби сӯзон рехта тақсим шудааст. Ин зан дар он ҷо чӣ кор мекунад? Метавонист омада кумак кунад.

Ногаҳон, ба монанди рӯймолчаи нам, сояе афтид: абри на калонтар аз барги афтида, ки шамол онро дар гӯшаи осмон пеш мекард. Сабил монад, агар борон meборид, зарурат ба иҷро ин кор аз байн мерафт... Оҳ, агар вай ду дасташро ба пеш мебурд ва ҳардуи онҳо пур аз об мешуданд!.. Ҷараёни об дар шишаи тиреза... Фавраки об, ки аз тарноб бадар меояд... Пошидани оби борон, ки дар болои мумфарш бӯғ мебарорад...

Хоб мебинад ё хайлаш ба ҳақиқат табдил ёфт – ногаҳон дар гирду атрофи вай ғавғо ва ҳаракат ба амал омад. Вақте ӯ ба худ омад, дид, ки дар даруни сели рег истодааст. Вай ба ҷониби пешайвони хона давида, худро ба девор ҷафс кард. Устухонҳояш ба монанди моҳии консервшуда мулоим шуда буданд. Ташнагӣ аллакай ба чаккаи рӯй зада буд. Ва порчаҳои кучаки он дар болои ҳуш ё идрок дар шакли доғҳои сиёҳ парешон шуда буданд.

Манаҳи худро пеш бурда, дасташро ба болои шикамаш гузошт, бо ин кор зидди қайкунӣ мубориза мебурд.

Овози зан шунида шуд. Вай ба сӯйи нишебӣ баргашта, дар бораи чизе дод мезад. Мард бо душворӣ пилкҳои вазниншудаи чашмашро бардошта, ба он тараф нигоҳ кард. Ҳамон мӯйсафеле, ки ӯро ба ин ҷо оварда буд, бо эҳтиёт сатили обро поин мефаровард. Об!.. Ниҳоят оварданд!.. Сатил хам шуд ва дар нишебии рег об пайдо шуд... Мард фарёд заду ба ҷониби сатил давид.

Вақте сатил то андозае поин шуд, ки онро гирифтан мумкин буд, вай занро тела доду пойҳояшро васеъ монда, бо эҳтиёт бо ду дасташ онро дошт. Мард бандро кушода, бетоқатона, ҳамон лаҳза чеҳраашро ба дохили сатил даровард ва тамоми бадани вай ба насос мубаддал гашт. Вай сарашро мебардошту каме дам гирифт ва боз ба сатил ҳуҷум мекард. Вақте вай дафъаи сеюм чеҳраашро аз сатил мебаровард, аз бинию лабҳояш об мешорид, нафасаш гирифта буд. Ин лаҳза зонуҳояш қат шудаю чашмонаш пӯшида буданд. Акнун навбати зан буд. Зан ба ӯ навбат намедод: овоз мебаровард, гӯё бадани вай поршени резинӣ бошад, дар як лаҳзае қариб нисфи сатилро нӯшид.

Зан сатилро гирифта, ба хона баргашт, мӯйсафед бошад, бандро кашидан гирифт. Вале ин лаҳза мард худро ба банд овезон карда, бо шиква гуфт:

– Истед, ман мехоҳам, ки шумо суханони маро гӯш кунед. Хоҳиш мекунам, истед!

Мӯйсафед муқобилият нишон надода, кашидани бандро қатъ кард. Вай миҷа зад, вале чеҳрааш чун пештара чизеро ифода намекард.

– Бинобар сабаби он ки шумо об овардед, ман коре мекунам, ки бояд анҷом диҳам. Ман инро ваъда медиҳам ва

мехоҳам, ки шумо маро гӯш кунед. Шумо хато мекунед... Ман муаллими мактаб ҳастам... Ман дӯстони зиёд дорам, иттифоқи касаба, шӯрои педагогӣ, Ассотсиатсияи волидайн ва муаллимон ҳаст ва ҳама маро интизор ҳастанд... Шумо чӣ фикр мекунед, аҳли ҷамъият дар мавриди ғайб задани ман хомӯш менишинад?

Мӯйсафед бо нӯги забонаш лаби болояшро лесид ва бепарвоёна табассум кард. Не, аз афташ ин табассум набуд, вай чашмонашро нимпӯш кард, то ки шамол ба онҳо рег надарорад. Вале ҳозир аз назари мард ҳатто майдатарин чини рӯй пӯшида намемонд.

– Чӣ? Чӣ гап шуд?.. Магар бароятон маълум нест, ки шумо як қадам то ҷиноят қарор доред?

– Ҷиноят? Аз он рӯз аллакай даҳ рӯз гузашт, пулис бошад, хомӯш аст... – Мӯйсафед равон сухан мегуфт. – Агар даҳ рӯзи пурра хомӯш аст, дигар чӣ ҷойи гап...

– Даҳ рӯз не, як ҳафта!

Вале мӯйсафед ҷавоб надод. Воқеан чунин як суҳбат ҳозир ягон натиҷа намедиҳад... Мард асабонияти худро каме паст карда, бо садое, ки мехост оромиро нишон бидиҳад, суҳбатро идома дод:

Хайр майлаш, ин он қадар муҳим нест... Беҳтараш, шояд шумо ба поён мефароед ва мо бо шумо нишаста оромона суҳбат мекунем? Ман бо шумо коре намекунам. Ва агар хоҳам ягон кор кунам ҳам, дар ҳама ҳолат анҷом дода наметавонам. Бар зидди шумо ман заифам... Ваъда медиҳам...

Мӯйсафед чун пештара хомӯш буд. Мард тез-тез нафас кашид:

– Охир ман хуб мефаҳмам, ки тоза кардани рег барои деҳа чӣ кадар муҳим аст... Ҳар чизе ҳам нагӯй – масъалаи

ҳаёту мамот аст...Масъалаи ниҳоят рӯзмарра... Хеле хуб мефаҳмам...Агар маро маҷбур намекарданд, эҳтимол ман худам бо хоҳиши худам дар ин ҷо меистодам... Шуморо бовар мекунонам!.. Кифоят аст бубинӣ, ки ҳаёт дар ин ҷо чӣ гуна аст, ҳар кас аз рӯйи одамгарӣ хоҳиш пайдо мекунад, ки ба шумо кумак кунад. Вале оё он чизе, ки ман мекунам, ёрии воқеӣ ҳисоб кардан мумкин аст? Шубҳа дорам... Барои чӣ шумо дар бораи дигар намудҳои ҳамкорӣ фикр намекунед?.. Одамонро боақлона ҷо ба ҷо кардан даркор аст... Ҳама гуна хоҳиши неки кумак кардан барҳам мехӯрад, агар ба одам ҷойи дуруст... пайдо нашавад. Ҳамин тавр аст, не? Магар роҳи дигар ва беҳтари истифодаи ман вуҷуд надошт, ба ғайр аз рӯй овардан бо чунин як кори хатарнок?

Мӯйсафед бо чунин намуд, ки фаҳмида намешуд вай гӯш дорад ё не, сарашро гардониду ҳаракате кард, гӯё гурбаи шухро аз худ дур мекард. Шояд вай аз назоратчии болои манора ҳарос дорад? Мумкин метарсад дар пеши назари вай дар ин ҷо бо вай суҳбат кунад?

Розӣ шавед... Тоза кардани рег – кори ниҳоят муҳим аст. Вале ин чора аст, на мақсад... Ҳадаф пешгирӣ кардани хатари даҳшатнок мебошад... Ҳамин хел не? Хушбахтона, ман муҳлати тӯлонӣ ба таҳқиқи рег машғул шудам. Ва ман ба таври амиқ ин масъаларо омӯхтам. Маҳз барои ҳамин ман ба чунин як ҷо омадам. Бале, ҳар чӣ гӯйи ҳам, имрӯз рег диққати одамро ҷалб мекунад... Метавон ба хубӣ аз он истифода бурд. Ин минтақаро ба ноҳияи нави сайёҳӣ табдил додан мумкин аст. Регро истифода бурда, онро пайгирӣ кардан лозим, на ин ки муқобилият нишон додан. Хулласи гап, кӯшиш намоед бо тарзи дигар фикр кунед...

Мӯёсафед сарашро бардошта, бо намуди бепарвоёна гуфт:

– Дар бораи чӣ гуна минтақаи сайёҳӣ ҳарф мезанӣ, вақте дар ин ҷо чашмаҳои оби гарм нест... Ва ба ҳамагон маълум аст, ки аз соҳаи сайёҳӣ танҳо тоҷирон ва меҳмонон бой мешаванд...

Ба назари мард чунин намуд, ки дар суханони мӯйсафед тамасхур ҷой дорад ва ҳамон лаҳза нақли зан дар бораи мусаввcovaрафурӯш, ки тақдираш айнан ҳамин хел буду ниҳоят бемор шуда мурда буд, ба хотираш омад.

– Бале... Албатта, он чизе, ки ман гуфтам, – ин фақат барои мисол буд... Оё шумо дар бораи зироатҳои махсуси кишоварзӣ, ки ба хосиатҳои рег мувофиқат мекунанд, фикр кардаед?.. Дар маҷмуъ, ягон зарурияте вуҷуд надорад, ки ба ҳар воситае, ки набошад, тарзи ҳаёти куҳнаро дошта истӣ...

– Мо дар ин ҷо корҳои гуногунро иҷро мекунем. Шинонидани чормағзи заминӣ ва растаниҳоеро, ки бехи лола доранд, озмоиш мекунем... Агар шумо медидед, ки лолаҳои кӯҳӣ дар ин ҷо чӣ гуна сабзиш меёбанд...

– Корҳо оид ба ҳимоя аз регҳо чӣ гуна ба роҳ монда шудаанд?.. Корҳои аслӣ оид ба ҳимоя аз регҳо... Яке аз рафиқони ман журналист аст... Бо кумаки рӯзнома афкор ва мавқеи ҷомеаро ба миён овардан мумкин аст. Дар ин масаъала ягон кори иҷронашаванда вуҷуд надорад.

– Ҳар қадар ин афкори умуми шумо арзиш надошта бошад, он ягон қимате надорад, агар мо кумаки пулӣ ба даст наорем.

–Ман ҳам айнан пешниҳод менамоям, ки маъракаи ба даст овардани ин гуна маблағҳоро оғоз намоем.

Регҳоеро, ки шамол бо худ меорад, мақомот ба ҳайси офати табиии ҳисоб намекунад ва ба мо зарарҳои моро намепӯшонад. Магар дар префектураи камбағали мо ба

ягон чиз ноил шудан мумкин аст... Мо боварии худро аз даст додем...Он чизе, ки мо ҳоло анҷом дода истодаем аз ҳама арзонтар аст... Ва агар мо ба мақомот умед бандем, дар он муҳлате, ки онҳо ҳисоб мекунанду муқоиса менамоянд, моро рег ба замин яксон мекунад...

– Вале охир ман, ман дар ҷомеа мавқеи муайяни ичтимоӣ дорам! – бо тамоми овози доштааш  фарёд кашид мард. Ана Шумо магар волидайни фарзандони худатон нестед? Шумо ҳатто дарк карда наметавонед, ки қарзи муаллимӣ чӣ чизе ҳаст!

Маҳз дар ҳамин лаҳза мӯйсафед ресмонро ба боло кашид. Мард, ки инро интизор надошт, бандро сар дод. Ин чӣ коре ҳаст?.. Наход мӯйсафед чунин вонамуд намуд, ки  ӯро гӯш карда истодааст танҳо ба хотири он ки лаҳзаи заруриро фароҳам оварад ва бандро аз дасташ кашида бигирад? Дар саргарангӣ дастони ба ду тараф паҳн кардаи худро дар ҳаво чарх мезанонд.

– Шумо девона ҳастед... Шумо ғайримуқаррарӣ ҳастед... Ҳатто  маймун ҳам агар ёдаш бидиҳӣ, метавонад регро канда бигирад... Ман ба кори бештаре қодир ҳастам... Одам бошад, бояд ба пуррагӣ имкониятҳои худро истифода барад...

– Оҳо.. – бепарвоёна луқма партофт мӯйсафед ва бо афту андоми худ ба ҳамагон нишон дод, ки аз ин гапҳои беҳуда хаста шудааст.  – Хайр майлаш, бубахшед, агар коре мувофиқи табъатон набуд.  Ҳама он чизе, ки мо метавонем, бароятон карда истодаем...

– Истед, ман охир ҷиддӣ мегӯям. Эй, истед, хоҳиш мекунам!.. Пушаймон хоҳед шуд!  Шумо охир алҳол чизеро нафаҳмидед!.. Хоҳиш мекунам... Истед охир!..

Вале мӯйсафед боре ҳам ба қафо нигоҳ накард. Бо миёни хамида гӯё бо китфонаш бори гаронро мебурд, ба

қафо баргашту рафт. Баъди се қадам мондан китфони вай нопадид шуданд, баъди қадами чорум бошад, тамоман аз назар ғайб зад. Мард аз хастаҳолӣ ба девори чуқурӣ такя кард. Дастону сарашро ба дохили рег даровард ва рег ба паси гиребон рехту дар қисмати камарбанди шим, ки куртаро бастааст, ба мисли болишт варам кард. Ногаҳон дар қисмати гардан, чеҳра ва байни пойҳояш арақи зиёди бадан бадар омад. Аз вай тамоми оби пештар нӯшидааш берун омад. Арақи бадан бо рег омехта шуда, чизеро мисли хардалдон ташаккул доданд, ки ҷафс ба пӯст часпида буд. Пӯст варам карда, ба болопӯши ҳамвори резинӣ монанд шуда буд.

Зан аллакай корро сар карда буд. Ба назари мард чунин намуд, ки зан оби боқимондаро нӯшидааст. Дар ҳолати ҳаросонӣ ба хона давида даромад.

Об дар ҷойи пештарааш бетағйир истода буд. Дар як лаҳза се-чор қурт об нӯшид ва бори дигар аз маззаи минерали шаффоф дар ҳайрат монд. Ӯ наметавонист хавотирии худро пинҳон кунад. Қарибиҳои бегоҳ об боз тамом мешавад. Барои тайёр кардани ғизо об аниқ намерасад. Онҳо ҳамаи инро ба ҳисоб гирифтаанд. Тарс дар назди ташнагӣ –лаҷоми дарозест, ки бо он мехоҳанд маро дар қабзаи худ нигоҳ доранд.

Кӯлоҳи коҳиро ба болои чашмонаш монда, гӯё касе ӯро таъқиб дошта бошад, ба берун давида баромад. Фикру андешарониҳои вай пеш аз хатари ташнагӣ ба барфакҳои ночизе, ки ба пешонии оташинаш афтида буданд, мубаддал гаштанд. Агар даҳ истакон – шарбати ширин бошад, як истакон ҳатман тозиёна хоҳад буд.

– Дар куҷост охир он бел?..

– Зан таги айвонро нишон дода, хастаҳолона табассум намуд ва бо остинаш арақи ҷабинашро пок кард. Бо вуҷуди

он ки вай ниҳоят шикастаҳол буд, вале барои лаҳзае ҳам макони олатҳои кориро фаромӯш накарда аст. Ин образи маъмулии фикркунӣ мебошад, ки одами дар регзор зиндагӣ дошта, ба даст меорад.

Дар он лаҳзае, ки мард белро ба даст гирифт, устухонҳои хастаи вай ба мисли пойҳои қатшавандаи сепоя кӯтоҳтар шуданд. Шояд ин аз он ҷиҳат бошад, ки шаби гузашта вай қариб чашмонашро напӯшида буд.

Дар ҳама ҳолат, аз афташ қабл аз ҳама, дар бораи ҳаҷми ақали кор маслиҳат кардан зарур аст. Вале барои вай гап задан мушкил буд. Шояд ин аз он сабаб аст, ки зимни  суҳбат бо мӯйсафед қувваи зиёди худро сарф карду садопардаҳои гулӯяш ба мисли риштаи пӯсида ба порчаҳо парешон шуданд. Ба мисли мошини худкор дар паҳлӯи зан рост истод ва бо бел корро сар кард.

Онҳо чуқурӣ меканданд, дар байни нишебӣ ва хона дар мувофиқа пеш мерафтанд, гӯё онҳоро бо ҳам баста буданд. Деворҳои тахтагини хона ба мисли нони нимпӯхтаи биринҷӣ мулоим, ба парваришхонаи замбурӯғҳои мубаддал гашта буд. Ниҳоят онҳо регро дар як ҷо ғарам карданд.  Сипас онҳоро ба зарфҳо бор карда, ба ҷойи тозакардашуда бурданд. Баъди ба ҷойи дигар бурдани тамоми зарфҳо, боз ба кандани рег сар намуданд.

Ҳаракатҳои онҳо бидуни фикр кардан ва худкор ба назар мерасиданд. Даҳон пур аз оби кафккардашуда буд ва маззаи сафедии тухми хомро ба ёд меовард. Оби даҳон бо таги манаҳ шорида, ба болои синааш  мечакад, вале ӯ ба ин аҳамият намедиҳад.

– Медонед, бо дасти чапатон ана ин хел, каме поёнтар дошта гиред,.. – бо овози паст гуфт зан. Дар ин сурат белро ба ҳаракат даровардан зарур нест, дасти рост бошад, ба

мисли нигоҳдоранда хизмат мекунад ва шумо камтар монда мешавед.

Зоғ қар–қар кард. Рӯшноӣ аз ранги зард ногаҳон ба осмонӣ мубаддал гашт. Дард, ки ба мисли андозаи калон ба навор гирифта шуда буд, дар манзараи гирду атроф паҳну парешон шуд. Қад-қади соҳил дар баландии хеле паст чор зоғ парида гузаштанд. Охири қанотҳои онҳо сабзи сиёҳтоб ба назар мерасид ва мард аз чӣ бошад, тсианидии калии барои ҳашарот дар зарфҳо нигоҳдоштааш ба хотираш омад. Ҳоло, ки фаромӯш накардааст, бояд онҳоро ба қуттии дигар гузаронида, бо полиэтилен печонад. Дар акси ҳол, онҳо ба зудӣ вайрон мешаванд...

– Ба фикрам, барои имрӯз бас аст...

Баъди гуфтани ин зан ба болои нишебӣ нигоҳ кард. Чеҳраи вай тамоман хушк шуда буд ва бо вуҷуди он ки рӯяш бо қабати рег пӯшонида шуда буд, мард фаҳмид, ки дар он қатраи хун ҳам вуҷуд надорад. Гирду атроф торик шуд, гӯё занг зада бошад. Ба воситаи ламс кардан аз тариқи ҳуши хирагаштаи худ то болини шурбастаи хеш расида омад. Кай ва чӣ гуна баргаштани занро ӯ нашунид.

Агар фосилаи байни мушакҳоро гаҷ резем, дар ин сурат кайфияти ҳол тақрибан чунин мешавад. Чашмҳо гӯё кушодаанд, вале чаро ба ин андоза торик аст? Дар ким-куҷое муш чизеро ба хонаи худ бурда истодааст... Гулӯ месӯзад, гӯё бо чизе харошида бошанд... Аз даҳонаш бӯйи чуқурии тозакардашуда мекунад... сигор кашидан мехоҳад... Не, беҳтараш аввал об нӯшам... Об!.. Вай ҳамон лаҳза ба воқеият бармегардад... Ана гап дар куҷо. Ин муш набуд – зан корро шуруъ кардааст!.. Чӣ қадар вақт вай хоб рафтааст?.. Кӯшиш кард аз ҷояш бархезад, вале ким-кадом як қувваи даҳшатнок ӯро боз ба болин партофт. Ногаҳон

вай дарк кард ва рӯйпоккунро аз рӯяш кашида партофт. Аз тариқи дари калон кушодашуда, рӯшноии моҳи нав ворид мегардид. Номаълум боз шаб фаро расида буд.

Дар паҳлӯи болин дегча, чароғ ва шишаи об истода буданд. Вай ба зудӣ ба андозаи оринҷаш баланд шуда, даҳонашро обгардон кард. Оби даҳонашро дуртар, ба ҷониби оташдон партофт. Оҳиста, бо лаззат якчанд қулт об нӯшид. Наздикии чароғро кофта, буғчаи мулоим – гӯгирду сигаретро пайдо кард. Чароғро даргиронда, оташро ба сигарет наздик кард. Аз шиша каме об нӯшид. Ҳушу ёди ба порчаҳо тақсимшудааш, оҳиста-оҳиста ба як чизи бутун мубаддал гашт.

Дар буғча ғизо ҳам буд. Дар он ҳанӯз се дона нони гарми биринҷӣ, се моҳии қоқ, шалғамчаҳои чиндори дар сирко хобонидашуда ва каме сабзавоти пухташуда мавҷуд буд. Барои сер шудан танҳо моҳии қоқ ва нони биринҷӣ кифоят мекард. Меъда ба мисли дастпӯшакҳои резинӣ часпида буд.

Вақте вай бархост, банду буғумҳояш ба мисли боми оҳании дар зери фишори шамол ба додомада, ба қасар қусур даромаданд. Хавотиромезона ба зарфи об нигоҳ кард. Он боз пур аз об буд. Мард рӯйпоккунакро тар карда, ба рӯяш монд. Ларза тамоми баданашро фаро гирифта буд, ба мисли шарора чароғи рӯшноии рӯзро. Вай гардан, паҳлуҳояшро молид, байни ангуштонашро аз рег тоза кард. Шояд маҳз бо ҳамин лаҳзаҳои маънии зиндагиро муайян кардан зарур бошад?!

– Чой нӯшидан мехоҳед?

– Зарурат нест... Шикам  ба мисли нақора пур аз об шудааст.

– Нағз хоб рафтед?

– Вақте аз хоб хестед, маро ҳам бояд бедор мекардед...

Зан сарашро хам карда, гӯё касе вай қитиқ мекарда бошад, хандаомезона гуфт:

– Ман имшаб се маротиба хестам ва рӯйпоккунакро дар рӯятон дуруст кардам.

Ин нозу нузи кӯдаки сесоларо мемонд, ки ниҳоят бо мушкилӣ тақлид кардани хандаи калонсолонро ёд гирифта буд. Намуди гарангшудаи ӯ баръало нишон медод, ки вай намедонад хушнудии фарогирифтаашро чӣ гуна ифода намояд. Мард бо рӯйи турш чашмонашро ба тарафи дигар гардонид.

– Ёрӣ расонам?.. Ё беҳтараш зарфҳоро кашонам?

– Аллакай вақт шуд. Ҳамин лаҳза бояд сабадҳоро поин фароранд...

Вақте корро сар кард, вай ҳайрон шуд, ки он муқовиматеро, ки аз худаш интизор буд, ҳис накард. Сабаби ин гуна тағйирот дар чӣ бошад? Шояд аз тарси бе об мондан, ё дар қарзи дар пеши зан дошта, ё ин ки дар хосияти худи кор бошад? Дар ҳақиқат, меҳнат ба одам кумак мекунад, ки бо вақти тезгузар созиш кунад, ҳатто бо вақте ки бе мақсад фирор мекунад.

Боре Лента Мабиуса ӯро ба ким–кадом як дарс кашола карда бурд. Ҷое, ки он гузаронида мешуд, бо панҷараҳои оҳанини зангзада иҳота карда шуда буд ва дар он ҷо он қадар парчаҳои коғаз, қутиҳои холӣ, латтаҳо хобида буданд, ки замин тамоман ба назар намерасид. Фикри дар ин ҷо сохтани чунин панҷара ба сари кӣ омада бошад? Ва барои то андозае ҷавоб додан ба ин саволи ҳайратомез кадом як одаме дар тан пидҷаки обшӯста пайдо шуда, аз болои панҷараи оҳанӣ гузашт ва бо ангуштонаш бо ҷидду ҷаҳд онро харошид. Лента Мебиуса гуфт, ки ин пулис дар либоси оддӣ мебошад. Дар арши хона изи доғҳои

қаҳвамонанди баъди борон дида мешуд ва ончунон калон буданд, ки пештар чунинашро надида буд. Ана дар ҳамин вазъият муаллим гуфт: “Ягон роҳе барои бартарӣ доштан дар назди меҳнат ба ҷуз худи меҳнат кардан вуҷуд надорад. Меҳнат худ аз худ ягон арзише надорад, балки паси сар кардани меҳнат тавассути меҳнат... Арзиши аслии меҳнат дар қувваи худинкоркунии вай ниҳон аст...”

Ҳуштаки баланд ба гӯш расид. Касе аломати шартӣ нишон медод. Нидоҳои бепарвоёна, ки бардоштани сабадҳои пур аз регро ҳамроҳӣ мекарданд, баробари наздик шудан онҳо ба ҷуқурӣ ҳамоно пасттар мешуданд. Сабадҳо ба поён дар ҳолати хомӯши фаровարда мешуданд. Ӯ ҳис мекард, ки касе аз паси вай назорат мебарад, вале баргашта ба девор фарёд кардан, дар айни замон аз пештара дида, бемаънитар ба назар мерасад. Вақте миқдори муайяни рег ба боло бардошта шуд, фазо гӯё ором шуд. Касе чизе нагуфт, вале чунин таассурот вуҷуд дошт, ки ҳамдигарфаҳмии зарурӣ ба даст омадааст.

Дар рафтори зан ҳам дигаргунии назаррас ба амал омад.

– Дам мегирем... Ман чой меорам...

Ҳам дар овозаш ва ҳам дар рафтораш бардамӣ ҳис карда мешуд. Вай хоҳиши бозӣ кардан дошт ва ҳатто кӯшиш намекард инро пинҳон намояд. Мард аз ҳад зиёд сер шуда буд, гӯё қанд хӯрда бетоб шуда бошад. Вале ба ҳар сурат, вақте зан аз пеши вай гузашт, вай оҳистатак бо кафи дасташ ба қафояш зад. Агар шиддати барқ ба ҳадди охираш расад, асбоби пешгиркунанда месӯзад. Ба ҳеҷ ваҷҳ занро набояд ин хел фиреб дод. Вай дар лаҳзаи қулай ба зан дар бораи посбоне, ки қалъаи хаёлиро ҳимоя намуда буд, нақл хоҳад кард.

Қалъае буд... Не, зарур нест, ки ҳатман қалъа бошад – завод, бонк, қиморхона ҳам бошад – муҳим нест. Ва ба ҷойи посбон ба маънои собиқаш метавонад нигоҳбон ё қаровул бошад. Ҳамин тариқ, посбон, ки ҳамеша мунтазири ҳамла буд, доимо ҳушёр буду омодагӣ дошт. Ва инак, рӯзе душман омад. Посбон ҳамон лаҳза бонги хатар зад. Аммо аҷоибаш дар он аст, ки аз қувваҳои асосӣ ягон кумак наомад. Маълум аст, ки посбон бе ягон мушкилот шикаст хӯрд. Дар дақиқаҳои охири умри худ посбон дид, ки чӣ гуна душман ба муқовимат дучор нашуда, ба мисли ҳаво аз даруни дарвоза, деворҳо ва хона зада даромаданд... Дар асл ҳаво душман не, балки худи қалъа буд. Посбон, танҳо ба мисли дарахти хушк дар саҳрои ноообод тамоми умр хаёлот ё шабаҳеро посбонӣ мекард...

Мард ба рӯйи бел нишаста, сигорро даргиронд. Баъди истифодаи чӯбчаи сеюми гӯгирд аз сигор дуд баромад. Хастагӣ ба мисли ранги ба об рехта, ҳалқаҳо барин парешон шуда, чун медуза паҳн гашту, ба нақшу нигори аҷоиб, ба нақшаи ядрои атом табдил ёфт ва дар ниҳоят нопадид шуд. Паррандаи шаб муши саҳроиро дида, бо овози нафратовар дугонаи худро даъват мекунад. Саге, ки аз чизе ноором гаштааст, паст аккос мезанад. Ҷараёнҳои ҳаво дар баландиҳои дури осмон ба ҳам бархӯрда, ғуррос мезананд. Дар рӯйи замин бошад, шамоли сахт ба мисли корд қабат ба қабат пӯсти тунуки регро канда мепартояд. Мард арақашро пок карду ба мисли он ки регро аз сараш афшонда бошад, бо ангуштонаш биниашро афшонд. Нақшу нигори регии зери пойҳояш ба теғаҳои мавҷи дар як лаҳза шахшуда монанд буданд. Агар инҳо мавҷҳои овозӣ мебуданд, дар ин лаҳза ин ҷо чӣ гуна мусиқӣ садо медод? Агар биниро бо анбӯри ангишгирак пахш кунанд, гӯшҳоро

бо лахтаи хун пур намоянд ва дандонҳоро яке аз паси дигар бо болға зада шикананд, он гоҳ эҳтимол одам метавонист чунин оҳангро сарояд. Вале ин ниҳоят бераҳмӣ аст, илова бар ин, мусиқӣ на оне хоҳад буд, ки мехостанд... Ногаҳон ба назараш чунин намуд, ки чашмони вай ба монанди паррандаҳо баланд ба осмон баромаданд ва аз он ҷо бо диққат ба ӯ нигоҳ мекунанд. Ва каси дигар не, маҳз худи ӯ, ки дар бораи аҷоиботи ҳодисаҳои рухдода фикр мекунад, зиндагии аҷибу ғарибро ба сар мебарад.

Got a one-way ticket to the blues,
woo, woo[1]

Мехоҳӣ суруд бихонӣ – бихон, марҳамат. Дар асл, ба одаме, ки ба дасташ чиптаи як тарафро додаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин тарз суруд намехонад. Тагчарми пойафзоли чунин одамон, ки чиптаи як тарафро дар даст доранд, ниҳоят тунук аст ва онҳо баъди пахш кардани хурдтарин сангча, фиғон мебардоранд. Дигар қадаме намегузоранд. Онҳо мехоҳанд дар бораи чипта ба осмон, ба ҳарду тараф суруд хонанд. Чипта ба як тараф, – ин ҳаёти ба қисмҳо тақсимшуда бе алоқа байни рӯзи гузашта ва имрӯз, байни имрӯзу дирӯз мебошад. Ва танҳо одаме, ки дар дасташ чиптаи баргаштро маҳкам доштааст, метавонад суруди ғамгинона дар бора чипта ба як тарафро сарояд. Ин аниқ аст. Маҳз барои ҳамин вай доим дар изтироб аст – метарсад, ки чиптаи бозгаштро гум мекунад ва ё онро медузданд; ӯ саҳмия мехарад, ҳаёташро суғурта мекунад, бо иттифоқи касаба ва роҳбарият дурӯягӣ мекунад. Вай гӯшҳояшро сахт маҳкам мекунад, то ки доду фарёди

[1] Ман чиптаро ба як тараф ба осмон харидам,
ууху, ууху…

даҳшатноки кумакро, ки аз обпартовҳо ва партовгоҳҳо ба гӯш мерасанд ва фиғони касонеро, ки ба онҳо чипта ба як тараф насибашон шудааст, нашунавад. Барои он ки чизеро нашунавад, садои тедевизорро баланд мекунад ва бо тамоми овоз суруд дар бораи чипта ба як тарафро мехонад. Ва метавон мутмаин буд, ки ҳар як зиндонӣ суруд дар бораи чипта ба ду ҷонибро мехонад.

Акнун, ҳамин, ки дақиқаи озод ба миён омад, мард ба омода кардани банд машғул мешуд. Вай куртаро ба порчаҳо дарронда бо ҳам баст ва ба онҳо миёнбанди кимонои шавҳари марҳуми занро пайваст намуд, ки панҷ метрро ташкил дод. Вақташ меояд ва ӯ ба нӯги банд қайчиҳои куҳнаи зангзадаро, ки бояд нимкушода бошанд, мебандад ва ба онҳо парахаҳоро ҷойгир намуда, маҳкам менамояд. Алҳол банд кӯтоҳ аст. Барои он ки дарозии муайян ба даст ояд, бояд банди кохии дар болои арши хона кашидашуда, ки дар он моҳӣ ва гандум хушк карда мешавад ва ҳамчунин ресмони либосхушккунак баста шаванд.

Ин фикр тамоман ногаҳон ба вуҷуд омад. Вале охир тамоман ҳатмӣ нест, ки танҳо нақшаҳое амалӣ шаванд, ки муддати тӯлонӣ кашида шуда бошанд. Бинобар сабаби он ки дарк кардани роҳе, ки бо он андеша ҳангоми таҳияи нақша ҳаракат мекунад, аз имкон берун аст, асоси чунин дурандешии ногаҳонӣ дар худи он ниҳон аст. Қарорҳои ногаҳонӣ назар ба тасмимҳое, ки беохир андешида шуда, ба нақша гирифта мешаванд, имконияти бештари муваффақ шуданро доранд.

Акнун танҳо як масъала – вақти амалӣ намудани нақша боқӣ монда буд. Раҳоӣ ёфтан аз чуқурӣ қулайтар аз ҳама рӯзона хоҳад буд, зеро дар ин вақт зан хоб аст. Ин

қарори қатъӣ аст. Вале рӯзона аз байни деҳа гузаштан, кори боақлона аст. Беҳтар аз ҳама, шояд ин роҳ беҳтар аст: қабл аз бедоршавии  зан ба боло баромада, дар ҷойи боэътимод пинҳон шудан даркор ва ғуруби офтобро интизор шуда, деҳаро тарк кардан зарур аст. Бо истифода аз торикӣ, ҳоло, ки моҳтоб набаромадааст, метавон бо осонӣ ба роҳи калон баромад ва ба автобус нишаста ин ҷойро тарк кард.

Ҳамаи ин вақт мард кӯшиш мекард аз зан дар бораи ҷойгирии деҳа маълумот ҷамъ намояд. Деҳа чӣ гуна кори хоҷагиро, ки ягон киштии моҳигирӣ надорад, ҳол он ки дар лаби баҳр ҷойгир аст, ба роҳ мемонад? Аз кадом вақт вай ба ин ҳолат гирифтор шудааст? Дар деҳа чӣ қадар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Кӣ ва дар кучо лола парвариш мекунад? Кӯдакон бо кадом роҳ ба мактаб мераванд?.. Маълумотҳои бо ин роҳ дар бораи деҳа ба дастовардаашро бо хотироти рӯзи аввал, ки ӯ бо чашмони худ дида буд, пайваст намуда, метавонист фикран нақшаи эҳтимолии деҳаро тасвир намояд.

Беҳтар аз ҳама, албатта, фирорро на аз дохили деҳа, балки аз паҳлуи он амалӣ кардан зарур аст. Вале аз ғарб пеши роҳро димоғаи канда-канда, ки он қадар баланд нест, гирифтааст. Дар он ҷо пайроҳаҳое мавҷуд аст, ки аз онҳо сокинони деҳа ҳангоми чидани шохҳои хушки дарахт истифода мебаранд, вале онҳо бар байни буттазорҳо пинҳонанд ва ёфтанашон он қадар осон нест. Пурсишҳои зиёд метавонистанд шубҳаи занро ба миён оранд. Аз қисмати шарқии деҳа бошад, дар чуқури даҳ километр халичро биёбони рег фаро гирифтааст.  Он гардиши тез мекунад ва ба деҳа наздик мешавад. Ҳамин тариқ,  деҳа гӯё дар халтаи рег, ки дар гардани он шухи овезон ва халиҷ

баста шудаанд, қарор дорад. Бинобар ин, ба ҷойи он ки вақтро бо саргардонӣ гузаронему ба онҳо имконияти таъқиб карданро муҳайё созем, бехатар он хоҳад буд, ки рахнаро аз мобайни деҳа амалӣ кунем. Вале ҳамаи ин маънои онро надорад, ки мушкилот ҳалли худро ёфт. Ҳадди аққал назоратчии манораи оташнишониро мисол меорем. Ба ғайр аз ин, бояд аз он тарсид, ки зан аз фирори вай хабар меёбад, шуру ғавғо мебардорад ва роҳи баромадро қабл аз тарк карданаш мебанданд. Шояд ин ду масоилро дар ниҳояти кор метавон дар якто муттаҳид кард. Аввалин кашонандагони рег, об ва дигар чизҳои зарурииро хеле дертар аз ғуруби офтоб меоранд. Ва агар зан дар бораи ғайб задани вай то омадани онҳо хабар додан хоҳад, ин корро метавонад танҳо аз тариқи назоратчии манораи оташнишонӣ анҷом диҳад. Бинобар савол ин аст, ки бо назоратчии номбурда чӣ бояд кард.

Хушбахтона, дар ин минтақа, аз афташ, бо иллати табдили якбораи дараҷа, тақрибан дар ҳудуди сӣ дақиқа, вале баъзан ҳатто то як соат қабл аз ғуруби офтоб заминро тумани сабук фаро мегирад. Ин кор барои он ба амал меояд, ки кислотаи силитсии дар таркиби рег мавҷудбуда, қудрати зиёди ба худ гирифтани гармиро надорад ва гармии дар давоми рӯз ба худ гирифтаашро ба зудӣ берун хориҷ мекунад.

Агар аз болои манора назар андозӣ, тамоми ин гӯшаи деҳа дар муносибат ва вай таҳти кунҷи инъикоси рӯшноӣ қарор дорад ва ҳатто кучактарин туман ба назоратчӣ ба пардаи ғафси сафед мубаддал мегардад ва аз байни он чизе дида намешавад. Барои дилпурӣ вай бори дигар дирӯз инро таҷриба кард. Дар поёни нишебӣ, аз он тарафе, ки бояд баҳр бошад, вай якчанд дақиқа рӯйпоккунакро

алвонҷ дод, гӯё ба касе ишора мекарда бошад, вале тавре тахмин карда буд, ягон аксуламале ба миён наомад.

Дар амал татбиқ намудани нақшаи худро қарор дод дар рӯзи чоруми баъд аз таҳияи он анҷом диҳад: бегоҳии шанбе, вақти овардани об барои шустушӯйро интихоб кард. Дар шаби пеш аз фирор вай қарор дод худро шамолхӯрда вонамуд кунад, то ки нағзакак аз хоб сер кунад. Аз рӯйи эҳтиёт тавре кард, ки ҳатто зан маҷбураш кард, то ки аспирин нӯшад. Ҳабҳо, аз афташ, дар кунҷи қуттии майдачуйда дер боз хобида буданд, ки аллакай зард гаштаанд. Ӯ ду ҳабро ба даҳон андохту аз болояш арақ нӯшид, зуд таъсир намуд. То тамом кардани кор ва омадани зан вай ягон садоеро нашунид, фақат як маротиба ҳангоми бардоштани сабадҳои рег ба гӯш расид.

Зан баъди танаффуси тӯлонӣ боз маҷбур шуд танҳо кор кунад, бинобар ин, ниҳоят хаста шуда буд. Ҳангоме ки зан саросемавор машғули омода кардани хӯроки бе ин ҳам дершудаи шом буд, мард дар бораи ин ё он мавзуи ночиз, масалан дар бораи таъмир кардани дастрӯйшӯяк, ки дер боз хароб аст, гап мезад. Зан аз тарси он ки ба саломатии мард ягон зараре ворид нашавад, чизе нагуфт ва фикр кард, эҳтимол худбинии вай шаҳодат аз он медиҳад, ки он дар ин макон реша давондааст. Баъд аз кор вай худаш ҳам мехоҳад, ки дасту рӯяшро шӯяд. Мардро реге, ки ба пӯсти вай ҳангоми хоб арақ мекунаду мечаспад, асабӣ менамояд... Ҳол он ки имрӯз ҳамон рӯзе ҳаст, ки барои шустушӯй об меоранд. Ва зан аз шустани вай ҳаловат мебарад, бинобар ин, имрӯз ӯ, эҳтимол нарму гапдаро хоҳад буд.

Вақте зан вайро мешуст, ногаҳон хоҳишаш пайдо шуд ва кимонoро аз тани зан кашид. Мард ҳам хост ӯро

бишӯяд. Зан аз саросемагӣ ва интизорӣ шах шуда монд. Баъд бо аломати муқобилият дасташро боло бардошт, вале маълум набуд, ки алайҳи чӣ вай муқобилият нишон доданӣ ҳаст. Мард саросемавор ба рӯйи вай оби гармро рехта бо дастони собунолудааш бадани занро молидан гирифт. Дастонаш аз гардан ба зери манаҳ ва китфон лағжиданд, яктояш бошад, ба синаҳо расид. Зан якбора фарёд карду худро ба мард ҷафс кард. Вай интизор буд. Вале мард корро кашол медод. Дастони вай ҳанӯз дар бадани зан ҳаракат мекарданд.

Хоҳиши бедоршудаи зан ниҳоят ба вай ҳам гузашт. Вале ногаҳон ӯро ким-кадом андӯҳи нафаҳмо фаро гирифт. Зан батамом аз ботин медурахшид, гӯё дар вай шабчароғ рӯшноӣ мекард. Хиёнат кардан ба ӯ бароабар ба он аст, ки ба маҳкумшуда ба қатл имконият дода шавад, то гурезад ва ҳамон лаҳза аз пушташ тир парронанд. Вай бо шавқу завқи зиёд хоҳиши худро бедор карда, ба зан дарафтод. Вале ҳама гуна шаҳват андозаи худро дорад. Дар ибтидо, зан, ки интизори меҳрубонию навозиш буд, аз хашмгинии мард тарсид ва мард гирифтори афтодарӯҳӣ шуд. Ба назар чунин расид, ки гӯё вай хоҳиши худро қонеъ гардонид. Баъд боз шаҳвонияти худро бо тасаввур кардани тасвирҳои васвасакунанда, бӯсидани синаҳои зан, азоб додани бадан, ки аз собун, арақ ва рег гӯё бо равғани мошини омехта ба гарди оҳан олуда шуда буданд, бедор карданӣ мешуд. Вай омода буд ,ҳамин корро ҳатто ду соат идома диҳад. Вале зан ниҳоят ҳатто аз шиддати дард дандонҳояш шароққос заданд ва сари ду по нишаст. Вай ба зан дарафтод... Дар лаҳзае ҳамааш анҷом ёфт. Вай барои он ки собунро тоза кунад, ба болои ӯ об рехт, баъд маҷбураш сохт, то арақи бо се ҳаби аспирин омехташударо нӯшад. Акнун то ғуруби

офтоб, агар омад кунад, ҳатто то он вақте ки бо сару садо кашонандагони рег онро бедор накунанд, хоб хоҳад рафт. Зан дар хоб хур-хур мекард, гӯё биниашро бо даҳантиққии коғазин маҳкам карда буданд. Мард оҳистакак пошнаашро даст зад, вале зан ҳатто наҷунбид... Лӯлачаи холие, ки аз он қобилияти ҳассосиятро берун кардаанд. Мард рӯйпоккунакро, ки чеҳраи занро мепӯшонид, дуруст кард ва кимоноашро, ки ба мисли банд тоб хӯрда, боло рафта буд, ба болои зонуҳояш кашида фаровард. Хушбахтона, ӯ бо омодагиҳои охирин банд аст ва барои раҳмдилӣ вақт надорад. Вақте вай кори худро бо сеҳр кардани қайчиҳои куҳна анҷом дод, вақти зарурӣ фаро расид. Охирин бор ба зан нигоҳ кард ва тавре интизор буд, ҳис кард, ки дилаш ба танг омадааст.

Бо деворҳои ҷуқурӣ, тақрибан як метр аз боло рӯшноии суст паҳн мегардид. Аз рӯйи ҳисобҳо бояд ними ҳафт – бист дақиқа кам ҳафт бошад. Айни муддаост. Вай бо қувва дастонашро ба қафо бурда, якчанд ҳаракати гарданро анҷом дода, китфони хамидаашро рост кард.

Аввал ба болои бом баромадан зарур аст. Аз ҳама дуртар чизе парвоз мекунад, ки тахти кунҷи наздик ба чилу панҷ дараҷа партофта шавад. Вай кӯшиш кард бо кумаки ресмон ба болои бом барояд, вале ба як қарор наомад – туқ-туқи қайчӣ дар болои бом метавонист занро аз хоб бедор кунад. Бинобар ин, беҳтар аст, аз чунин таҷриба даст кашад ва хонаро давр зада, аз айвони нимвайрона, ки собиқ дар таги он либосҳоро ҳушк мекарданд, истифода бурда, ба боло барояд. Дастакҳои борик қариб пӯсидаанд ва ин вайро тарсонид. Вале хатари асосӣ дар пеш буд. Бом бо реги дар ҳаво чархзананда сайқал дода шудааст, тахтаи сафеди нав барин медурахшид. Ва ҳамин ки ба боло

баромад, маълум шуд, ки бом мисли нони қандин мулоим аст. Аҷоиб коре мешавад, агар он фурӯ равад! Дароз кашида, вай бо эҳтиёт ба пеш хазид. Ниҳоят ба тораки дунишебаи бом расида, ба болояш савор шуда, ба зону истод. Аллакай болои бом дар соягӣ қарор дошт ва донаҳои реги ранги асали дар шакар хобондашудаи дар лаби ҷуқурии қисмати ғарбӣ буда, баръало фарқ мекарданд, аз он шаҳодат медоданд, ки туман поин фаромада истодааст. Акнун аз назоратчии манора тарсидан зарур нест.

Бо дасти росташ бандро тақрибан як метр пеш аз қайчиҳо гирифта, онро болои сараш чарх занонда, ҳамон халтаҳоеро, ки барои бардоштани сабадҳо истифода мебурданд, ба нишон гирифт. Модоме ки нардбони арғамчиниро бардоштанд, маълум мешавад, ки онҳо чуқур гӯронида шудаанд. Ӯ бандро боз ҳам тезтар чарх занонида, ба нишон гирифту партофт. Вале он ба тарафи муқобил парвоз кард. Ба ҳисоб нагирифт. Қайчиҳо бояд бо тарафи рӯяшон ба ҷониби гирду атроф парвоз кунанд, барои ҳамин бандро дар он лаҳзае сар додан даркор, ки вай зери кунҷи рост ба ҳадаф ва ё лаҳзае пеш аз он қарор дошта бошад. Бале, ин аниқ аст!.. Мутаассифона, ин маротиба қайчиҳо ба мобайни нишебӣ бархӯрда, ба поён афтиданд. Маълум мешавад, ки суръаташ паст ва сатҳи даврзаниаш нодуруст буд.

Баъди кӯшишу озмоиши такрор ба такрор вай ниҳоят масоҳат ва самти парвозро муайян кард. Рости гап, то комёбӣ ҳоло дур буд. Вай ҳатто аз кучактарин натиҷаи умедворкунанда хурсанд мешуд. Вале алҳол, нишонае аз он ки ба комёбӣ наздик мешавад, дида намешавад – баръакс хастагӣ ва асабоният ӯро аз муваффақият дуртар

мебурданд. Бале, пештар ҳамаи ин барояш ниҳоят осон менамуд. Ӯ асабӣ буд, қаҳр мекард ва ҳатто омода буд гиря кунад, ҳол он ки вайро касе ҳам умедвор накарда буд.

Агарчи, шояд қонуни эҳтимолият, ки тибқи он имконияти мустақими мутаносиби кӯшишот на ба он андоза нодуруст аст. Ва вақте вай маълум нест бори чандум буд, ҳамин хел бе ягон умед бандро партофт, он ногаҳон рост ба болои халта афтод. Мард бо даҳони кушода шах шуда монд. Оби даҳони пуршуда аз лабонаш рехт. Вале хурсандӣ кардан ҳоло барвақт буд... Дар дасти вай пул фақат барои харидани билети лоторея ҳаст... Билет мебурад ё намебурад – вақт нишон медиҳад. Ҳар як тори асаби вай гӯё ба банд баста шуда буд. Ӯ бо эҳтиёт бандро ба тарафи худ кашид, гӯё бо тори тортанак ситораро ба ҷониби худ мекашид.

Муқовиматро ҳис кард. Дар аввал ба ин бовар кардан мушкил буд, вале банд дар ҳақиқат наҷунбид. Сахттар кашид... Зур зада интизор шуд – ҳамин лаҳза меканад... дигар ягон шубҳа намонда буд. Қайчиҳое, ки ба чангак мубаддал шуда буданд, ба халтаҳо часпида гирифтанд. Хеле омад кард!.. Ниҳоят, аз ҳад зиёд кор омад кард!.. Аз ҳамин лаҳза корҳо хуб пеш хоҳанд рафт! Бешубҳа!

Мард базудӣ аз бом фаромад ва ба назди банде, ки акнун ором овезон буд, давида омад. Ана он ҷо, дар боло замин аст... Ҳамин қадар наздик аст, ки бовари кас намеояд... Чеҳра таранг шуда буду лабҳо меларзиданд. Тухми Колумбия, бешубҳа, сахт пухта шуда буд. Аммо вақте аз ҳад зиёд ҷӯшонӣ, ҳамаро вайрон мекунӣ.

Бандро маҳкам дошта, бо тамоми вазнаш худро ба он овезон кард. Ва он ҳамон лаҳза мисли резин дароз шуд. Аз тарс тамоми бадани ӯро арақ фаро гирифт. Хушбахтона,

баъди ба андозаи сӣ сантиметр дароз шудан, банд ёзиданро бас кард. Ӯ боз худро ба он овезон кард. Ин маротиба барои хавотир шудан дигар асос вуҷуд надошт. Ба кафи дастонаш туф карда, вай бо пойҳояш бандро печонида, боло баромадан гирифт. Вай ба мисли бозичаи маймунча ба дарахти нахли бозича мебаромад. Шояд аз баланд шудани шаҳвоният арак, ки дар пешониаш пайдо шуд, хунук буд. Барои он ки рег ба сару рӯйи вай нарезад, мард танҳо ба банд часпида гирифта, боло мебаромад, аз ин рӯ, тани ӯ чарх мезад. Ҳама чиз назар ба он чизе, ки дар назар дошт, хеле суст пеш мерафт. Қувваи ҷозибаи замин дар ҳақиқат даҳшатнок аст. Ва ин ҳама ларза аз куҷо пайдо шуд? Дастҳо бидуни ихтиёри вай харакат мекарданд, гӯё ӯ худаш худро ба боло мепартояд. Агар ба хотир биёрем, ки чилу шаш рӯз бо заҳр олуда шуда буд, дар ин ягон кори аҷоибе нест. Вақте вай ба андозаи як метр боло рафт, таги чуқурӣ ба андозаи сад метр поён рафт, лаҳзае, ки  ду метр баланд шуд, таг ба ду сад метр фурӯ рафт. Ҷуқурӣ ҳамоно зиёд мешуд ва дар ниҳояти кор ба сарчархзананда мубаддал гашт...

Ба мисли ҳалокзада хаста шуд...Ба поён нигоҳ кардан даркор нест!.. Ана, аллакай ба болояш расидем... Замин бо роҳҳо печонида шудааст ва бо онҳо ба ҳар куҷое хоҳӣ, озодона қадам зада метавонӣ, ҳатто ба он тарафи дунё... Вақте вай ба болои замин  мерасад, ҳамаи он чизе, ки дар ин ҷо буд, ба гулҳои кучак, ки барои хотира дар байни саҳифаҳои китобчаи қайдҳо хушк карда шудаанд, мубаддал мегардад... Ҳам заҳрнокҳояш ва ҳам даррандаҳояш – ҳамаи онҳо ба порчаҳои тунуки коғазҳои ранга табдил меёбанд ва ҳангоми чойнӯшӣ онҳоро дар зери рӯшноӣ аз назар гузаронида, ӯ бо камоли майл дар

бораи ҳамаи ҳодисаҳо, ки бо онҳо алоқамананданд, нақл хоҳад кард.

Ва маҳз барои ҳамин ҳама гуна хоҳишаш дар бораи гунаҳгор донистани зан аз байн рафт. Метавон ба тамом кафолат дод, ки дар байни дигарон ҳамчун хайрхоҳ фарқ намекард, вале ӯ ҳамчунин фоҳиша набуд. Агар барояш тавсияномаҳо зурур бошад, вай омодааст бо хушнудӣ ҳар қадар хоҳад, ҳатто даҳто бидиҳад. Вале то чӣ андоза ин зан беақл аст, ки танҳо метавонад бо вай барои як чипта ба ҳарду тараф часпида гирад! Охир ҳатто агар чипта якто ва ҳамон аст, макони рафтан тарафи муқобил аст, табиист, ки макони рафтан ҳам ҷониби муқобил аст. Ва ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб нест, ки чиптаи бозгашти мард, барои зан чипта ба он тараф хоҳад буд.

Бигузор зан ба ягон хатогие роҳ дода бошад... Вале охир иштибоҳ – ин иштибоҳ ҳаст, на бештар аз он.

... Ба поён нигоҳ накун! Ба поён нигоҳ кардан мумкин нест!

Куҳнавард, поккори оина, устои барқ дар манораи телевизион, варзишкори сирк ҳамроҳи иҷрои машқ, мӯрирӯб дар лӯлаи баланди неругоҳи барқӣ кори хатарнок доранд ва агар ҳар яки онҳо ба поён нигоҳ кунад, ба замин меафтанд.

Ҳамааш хуб аст! Бо нохунҳояш ба халтаҳо ончунон чангол зад, ки ангуштонаш хуншор шуданд, вале бо вуҷуди он аз ҷуқурӣ берун баромад. Ана акнун вай дар боло аст! Ин лаҳза ӯ метавонад натарсад, ки агар ангуштонашро кушояд, ба поён меафтад. Вале ангуштон қудрати боз шуданро надоштанд ва халтаро маҳкам дошта истода буданд.

Озодие, ки дар чилу шашум рӯз ба даст оварда шуд, ӯро бо шамоли сахту бошиддат пешвоз гирифт. Вақте вай

мехазид, донаҳои рег ба рӯю гарданаш мезаданд, ки дардовар буд. Ӯ ин шамоли даҳшатнокро ба ҳисоб нагирифта буд!.. Дар он чуқурӣ фақат шавшуви баҳр аз анъанавӣ дида, хеле қавитар ба назар мерасид. Вале охир ҳозир айни вақти сукунати ҳаво мебошад. Дар акси ҳол ягон умеди пайдо шудани туман нест. Шояд осмон ба назар дудолуд намуд, танҳо вақте ки вай аз чукурӣ ба он нигоҳ карда буд? Ё ин реге буд, ки абрҳо боло бардошта буданаш ва ӯ гумон кард, ки туман аст? Дар ҳама ҳолат – ягон кори хубе нест.

Сарашро набардошта, вай бо изтироб чор тарафро аз назар гузаронид... Дар рӯшноии хира манораи оташнишонӣ каме каҷ ба назар менамуд. Он ким-чӣ хел ҳақир менамуд ва то он масофа ниҳоят дур буд. Аз он ҷо бо дурбин нигоҳ мекунанд, бинобар ин, ба дурӣ умед бастан нашояд. Барояш аҷиб буд, ӯро аллакай диданд ё не?.. Аз афташ не. Дар акси ҳол аллакай зангулаҳо ба кор медаромаданд.

Зан боре ба ӯ нақл карда буд, ки ним сол пеш тӯфон ба амал омаду девори яке аз ҷуқуриҳо дар қисмати ғарбии деҳа фурӯ рафт ва нисфи як хона ба зери рег монд. Баъд борони сахт борид ва реги тар якчанд маротиба вазнинтар шуд. Хона ба мисли қутти гӯгирд афтод. Хушбахтона, касе ҳалок нашуд ва субҳ бошандагони хона кӯшиш карданд аз чуқурӣ берун бароянд. Худи ҳамон лаҳза садои зангула баланд шуд; панҷ дақиқа ҳам нагузашта, овози гиряи пиразан, ки ӯро кашолакунон ба қафо мебурданд, шунида шуд... “Мегӯянд ин оила ким-кадом бемории ирсии майнаи сар доранд”, – айёрона илова намуд зан....

Хайр майлаш, корро кашол додан лозим нест. Вай бо қатъият сарашро баланд бардошт. Қад–қади мавҷҳои регӣ,

ки бо ранги сурх оро дода шуда буданд, сояҳои дароз афтода буданд. Пардаи рег, ки шамол аз як соя бардошта буд, дигаронашро кашола карда гирифтан гирифт. Эҳтимол ин пардаи реги парвозкунанда аст ва ӯро паноҳ мекунад?.. Ба ақиб баргашта хост бисанҷад, ки оё равшанӣ ба чашмон сахт мезанад ё не, мард аз тааҷҷуб шах шуда монд. Маълум мешавад, ки на танҳо аз реги парвозкунанда вақти ғуруби офтоб ба мисли бо қалами ранга кашидашуда, рангобаранг менамояд, ҳамаи гирду атрофро дуди ширмонанд фаро гирифтааст. Аз замин инҷоюю онҷо порчаҳои парокандаи туман боло мешуданд. Ононе, ки дар як ҷо паҳн шуда буданд, дар ҷойи дигар баланд мегаштанд, парокандашудаҳои он ҷо, ин ҷо ҷамъ мешуданд. Вақте дар ҷуқурӣ зиндагӣ мекард, худаш мутмаин шуда буд, ки рег намиро ба худ мекашад, вале тасаввур намекард, ки то ин андоза... Ҳамаи ин ҷойи сухторро баъди рафтани оташхомӯшкунон ба хотир меорад... Рости гап, туман ғафс нест ва вақте бо пушт тарафи офтоб меистӣ, он қадар намоён нест, вале ба ҳар сурат ҳаминаш кифоят мекунад, ки аз чашми назоратчӣ пинҳон шавӣ.

Вай пойафзолро, ки дар миёнаш овезон буд, пӯшида, бандро печонида, ба кисааш андохт. Қайчиҳо дар ҳолатҳои зарурӣ метавонистанд ҳамчун аслиҳа истифода шаванд. Ба тарафи ғарб бояд фирор кард – рӯшноие, ки ба чашмони назоратчӣ мезанад, ӯро пинҳон мекунад.  Бояд дар ягон ҷо пинҳон шуда, ғуруби офтобро мунтазир шудан лозим аст.

Тезтар охир!.. Хам шаву аз тариқи пастхамӣ бидав!.. Акнун худро аз даст надеҳ... Шитоб кун, фақат бодиққат бош... Ана дар он сой пинҳон мешавам!.. Ин чӣ садои шубҳанок аст?.. Ин нишона ё фоли бад аст?.. Шояд ҳам чунин набошад. Мехезаму ба пеш меравам... бисёр ба

тарафи рост нарав!.. Нишебии рост аз ҳад зиёд паст аст, аллакай дар байни он метавонанд туро бубинанд...

Ба туфайли ҳар шаб кашонидани сабадҳои рег, дар байни чуқуриҳо пайраҳаҳои амиқи рост пайдо шудаанд. Қисмати рости онҳо дар баъзе ҷойҳояш фурӯ рафта, нишебдор шудааст. Каме поёнтар болои бомҳои қатори дуюми хонаҳо, ки дар ҷуқуриҳо пинҳон шуда буданд, ба назар мерасиданд. Онҳоро қатори сеюм, ки ба баҳр наздиктарин буд, пӯшонидааст. Аз ин рӯ, ҷуқуриҳо ҳам дар ин ҷо кучактар буданд ва чапарак барои ҳимоя аз рег метавонад ҳоло хизмат кунад. Аз дохили ҷуқуриҳо, аз афташ, озодона ба деҳа баромадан мумкин аст. Ҳамин, ки каме аз ҷояш баланд шуд, қариб тамоми деҳа намоён гардид. Дар назди доманаи хомаҳои реги мавҷдор бодбезак барин бомҳои сафолпӯш, тунукаи гулдор ва тахтагин қатор истодаанд... Чакалаки дарахти санавбар, ки аз ҳам дур буданд ва чизе ба ҳавз монанд дида мешуд. Ва маҳз барои он ки ҳамин порчаи замини беаҳамиятро эҳтиёт кунанд, сокинони якчанд хонаҳои назди соҳил ба ҳаёти ғуломона маҳкум карда шудаанд.

Ҷуқуриҳои ғуломон ҳозир дар тарафи чапи роҳ ҷойгир шудаанд... Гоҳ-гоҳе роҳҳои ҷудошуда, ки сабадҳои кашолакарда эҷод шудаанд, вомехӯрданд, дар охири онҳо бошад, халтаҳои рег хобида буданд ва аз рӯи онҳо муайян карда мешавад, ки ҷуқурӣ аз куҷо оғоз меёбад... Ҳатто нигоҳ кардан ба ин аламовар аст. Қариб дар ҳама ҷо ба халтаҳо нардбонҳои арғамчинӣ вобаста карда шудаанд. Аз афташ, бисёре аз маскунини ин ҷуқуриҳо фикри фирор кардан аз ин ҷоро аз сар дур кардаанд. Акнун ӯ бо осонӣ тасаввур карда метавонист, ки чунин ҳаёт имкон дорад.

Ошхона, оташдон, ки дар он оташ фурузон аст, ба ҷойи мизи хатнависӣ – сабад барои нигоҳдории себ, ки пур аз китобҳои дарсӣ аст; ошхона ва оташдон, ки дар даруни фарш ҷойгир карда шудаанд ва дар онҳо оташ месӯзад, девори шикастаи ба ду тараф ҷудошаванда, арши дудгирифтаи ошхона, соатҳои равон ва соатҳои аз кор монда, ошхона ва оташдонҳое, ки дар онҳо оташ ҳамоно месӯзад... ва дар ҳамаи ин ба мисли дар чанбарак ҳайвонот, кӯдакон, шавқу рағбати ҷинсӣ, уҳдадориҳои қарзӣ, ороишоти арзон, хиёнат, аксҳои барои хотира гирифташуда, ҷойгир карда шудаанд... Ба андозаи даҳшатнок такрори якранги ҳамон як чиз... Ва ҳол он ки ин такрорест, ки дар зиндагӣ ногузир аст, ба мисли тапиши дил, вале тапиши дил охир ин ҳанӯз тамоми умр нест.

Худро ба замин парто! Ҳеҷ гапе нест, зоғи оддӣ будааст... То ҳанӯз барояш муяссар нагашта буд, ки зоғҳоро дошта, аз онҳо хӯса созад, вале ҳозир ин муҳим нест. Дар бораи холкӯбӣ, медалу нишонҳо танҳо ҳамон вақте орзу мекунанд, ки хобҳои бемаъниӣ бубинанд.

Аз афташ ба канори деҳа расид. Роҳ ба теғаи хомаҳои рег баромад, аз чап баҳр намудор шуд. Шамол бӯйи тези мавҷҳоро бо худ овард, дар гӯшҳо ва сӯрохиҳои бинӣ садои ҷарангос шунида шуд, гӯё ғирғирак ба чархзанӣ даромада бошад. Нӯгҳои рӯйпоккунак, ки бо онҳо сарашро баста буд, дар шамол алвонҷ мехурданд ва ба рухсораҳояш мезаданд. Дар ин ҷо туман ҳам қуввашро аз даст дода буд ва боло баромада наметавонист. Баҳр бо баргҳои ғафси тира ба мисли қаймоқи рӯйи шири ҷӯшида, ки бо чин-чини майда ҷамъ шудааст, пӯшонида шуда буд. Офтоби аз тарафи абрҳо фушурдашуда, ки тухми қурбоққаро ба хотир меовард, хоҳиши ғарқ шуданро надошт, карахт шуда

монда буд. Дар дуриҳо чун нуқтаи сиёҳ киштӣ шах шуда буд, масофа то он ва ҳаҷми онро муайян кардан мумкин нест.

Дар пеши ӯ то худи димоға хомаҳои регии мавҷдори беохир хобида буданд. Эҳтимол бо ин роҳ рафтан хатарнок бошад. Дар ҳолати дудилагӣ гирду атрофро аз назар гузаронид. Хушбахтона, пеши манораи оташнишониро теппаи на он қадар баланди регӣ пӯшонида буд ва касе ӯро аз он ҷо дида наметавонист. Аз ҷояш каме баланд шуда, дар тарафи рост, дар сояи нишебии рег боми кулбаи каҷшуда ва ба даруни рег фурӯрафтаро дид. Ва инро танҳо аз ҷое, ки вай истода буд, дидан мумкин буд. Аз тарафи шамолнорас хамии амиқ, ки гӯй бо қошуқ канда бошанд, дида мешуд.

Беҳтарин паноҳгоҳ... Қисмати болоии рег ба мисли қисмати дохилии гӯшмоҳӣ ҳамвор аст ва дар ҳеҷ ҷое изи одам нест... Вале бо изҳои худ чӣ кунад?.. Вай бо рӯйи изҳои худ қафо рафт, вале баъди сӣ метр дид, ки онҳо тамоман ғайб задаанд... Ва ҳатто дар пеши пойҳои вай дар назди чашмонаш фурӯ рафта, шаклашонро дигар мекарданд... Шамол ҳам барои коре ба кор омад.

Вай тайёр шуд аз паҳлуи кулба гузарад, вале ногаҳон аз дохили он чизи сиёҳе хазида баромад. Ин саги зарди ба мисли хӯк фарбеҳ будааст. Тарсидан даркор нест. Гум шав аз ин ҷо! Вале саг, ки гӯши он кандагӣ буд, чашмони майдаи вай бо қаҳр ба сӯяш нигоҳ мекарданд. Саг ӯро бӯй кардан гирифт. Оё вай аккос заданӣ нест? Аккос зану ҳолатро бубин. Ӯ дасташро ба ҷайбаш дароварду қайчиро гирифт... Агар аккос занад, бо ин чиз сарашро сӯрох мекунам! Вале саг бе баровардани ягон овоз бо хашм ба вай нигоҳ мекард. Шояд он ваҳшӣ бошад? Пашмаш жӯлида

асту порча – порча овезон. Ягон беморӣ дорад магар – тамоми рӯяш ҷароҳат дорад... Мегӯянд, ки саге аккос назанад, хатарнок аст... бало занад! Ягон гуна ғизо захира кардан даркор буд... Бале, ғизо, ана боз фаромӯш кардам тсианиди калий бигирам... Ҳеҷ гап не, вай онро тавре пинҳон кард, ки зан пайдо карда наметавонад... Мард бо овози паст ҳуштак кашид ва дасташро дароз кард, то ки сагро ба худ моил кунад... Дар ҷавоб саг лабони тунуки худро ёзонида, дандонҳоии зарди худро, ки ба онҳо рег часпида буд, гиз кард... Не, гумон аст, ки саг ба ӯ чашм ало кунад... чӣ хел андоми манфур ва баднафс дорад... Хуб мебуд агар онро тавре занам, ки бо як зарба кушта шавад.

Ногаҳон саг рӯяшро гардонида, сарашро хам карда, гӯё чизе нашуда бошад, коҳилона дур шуд. Эҳтимол аз намуди хатарноки вай тарсид. Агар вай сагро маҷбур кард, канор равад, маънии онро дорад, рӯҳияи ӯ ҳанӯз қавӣ аст. Мард аз пастхамӣ фаромад ва дар нишебӣ дароз кашида истод. Акнун шамол ӯро ғам намедод, шояд барои ҳамин худро сабук ҳис кард. Аз шиддати шамол саг калавида–калавида дар паси пардаи реги дар ҳаво чархзананда пинҳон шуд. Аз афташ одамон ҳатто наздик намеоянд, варна дар ин кулба саги ваҳшӣ ҷой намегирифт... Ва то он лаҳзае, ки саг ба маъмурияти артел рафта, хабар надиҳад, ӯ аз ҳама гуна хатар эмин аст. Дар бадани вай арақ ҷорӣ шуд, вале ин барояш форам буд. Чӣ гуна оромӣ!.. Аниқ вайро ба қаъри зарфе ардохта, аз болояш желатин рехтаaанд... Дар дасти вай бомба бо вақти муқарраршуда қарор дорад, замони таркиш маълум нест, вале ин ӯро на бештар аз чик-чики соати зангдор хавотир кардааст... Агар ба ҷойи вай Лента Мебиус мебуд, ӯ дарров вазъиятро таҳлил карда, чунин мегуфт:

– Ту, дӯстам, аз ҷумлаи намунаи махсуси одамоне ҳастӣ, ки қаноатмандии худро дар табдил додани восита ба мақсад дармеёбанд.

– Комилан дуруст аст, – розӣ мешуд вай. – Вале оё ба ин андоза восита ва мақсадро аз ҳам ҷудо кардан зарур аст?.. Онҳоро вобаста аз шароит ба таври дахлдор истифода бурдан лозим аст...

– Охир, ин ба дарди чизе намехӯрад... Мумкин нест вақтро аз рӯйи хати амудӣ сипарӣ намоӣ. Вақт ин як чизест, ки ба таври уфуқӣ ҷорист. Ин ба ҳама маълум аст.

– Чӣ хоҳад шуд, агар кӯшиш кунӣ бо таври амудӣ зиндагӣ намоӣ?

– Ба мумиё табдил меёбӣ. Магар чунин нест?

Мард андаке лабханд карда, пойафзолашро кашид. Охир, воқеан ҳам вақт бо тарзи уфуқӣ ҷорӣ мешавад. Пойафзол пур аз рег шуда, аз арақи пой нам гирифта буд, дигар тоқат кардан намешуд. Вай бо мушкилӣ ҷӯробҳоро кашида, пойҳояшро дар самти вазидани шамол нигоҳ дошт. Барои чӣ дар он ҷое, ки ҳайвонот зиндагӣ мекунанд, чунин бӯйи бад аст?.. Хуб мебуд агар ҳайвонҳо аз худ бӯйи гул мебароварданд... Не охир, ин бӯйи пойҳои худаш мебошад. Ва аҷоибиаш дар он аст, ки ин фикр ба худаш форам буд... Касе гуфта буд, ки беҳтар аз чирки гӯши худ чизе нест, он аз панир дида бомаззатар аст... Албатта, шояд ин муҳобот бошад, вале дар бӯйи дандонҳои пӯсидаи худӣ як чизи ҷалбкунандае ҳаст – бинобар ин, ҳамеша мехоҳӣ онро нафас бикашӣ.

Аз нисф зиёдтари дамромадгоҳи хона бо рег пур шуда буд ва ба ӯ муясар нагардид, ки дарров вориди он шавад. Шояд ин боқимондаҳои чоҳи кӯҳна бошад? Ягон ҷойи тааҷҷубаш нест, ки дар болои чоҳ хона сохтаанд, ин ба он

хотир аст, ки чоҳ пури рег нашавад. Ростӣ, гумон аст, ки дар ин ҷо об бошад... Вай бори дигар кӯшиш кард дохили хона шавад ва ин лаҳза ба машомаш бӯйи бади саг зад. Бӯйи ҳайвон аз фалсафа дида зӯртар аст. Як мутахассисе буд, ки мегуфт, ба ӯ рӯҳи кореягӣ наздик аст, вале вай бӯйи онро таҳаммул карда наметавонад... Хайр майлаш, агар вақт ба таври уфуқӣ ҷорист, бигузор барояш нишон диҳад, ки он чӣ андоза тез метавонад ҷорӣ шавад!.. Умедворӣ ва нигаронӣ... Ҳисси озодӣ ва беқарорӣ... Ин азобҳо аз ҳама тоқатнопазиртаринанд.

Вай рӯяшро бо рӯйпоккунак пӯшонида, ба пушт дароз кашид. Бӯйи ин ҷо, аз афташ, аз худаш аст, вале бо майлу хоҳиши ба худ хушгӯй кардан, наметавонист онро форам бигӯяд.

Чизе дар болои пояш хазида истодааст... Назар ба "равишаш", ин заррӯҳ нест... Аниқтараш, ин гамбуски заминӣ аст, ки бо шаш пойчаҳои заиф худро кашола карда бурда истодааст... Ӯ намехост инро аниқ намояд. Барои мисол, агар ғайричашмдошт, ин заррӯҳ мебуд ҳам, гумон аст, ки хоҳиши дошта гирифтани он пайдо мешуд. Дар ҳама ҳолат, аниқ ба ин савол ҷавоб дода наметавонист.

Шамол рӯйпоккунакро аз чеҳраи вай канда партофт. Бо таги чашмаш вай теғаи хомаҳои регро дид, ки чун тилло медурахшиданд. Нишебии ҳамвор баландшаванда то ин хати тиллоӣ мерасид ва дафъатан дар соягӣ канда мешуд. Дар чунин як сохтори фазо ва ё макон як шиддати баённашаванда дида мешуд, ки ҳатто мардро ғаму андӯҳи нисбати одамон фарогирифта, ӯро ба ларза овард. (Бале, манзара воқеан ҳам хаёлпарастӣ аст Вақтҳои охир маҳз ҳамин гуна манзараҳо саёҳони ҷавонро ба худ ҷалб мекунанд... Саҳмияҳои боэътимод... Ба ҳайси одами

таҷрибанок метавонам рушди оянда‍и ин минтақаро кафолат бидиҳам... Вале, пеш аз ҳама, ташвиқу тарғиб зарур аст. Бе реклама ҳатто пашша ҳам парида намеояд... Надонистан – ин баробар ба надоштан аст. Ба ибораи дигар, дар ихтиёр доштани санги қиматбаҳо ва дар замин гур кардани онро дорад. Пас, чӣ бояд кард?.. Ба суратгири моҳир супориш додан зарур аст, ки руқъаҳои мусаввар омода намояд. Дар замонҳои пеш руқъаҳои мусаввар танҳо баъди он ки макони тамошобоб машҳур мегашт, омода карда мешуданд... Дар ин ҷо якчанд намуд аст, лутфан таваҷҷӯҳ намоед). Фурӯшандаи бечораи руқъаҳо ният дошт ба дигарон дом гузорад, вале худаш ба дом афтид ва баъд бемор шуда, вафот кард. Рости гап, вай он қадар фурӯшандаи чаққону дилёб набуд. Эҳтимол, ба ҷойҳои ин ҷо умед баста, тамоми дороиҳои хешро сармоягузорӣ карда буд... Моҳияти аслии ин ҷаззобӣ ва дилрабоӣ дар чӣ зоҳир мешавад?.. Шояд он дар мувофиқати ҷисмонӣ ва дақиқияте, ки табиат дар худ дорад ё баръакс – дар муқовимати бераҳмонаи табиат ба кӯшишҳои одамон барои дарк ва шинохтани он, ниҳон мебошад.

То дирӯз танҳо боре ҳам фикр кардан дар бораи ин манзара дилашро беҳузур мекард. Ва бо қаҳр андеша меронд, ки ин ҷуқурӣ ҳақиқатан ҳам ҷойи муносиб барои чунин як ҳаннот ба мисли фурӯшандаи руқъаҳо мебошад.

Вале чӣ зарурате вуҷуд дорад, ки дар бораи ҳаёт дар ҷуқурӣ ва манзара фикр намоему якеро ба дигаре муқобил гузорем? Манзараи зебо набояд ҳатман ба одам боҳиммат бошад.

Ва ниҳоят, ғояи асосии вай ҳам дар бораи баррасии рег ҳамчун инкори устуворӣ он қадар беақлона нест.

Ҳаракати аз ҳашт як ҳиссаи миллиметр. Олам, ки дар он ҳастӣ силсилаи ҳолатҳост... Ба ибораи дигар, латофату зарофати он ба марг тааллуқ дорад. Ҷазобати марг, шукӯҳи неруи бузурги харобовари рег, харобаҳои аз вай боқимонда... Не, исто. Дар чунин ҳолат ба ғафлат мондан мумким аст, агар ба ӯ бигӯянд, ки маҳз барои ҳамин вай чипта ба ҳарду тарафро гирифта, аз даст раҳо намекунад. Филмҳо дар бораи ҳайвонҳои ваҳшӣ ва ҷангҳо ончунон воқеӣ мебошанд, ки метавонанд одамро ба касалии дил гирифтор кунанд, вале аз кино мебароӣ, дар берун туро имрӯз, яъне идомаи дирӯз интизор аст. Зебоии онҳо маҳз дар ҳамин аст... Дар куҷо аҳмақе пайдо мешавад, ки милтиқи тирдорро бо худ гирифта, ба кино меравад?.. кӣ ба ҳаёт дар биёбон одат мекунад? Баъзе намуди мушҳо, ки ба ҷойи об пешоби худро менӯшанд, ҳашароте, ки гӯшти бӯйгирифтаро мехӯранд, ҳамчунин, шояд кучманчиҳое, ки барояшон дар бораи мавҷуд будани чипта танҳо ба як тараф маълум аст. Агар аз аввал боварӣ дошта бошӣ, ки чипта ҳамеша ба як тараф аст, метавонӣ оромона зиндагӣ кунӣ ва ба рег часпида, ба мисли садафак дар харсанг кӯшиши беҳуда нанамоӣ. Ин кучманчиҳо бошанд, ҳатто номи худро тағйир додаанду акнун чорводор ном доранд...

Бале, шояд зарур буд дар бораи ҳамаи ин ба зан нақл мекард... Барояш суруд мехонд, муҳим нест агар мавзуъ ва оҳангашро дигар мекард, дар бораи оҳанги регҳо, ки ягон умумияте бо чипта ба ҳарду тараф надорад... Дар ҳама ҳолат ӯ аз он занакабозе, ки кӯшиш карда буд, занро ба чангаке, ки ба он ҳаёти махсус овехта шуда буд, дарорад, бештар ҳақиру тақлидкор нахоҳад буд. Аз сар то по реголуд гашта буд ва қудрате надошт аз ҷояш ҷунбад, ба гурбае, ки ба халтаи коғазин андохта буданд, монанд шуда буд.

Ногаҳон теғаи хомаҳои рег нопадид шуд... Ҳама дар гирду атроф ба торикӣ ғутта зад. Барои кадом лаҳзае шамол ором шуд ва ин лаҳза қувваи нав гирифта, туман баргашт.  Шояд барои ҳамин, офтоб бо шаст ғуруб кард.

... Акнун, вақти ба роҳ баромадан аст.

То ба кор сар кардани кашонандагони сабад, бояд тамоми деҳаро тай карда, паси сар намуд. Барои ин қариб як соат вақт мондааст. Барои амнияти бештар, метавон гуфт, ки чил дақиқа вақт дорад. Димоға, ки гӯё тамоми деҳаро фаро гирифтааст, гардиши амиқ намуда, то халиҷ, ки дар қисмати шарқии деҳа қарор дорад, мебарояд. Барои ҳамин, ба воситаи он танҳо як роҳи борик мегузарад. Вале дар он ҷо шуххҳои овезон, ки дар болои димоға истода буданд, тамом мешаванд ва ҷойи онҳоро хомаҳои регии на он қадар баланд мегиранд. Аз тарафи дасти рост чароғҳои базӯр намоёни деҳа паси сар мешаванд ва агар роҳро рост идома бидиҳед, мустақиман ба ин ҷо мерасед. Масофа тақрибан ду километрро ташкил медиҳад... Дар он ҷо деҳа тамом мешавад, дар баъзе ҷойҳо майдони чормағзи заминӣ дучор меояд ва боз рег асту дигар ягон хонаҳои истиқоматӣ дида намешавад. Баъди он ки теппа паси сар шуд, имконияти бо роҳ рафтан пайдо мешавад. Ин роҳи ҳамвори гилин мебошад ва агар бо тамоми қувва бидавӣ, баъди понздаҳ дақиқа ба роҳи калони мумфарш мерасӣ. Дар он ҷо бошад, ҳамааш хуб мешавад. Мисли шаҳр автобусҳо мегарданд ва одамҳо ҳам хубанд.

Барои гузаштан аз деҳа вай сӣ дақиқа вақт дорад. Тай кардани чор километр роҳи регӣ дар як соат кори чандон осон нест. Ва ҳатто на барои он ки пойҳо ғӯтида андармон мешаванд, балки барои кӯшишҳои нодаркоре, ки ҳангоми қадам гузоштан анҷом додан лозим мешавад. Ва вақте

медавӣ боз ҳам бештар кувваро беҳуда сарф мекунӣ. Бо қадамҳои калон-калон равӣ аз ҳама беҳтар аст. Вале, рег қувваро ҷабида гирифта, гӯё ба ҷойи мукофот барои ин садои қадаммониро фурӯ мебарад. Ҳаракат кардан бе тарси шунидани овози қадаммонӣ, то ҷое бартарияти худро дорад. Бале, маҳз бартарият аст.

Ба пеши поят нигоҳ кун!.. Афтидан даҳшатнок нест, вале ба ягон пастию баландӣ пешпо хӯрда, зонуятро маиб мекунӣ. Фақат зонуятро лат диҳӣ, боке не, вале агар ногаҳон ба ҷуқурии нави регӣ афтида монӣ, он гоҳ чӣ хоҳад шуд?!

Гирду атроф торикӣ ҳукмфармост. То андозае чашмон мебинанд – мавҷҳои бетартибона шахшудаи регҳо. Мавҷҳои бузург аз тарафи мавҷҳои хурдтар чок-чок карда шудаанд, онҳо бошанд дар навбати худ гӯё бо мавҷҳои нозук фаро гирифта шудаанд. Чароғҳои деҳа, ки бояд ҳамчун аломат хизмат мекарданд, дар паси теғаҳои ин мавҷҳои беохир пинҳон шуда буданд ва бинобар ин, беихтиёрона самти дурустро интихоб мекард. Вале ҳар дафъа маълум мешуд, ки ба хатогии калон роҳ дода шудааст. Эҳтимол барои он бошад, ки кӯшиши пайдо кардани ин чароғҳо бидуни фикр кардан маҷбур месохт, ки ҷойҳои баландро ҷустуҷӯ намояд.

Ана боз, роҳро гум кард! Чаптар рафтан даркор!.. Агар ҳамин хел каме боз пеш мерафт, рост ба деҳа мебаромад... Се хомаи бузурги регро паси сар кард, вале чароғҳо тамоман наздик нашуданд... аз афташ чарх зада истодаам... Арақ ба чашмон медарояд... Барои лаҳзае истода, нағзакак нафаси озод кашидан зарур аст..

Эҳтимол зан аллакай бедор шуда бошад...Баъди он, ки чашмонашро кушода маро надидааст, чӣ фикр карда бошад?.. Гумон аст, ки дарҳол фаҳмида бошад... шояд

фикр карда бошад, ки ман бо ҳоҷате ба паси хона рафта бошам... Имрӯз зан хаста шуда буд... Аз он ки то торикӣ хобидааст, ҳайрон шуда, саросемавор аз зери курпа берун баромад... Тани вай, ки бӯсаҳоро ҳанӯз фаромӯш накарда буд, он чизеро, ки имрӯз субҳ байни онҳо шуда буд, ба хотир овард... Зан бо дастонаш чароғро пайдо кард ва эҳтимол ин лаҳза табассум намуд.

Ба ҳар сурат ягон сабабе вуҷуд надорад ки вай худро барои табассуми зан ӯҳдадор ва масъул ҳисоб намояд. Бо ғайб задани вай зан чиро аз даст медиҳад? Фақат як порчаи ночизи ҳаётро. Радио ва оина маро иваз мекунанд.

"Шумо барои ман кумаки бузург ҳастед... Аз ҳамон лаҳзае, ки ман акнун танҳо нестам, ҳама чиз тағйир ёфт. Субҳгоҳон ман метавонам оромона, бе саросемагӣ ба корҳои худ машғул шавам ва муяссар мегардад, ки корро ду соат пештар анҷом бидиҳем... Ман фикр мекунам, ки дар оянда метавонам аз артел хоҳиш намоям, то бароям кори иловагӣ диҳанд, то ки дар хона анҷом диҳам... Каме пул ҷамъ мекунам... Ва шояд, ниҳоят радио, оина ва ё ягон чизи дигар бихарам..." Радио ва оина... Ким-чӣ хел ғояи фаромӯшнашаванда – гӯё тамоми умри одам аз ҳамин ду чиз иборат бошад. Бале, радио ва оина ҳақиқатан ҳам ким-чизи умумӣ доранд: онҳо одамонро ба ҳам мепайванданд. Имкон дорад, онҳо хоҳиши сӯзони ворид шудан ба моҳияти ҳастии одамро инъикос намоянд. Майлаш, ҳамин ки аз ин ҷо раҳо ёфтам, дарҳол радио мехарам ва барояш мефиристам. Тамоми пулҳои худро сарф мекунам, вале барояш беҳтарин радиоро мехарам.

Дар хусуси оина бошад, – намедонам, ваъда додан зарур аст ё не. Оина дар ин ҷо тез хароб мешавад...Баъди ним сол сири оина мехезад, баъди як сол бошад, аз

таъсири реге, ки ҳамеша дар ҳаво парвоз дорад, рангаш хира мешавад... Ба мисли оинае, ки ҳозир дар хонаи зан ҳаст: агар дар он чашмро бинӣ, биниро намебинӣ, агар биниро бинӣ, ҳатман даҳонро намебинӣ. Не, гап дар бораи танҳо он  нест, ки оина тез хароб мегардад. Оина аз радио фарқ мекунад: барои он ки оина воситаи алоқа гардад, пеш аз ҳама одамро зарур аст, ки ба он нигоҳ кунад. Акнун аз оина чӣ фоида аст, агар онро касе намебинад?

Исто, бояд диққат дода, гӯш андохтан зарур аст!.. Аз чӣ бошад, ки вай аз ҳад зиёд вақт ба эҳтиёҷоти худ машғул аст...  Шояд?... Аз чӣ бошад, ки аз ҳад зиёд вақт ба эҳтиёҷоти худ машғул аст...  Шояд?... Оҳ фиребгар, фирор кард... Аҷоиб аст, оё вай шуру ғавғо бардошта бошад?.. Вай ҳайрон аст ё рӯҳафтода шудааст?.. Ва шояд ҳам бо овози паст гиря мекунад?.. Майлаш, ҳар коре, ки анун зан мекунад, дигар он мушкилоти ӯ нест... Охир худаш эътироф кардани оинаро дар зиндагӣ рад карда буд.

– Ман дар ин бора дар куҷое хонда будам... Ҳоло гӯё бисёр вақт хонаро тарк мекунанд?.. Ин, ба фикри ман аз он ҷиҳат аст, ки зиндагӣ хеле сангин аст ва шояд на танҳо барои ин... Барои мисол дар он ҷо дар бораи яке аз оилаҳои деҳкони на он қадар камбағал навишта буданд. Онҳо барои худ замин харида буданд, ҳам соҳиби якчанд мошин шуданд ва кори  хоҷагиро низ, аз афташ, хуб пеш мебурданд, вале писари калонӣ ба ин ҳама пешравӣ нигоҳ накарда, аз хона рафт.  Вай ҷавони хуб ва коргар буд. Волидайн ҳайрон буданд ва намедонистанд, ки чаро вай ногаҳон хонаро тарк кард? Дар деҳа одамон масъулияти худро хуб дарк мекунанд ва дар бораи он фикр мекунанд, ки номи неки худро нигоҳ доранд. Бинобар ин, бояд, бешубҳа, сабабҳои махсусе вуҷуд дошта бошанд, ки ворисi оила аз хона равад...

– Бале, албатта... Ӯҳдадорӣ, ӯҳдадорӣ аст...

– Вале, гӯё касе аз наздикон ҷавонро пайдо карда, кӯшиш намудааст фаҳмад, ки ӯ чаро ин корро кардааст. Маълум шуд, ки вай бо зане фирор накардааст, вайро аз хона на моҷарои ошиқӣ, на қарзҳо пеш накардаанд, – дар маҷмуъ ягон сабаби махсус вуҷуд надошт. Дар ин сурат, сабаб дар чист?.. Он чизе, ки ҷавон гуфт, ягон маъно надорад. Худи ӯ ҳам намедонист чӣ гуна ин рафтори худро шарҳ диҳад, танҳо гуфт, ки дигар тоқат карда наметавонист.

– Рост аст, охир дар дунё одамони кундфаҳм вомехӯранд...

– Вале агар фикр кунед, ин ҷавонро фаҳмидан мумкин аст. Масалан, деҳқон чӣ гуна шахс аст? Бо тамоми қувва кор кардану, замини худро васеъ намудан, фақат кори худро зиёд мекунад... Ҳудуди меҳнати вазнини вай вуҷуд надорад ва ягона чизе, ки ӯ ба даст меорад, ин меҳнат ва боз ҳам вазнинтар аз пешина мебошад... Рост аст, ки дар баробари меҳнат ба деҳқон ҳосили биринҷ ва картошка бармегардад. Ба вай боз чӣ даркор? Бо кори деҳқон кашмакашии мо бо регро муқоиса кардан мумкин нест. Охир ин, дар ҳама ҳолат баробар ба он аст, ки дар дарёи ҷаҳаннам дарғоти сангин бисози ва иблисҳо ба он санг партоянд.

– Натиҷаи таърихи ин дарё бо чӣ анҷом меёбад?

– Бе ҳеҷ чиз... ҷазо барои гуноҳҳо маҳз аз ин иборат аст!

– Баъд бо ин ҷавоне, ки бояд вориси оила мегашт, чӣ шуд?

– Ӯ қаблан ҳама чизро фикр карда баромада буд ва эҳтимол то он вақте ки аз хона биравад, ба кор дохил шуда буд.

– Хайр чӣ?

– Чизе не, корро идома дод.

– Баъд чӣ шуд?

– Баъд? Дар рӯзҳои маош, эҳтимол, ҳаққи меҳнаташро мегирифту рӯзҳои якшанбе куртаи тозаю озодаро ба бар карда, ба кино мерафт.

– Сонӣ чӣ?

– Чизе гуфтан мушкил аст, аз худи ҷавон пурсидан лозим аст.

– Вале вақте вай пул ҷамъ кард, эҳтимол барои худ радио харид...

... Ана, ниҳоят ба боло баромад. Ҳол он ки ин мумкин фақат ними роҳ бошад. Не, хато кард... Ин ҷо аллакай ҷойи ҳамвор аст... Бале, вале чароғҳо ба куҷо ғайб заданд?.. Вай бе ягон боварӣ роҳро идома дод... Ба назар намуд, ки ин қуллаи хомаи бузурги рег аст... Пас чаро аз ин ҷо чароғҳо намудор нестанд? Баробари пайдо шудани андеша дар бораи он ки бадбахтӣ ба амал омадааст, пойҳояш бемадор шуданд. Танбалӣ кард – ана ин ҷазояш. Самти аниқи ҳаракатро надониста, бо нишебии тез фаромад. Ҷарӣ аз он чӣ вай тахмин карда буд, калонтар будааст. Он танҳо чуқур не, балки васеъ ҳам будааст. Илова бар ин, мавҷҳои чандқабатаи рег бетартиб болои ҳам буданд ва барои интихоби самти дуруст халал мерасониданд. Вале, ба ҳар сурат, ба ҳеҷ ваҷҳ дарк карда намешуд, ки чаро чароғҳо дида намешаванд... Агар роҳгум зада бошад ҳам, на бештар аз ним километр ба ин ё он тараф. Дар ин муҳлат ӯро ҳамеша ба тарафи чап мекашид, эҳтимол барои он бошад, ки вай аз деҳа метарсид. Вай ҳис мекард: барои он ки ба чароғҳо наздик шавад, бояд кӯшиш кунад, то ки ба тарафи рост равад... Ба наздикӣ туман пароканда шуда, ситораҳо намудор мешаванд... Дар маҷмӯъ, дар ҳама ҳолат, роҳи

хубтар ва тезтари аз назар гузаронидани гирду атроф баромадан ба хомаи рег мебошад, муҳим нест ба кадомаш, аз ҳама баландтар бошад, басанда аст...

Ба ҳар сурат нофаҳмо аст... Тамоман нофаҳмо аст, ки чаро зан ба дарёи ҷаҳаннам ин қадар шавқу рағбат дорад... Охир суҳбатҳо дар бораи муҳаббат ба ватан, оид ба ӯҳдадорӣ танҳо дар он лаҳзаҳое маънӣ доранд, ки дар сурати аз онҳо даст кашидан ё инкор кардан, чизеро аз даст медиҳӣ. Дар ин маврид зан чиро аз даст медиҳад?

(Радио ва оина... Радио ва оина...)

Радио , албатта, ман ба ӯ мефиристам...Вале ин амал ба натиҷаҳои баръакс оварда намерасонад оё вай аз он чӣ, ки ба даст овардааст, бештар гум накардааст? Барои мисол, маросими омодасозӣ барои шустушӯ, ки вай ниҳоят дӯст медошт, тамом шуд. Ҳатто бар зарари кори либосшӯияш, барои он ки ман дасту рӯямро шӯям, бароям об мемонд. Бо оби гарм ба байни пойҳоямро об мепошид ва печутоб хӯрда гӯё ӯро оббозӣ медоронда бошанд, баланд-баланд механдид. Акнун вай эҳтимол дигар чунин намехандад.

Не, хаёли хомро аз сарат дур кун...Дар байни ману ту аз оғоз ягон гуна созишнома набуд. Ва агар созишнома вуҷуд надошт, вайрон кардани талаботи шартнома ҳам вуҷуд надорад. Ба ғайр аз ин, гуфтан мумкин нест, ки ин кор ба худи ман ҳам таъсир накардааст. Масалан, бӯйи арақи арзони гӯё нав аз ахлот ҷабидашуда, ки ҳафтае як бор дастрас карда мешуд... ронҳои сахт ва аз мушакҳои таранг бофташудаи ту... ҳиссиёти шарм, вақте ки тавассути ангушти бо оби даҳон таркардашуда реги ба мисли резин часпидаро ҷудо мекардам. Ва табассуми  шаргинонаи ту ҳамаи инро боз ҳам беадабонатар нишон медод... Ва боз чизҳои зиёди дигар. Агар ҳамаи инро якҷоя ҳисоб кунем, хело бисёр мешавад.

Бовар мекунӣ ё не, вале далелу арқом боқӣ мемонад. Мард аз зан дида, ба чизҳои майда чуйда бештар аҳамият медиҳад.

Агар ба хотир оварда шавад, ки деҳа ба ман чӣ кард, дар ин сурат зарари ба ман расонидаро ҳатто ҳисоб карда наметавад. Дар муқоиса ба ин, алоқаҳои ман бо зан – як чизи ночиз аст.

Вале дер ё зуд ба онҳо барои тамоми корҳояшон ҷавоби сазовор хоҳад дод... Вай, албатта, алҳол намедонад чӣ гуна зарба занад, ки аз ҳад зиёд дардовартар бошад... Шояд деҳаро оташ занад ё чоҳро заҳролуд намояд ё дом андохта, тамоми онҳоеро, ки дар зиндонӣ будани вай гунаҳгоранд, як-як ба чоҳҳои регӣ партояд, бо ин роҳ худро рӯҳбаланд мекард. Вале акнун, ки ба вай имконият пайдо шудааст нақшаи худро амалӣ намояд, ӯ наметавонист ба ин орзуҳои бачагона дода шавад. Илова бар ин, як одам чӣ кор карда метавонад? Роҳи дигаре ба ҷуз муроҷиат кардан ба қонун вуҷуд надорад. Вале дар ин ҳолат ҳавфи он ки қонун дар ҳолате қарор хоҳад гирифт, ки тамоми золимии ҳодисаи ба амаломадаро дарк карда натавонад... Ҳеҷ гап не, вақтро аз даст надода дар мадди аввал дар бораи ҳамаи ин ақаллан ба полиси маҳаллӣ хабар медиҳад.

Бале, дар ниҳоят, як чизи дигар ҳам буд...

Исто! Ин чӣ овоз аст?.. Не, ҳама ҷо ором аст... Шояд, ҳамин хел ба назар намуд. Вале ба ҳар сурат чароғҳои деҳа ба куҷо ғайб заданд? Ҳатто агар онҳо аз паси хомаҳои баланди рег дида нашаванд, ҳам ин бисёр ҳам даҳшатнок аст. Метавон тасаввур кард, ки чӣ ҳодиса рух дод: одати пешинаи ман ба тарафи чап гаштан, маро аз ҳад зиёд ба тарафи димоға бурд ва акнун деҳаро ким-кадом шухи баланд пӯшонидааст.... Ҳаял кардан нашояд... Тасмим гирифтам. Кӯшиш мекунам ба тарафи рост равам.

...Ва, ниҳоят, намехоҳам, ки ту боз як чизи дигарро фаромӯш кунӣ. Дар ёд дорӣ, ту ба саволи ман ҷавоб надода будӣ. Он вақт ду рӯз пайдарҳам борон борид. Вақте борон меборад, хатари поён фаромадани рег ба миён меояд, вале рег дар ин вақт тамоман парвоз намекунад. Дар рӯзи якум аз рӯзҳои маъмулӣ бештар кор кардем, барои ҳамин рӯзи дигар тавонистем истироҳат кунем. Ман қарор додам, ки истироҳати деринтизорро барои муайян намудани ҳақиқат сарф намоям. Якравона, ба мисли аз бадан кандани захми карахтшуда, қарор додам ба ҳар роҳе набошад, фаҳмам, ки чаро ту ба ин ҷуқурӣ асир афтодӣ. Ман худам ҳам ба якравии хеш дар ҳайрат мондам. Дар аввал ту бадани урёни худро бо хандаю карашма ба таги ҷараёни борон гузоштӣ, вале дар охир, вақте ки маҷбур будӣ ҷавоб бидиҳӣ, гиря кардӣ. Ва гуфтӣ, ки танҳо барои он аз ин ҷо рафта наметавонӣ, ки дар ин ҷо дар вақти тӯфон шавҳар ва кӯдакат якҷоя бо мурғхона ба зери рег монда, ҳалок шуданд. Агар чунин мебуд, туро ҳақиқатан ҳам фаҳмидан мумкин буд. Сабаб ба ҳақиқат монанд аст ва маълум мешуд, ки чаро то ин вақт дар ин бора гап задан намехостӣ. Ман мехостам ба ин бовар кунам. Ва рӯзи дигар ман қарор додам аз ҳисоби хоб вақт ҷудо намуда, ба ҷустуҷӯи ҳалокшудагон машғул шавам.

Ду рӯз ман ҷойи нишондодаро кандам. Ман на танҳо ягон мурдаро пайдо накардам, ҳатто нишонае аз мурғхонаи вайроншуда дида нашуд. Он вақт ту ҷойи дигарро нишон додӣ. Вале дар он ҷо ҳам ман ягон чиз наёфтам. Ту маро ба ҷойҳои нав ба нав меовардӣ. Дар панҷ ҷойҳои гунонгун дар муддати даҳ рӯз кофтуковҳои беҳуда идома ёфтанд. Ва он вақт боз омодаи гиря кардан, ту ба сафед кардани худ сар кардӣ. Ту гуфтӣ, ки шояд хона дар

ҷойи дигар истода буд ва фишори беисти рег онро аз ҷояш ҷунбониду ба тарафи дигар гардонид ва эҳтимол ҷуқурӣ ҷояшро иваз карда бошад. Шояд мурғхона, ҷасадҳои шавҳар ва кӯдакаш дар зери девори ғафси рег, ки аз хонаи ҳамсоя ҷудо мекунад, хобида бошанд ва ҳам имкон дорад онҳо акнун дар ҷуқурии  ҳамсоя бошанд. Аз лиҳози назариявӣ ин имкон дошт. Вале намуди бадбахт ва рӯҳафтодаи ту баръало нишон медод, ки ту на ба он андозае мехостӣ маро фиреб биҳӣ, ба андозае, ки аз аввал намехостӣ ҳақиқатро ошкор созӣ. Ҳалокшудагон бошанд, танҳо як ҳикояти бофтае беш набуд. Ман дигар қувваи ба қаҳр омаданро надоштам. Ва ман қарор додам, ки дар бораи кӣ дар пеши кӣ қарздор аст, фикр накунам. Ба назари ман, ту ҳам бояд инро мефаҳмидӣ...

Ин чӣ аст?! Мард бо ҳарос худро ба замин партофт... Ҳама кор ниҳоят тез ба амал омад, вай чизеро фаҳмида натавонист...Дар назди вай яку якбора деҳа пайдо шуд!.. Ӯ, аз афташ, рост ба қуллаи хомаи рег, ки ба деҳа наздик аст, рафта буд... Ва дар ин лаҳза, вақте ки дар пеши чашмонаш тамоми манзара кушода шуд, вай дид, ки дар худи деҳа қарор дорад... Ҳоло ба худ наомада буд, ки дар наздаш аз паси чапарак садои аккоси саг баромад. Баъд саги дуюм ҳамроҳ шуд ва ҳамин тариқ, тамоми сагҳо ҳамовозӣ карданд. Дар торикистон бо дандонҳои гиз тӯдаи сагон ба ҷониби вай меомаданд. Ӯ бандро, ки ба он қайчиҳо баста буданд, бароварду давид. Вай интихоби дигар надошт. Ягона кор ё роҳе, ки барояш монда буд, ин бо кӯтоҳтарин роҳ аз дохили деҳа давида гузаштан буд.

Одам медавид. Хонаҳо бо чароғҳои хира, ки аз пешашон давида мегузашт, гоҳе ӯро роҳ медоданд ва гоҳе пеши роҳашро мегирифтанд. Маззаи шамол, ки бо мағал

ба сӯрохии танги гулӯ зада медаромад... Маззаи зангхӯрда... Барномаи хатарнок дар болои шишае, ки метавонад ҳамин лаҳза пора-пора шавад. Ниҳоят дер аст, барои он умедвор шавӣ, ки кашонандагони рег ҳанӯз аз хонаҳояшон набаромадаанд ва ниҳоят барвақт аст, ки фикр кунӣ, ки онҳо аллакай ба назди соҳил рафта расидаанд. Мошини боркаш гӯё ҳоло аз ин ҷо нагузаштааст. Ҳеҷ мумкин нест, ки вай ба тароқ-туруқи баланди ин мошин аҳамият надода бошад. Вазъият хеле бад аст.

Ногаҳон аз торикӣ кулӯлаи сиёҳе парида баромад. Назар ба баланд-баланд хур-хур карданаш эҳтимол саги калон бошад. Саг тавре ба назар мерасид, ки барои ҳамла кардан омӯзонида нашуда буд  ва пеш аз он ки чангол занад, баланд-баланд аккос зад. Мард бо банде, ки ба он қайчиҳо баста буданд, зад ва ба нишон расид. Бо вангоси нолишомез саг дар торикӣ пинҳон шуд. Хушбахтона, саг фақат порчаи шимашро канда буд. Вай як ҳаракати тезро анҷом дод, пойҳояш ба ҳам печиданду ӯ афтида ҷар шуд, вале ҳамоно аз ҷояш парида хесту ба пеш давид.

Маълум шуд, ки саг танҳо нест, онҳо панҷ ё шаш адад буданд. Аз ҳуҷуми нокоми саги аввал тарсида, бо овози баланд аккос зада, дар гирди вай давр мезаданду лаҳзаи қулай барои ҳамларо интизор буданд. Шояд ҳамон саги зард аз кулбаи вайрона аз қафо онҳоро тел-тел мекард. Бандро понҷоҳ сантиметр аз охир дуртар ба баст гирифта, бо тамоми қувва боло сараш чарх занондан гирифт. Бо ҳамин тариқ, вай аз худро сагҳо ҳимоя намуда, аз болои як туда гулмоҳиҳои шикаста хез зада гузашту аз гузаргоҳи танги байни чапаракҳо, ким-кадом ҳавлӣ, ки дар замини он кох хушк карда мешуд,  давида гузашт ва ниҳоят ба роҳи калон баромад. Бо каме роҳ монда буд ва деҳа тамом

мешавад! Қад-қади роҳ ҷӯйи обпарто дида мешавад. Ногаҳон аз даруни он ду кӯдак парида баромаданд – аз афташ бародар ва хоҳар. Вай онҳоро хеле дер дид. Бандро пас кашид, то ки қайчиҳо ба кӯдакон зарар нарасонанд, вале чизе ҳосил нашуд, ҳар сеи онҳо ба ҷӯйи обпарто парида рафтанд. .Дар дохили он новадон гузаронида шудааст.Садои шикастани дарахт ба гӯш расид. Кӯдакон фиғон бардоштанд... Шайтонҳо, чаро онҳо ин қадар дод мезананд? Бо ҳама қувва вай онҳоро тела дода, баромад. Ва дар ҳамин лаҳза нурҳои чароғҳои кисагӣ, се адад дар як қатор пеши роҳашро гирифтанд.

Зангула садо дод. Бачаҳо баланд гиря мекарданд... Сагҳо аккосзании худро давом медоданд... Аз ҳар зарбаи зангӯла дил бо дард фишурда мешуд. Ҳашаротҳои бешумор ба мисли донаҳои биринҷ аз хонаҳои ошкоршуда ба берун баромаданд. Яке аз чароғҳои кисагӣ, аз афташ, асбоби танзими рӯшноӣ дошт, зеро нурҳояш ё пароканадаю паҳн мешуданд ё ба мисли сӯзани борики тафсон сих мекарданд. Мустақим ба онҳо ҳамла карда, шаттакориашон кунам, ё? Агар тавонад қаторро рахна кунад, вай аллакай аз деҳа берун хоҳад шуд... Барояш лозим меояд, ки аз кардааш пушаймон шавад ё не – ҳамааш аз ҳамин дақиқа вобаста аст... Ҳаял кардан бас аст, охир!.. Вагарна дер мешавад... боз ками дигар ва таъқибкунандагон метавонанд аз қафо пайдо шаванд – он гоҳ ҳамааш тамом мешавад!

Дар вақте ки вай дудила буд, чароғҳо ба иҳота кардани ӯ сар карданд, аз чап ва рост наздик шуда, масофаро торафт камтар мекарданд. Мард бандро сахт зер кард, мушакҳояш таранг мешуданд, вале ба як қарор омада наметавонист. Ҷӯробҳои пой ба замини мулоим медаромаданд. Фазои зиёдшуда байни чароғҳо бо сояҳои

одамон пур мегардид. Онҳо чанд нафаранд? Дар кунҷи роҳ бошад, чизе аз рӯи шаклаш ба ҷарӣ монанд, намудор гардид – не охир, мошини боркаш. Агар вай рахна зада барояд ҳам, аз қафо дошта мегиранд. Дар пушти сараш вай садои давида рафтани кӯдаконро шунид – онҳо дигар гиря намекарданд. Ба сараш фикри хатарнок омад. Онҳоро дошта гираду ҳамчун сипар истифода барад! Вале вақте баргашт, то ки онҳоро дошта гирад, чароғҳои наверо дид, ки ӯро таъқиб мекарданд. Роҳи фирор баста шуда буд!

Ба мисли пружинаи кушодашуда, ба қафо шитофт, бо тамоми қувва бо ҳамон роҳе, ки ба ин ҷо омада буд, давида рафт. Вай ин корро қариб бешуурона анҷом медод, умедвор буд ҷоеро пайдо намояд, ки хомаи региро паси сар кунад. Бо доду фарёд гӯё аз паси вай тамоми деҳа медавиданд. Аз шиддати аз ҳад зиёд пойҳо заиф шуда буданд, гӯё аз онҳо рагҳоро баровардаанд. Вале, шояд барои он ки таъқибкунандагони вай дар ғафлат монда буданд, барояш муяссар гардид, ки дар байнашон масофаи муайянро нигоҳ дорад ва имкон пайдо намояд, то баргашта ба қафо нигоҳ кунад.

Ӯ чӣ кадар роҳро тай намуд?.. Аллакай якчанд хомаи регро паси сар кард. Ва ҳар қадар, ки қувваи зиёдро сарф мекард, ҳамон қадар ба назараш менамуд, ки ҳамаи ин беҳуда аст ва ба мисли хоб дар ҷояш давида истодааст. Вале ҳозир вақти андеша рондан дар бораи он нест, ки вай то чӣ андоза неруяшро босамар истифода мебарад. Дар даҳонаш маззаи хун омехта бо асал пайдо шуд. Хост туф кунад, вале оби даҳон часпак буд ва ҳеҷ не ки туф карда шавад. Маҷбур шуд бо ангуштонаш тоза намояд.

Зангӯла ҳамоно садо медод, вале то вай роҳ аллакай дур буд ва баъзе вақтҳо садо тамоман нопадид мешуд.

Сагҳо ҳам қафо монданд ва садояшон аз дуриҳо шунида мешуд. Фақат садои нафаскашии худаш, ки ғиҷирроси сӯян ба оҳанро ба ёд меовард, ба гӯш мерасид. Чароғҳои таъқибкунандагон – ҳамагӣ се адад – чун пештара ба таври васеъ чун занҷир ҷойгир шуда, чароғҳоро ба болою поён давр мезанониданд. Ҳам ба фирорӣ ва ҳам ба онҳо, ки аз паси вай таъқиб мекарданд, давидан як хел мушкил буд. Акнун касе ғалаба хоҳад кард, ки то дер боз тоқат карда тавонад. Вале ин тасаллӣ дода наметавонад. Шояд аз шиддати аз ҳад зиёд ва тӯлонӣ ирода каме шикаста шудаю, сустӣ номаълум наздик гаштааст у хоҳиши он ки қувва ҳарчи тезтар вайро тарк кунад, пайдо шуда бошад. Нишонаи хатарнок... Вале, алҳол, ки ӯ ин хатарро дарк мекунад, яъне умед ҳаст...

Пойафзолҳо пур аз реганд, ангуштҳо дард мекунанд... Таъқибкунандагон каме росттар ба андозаи ҳафтод-ҳаштод метр қафо мондаанд. Барои чӣ онҳо роҳро гум карда, ба тарафи дигар рафтанд? Эҳтимол кӯшиш карданд, ки баландиҳоро сарфи назар намоянд, бинобар ин, чунин шуд. Ба назар чунин мерасад, ки онҳо ниҳоят монда шудаанд... Мегӯянд, ки таъқибкунанда тезтар монда мешавад. Мард даррав пойҳояшро кашида, пойи луч ба пеш давид... Агар пойафзолро ба киса андозӣ, халал мерасонанд, ӯ онҳоро ба даруни камарбанд андохт. Каме дам гирифта, дар як лаҳза баландии ниҳоят мушкилро паси сар кард. Агар кор чунини рафтан гирад, вай метавонад аз ин нобакорон гурезад...

Моҳтоб алҳол набаромада буд, вале рӯшноии ситораҳо ҳама гирду атрофро бо доғҳои сиёҳу сафед рангоранг карда буд ва хомаҳои реги дури теғадор аллакай фарқ карда мешуданд. Вай гӯё ба тарафи халиҷ медавид.

Боз чанбар ба тарафи чап кашола карда истодааст. Акнун мехост самтро иваз намояд, ки ногаҳон дарк намуд, ки бо ин масофа байни худ ва таъқибкунандагонро кам мекунад. Ҳамон лаҳза нақшаи онҳоро фаҳмид ва ба ҳарос афтод.

Бале, дар нигоҳи аввал роҳи ноӯҳдабароёна интихобкардаи онҳо дар асл нағзакак ба нақша гирифта шудааст: онҳо кӯшиш карданд ӯро дар назди баҳр танг карда, бигиранд. Аз он ки вай ҳама вақт дар дасти онҳо буд, тамоман намедонист. Андеша карда фаҳмид, чароғҳои дастӣ барои он хизмат мекарданд, то ба вай нишон диҳанд, ки онҳо дар куҷоянд. Яъне он ки на наздик меоянду на дур мешаванд ва ҳамеша дар як масофа қарор доранд, беҳуда набудааст.

Не, таслим шудан ҳоло барвақт аст. Барои баромадан ба шуххо бояд дар ин ҷо роҳе бошад ва агар илоҷи дигар набошад, аз тариқи баҳр аз пеши димоға шино карда гузаштан мумкин аст. Бояд ҳама гуна дудилагиро як тараф гузоштан даркор – фақат тасаввур кардан даркор аст, ки чӣ гуна ӯро боздошт карда, боз ба ҷуқурӣ меандозанд.

Дар паси баландии дарози нишебдор нишебии рост фуромада буд... Дар паси баландии рост баромада – нишебии рост фуромада... Қадам, боз қадам – аниқ шаддаҳо яке аз паси дигар қатор мешаванд – санҷиши сабру таҳаммул. Барои лаҳзае зангӯла хомӯш шуд. Муайян кардан имкон надошт, ки вай чиро шунида истодааст: ғурриши бод, шавшуви баҳр ё ин ки ин танҳо садо дар гӯшҳост. Ба яке аз хомаҳои рег баромада, ба қафо нигоҳ кард. Чароғҳои таъқибкунандагон нопадид гаштанд. Каме интизор шуд – пайдо нашуда истодаанд.

Хуб аст. Наход аз онҳо фирор кардан бароям муяссар шуда бошад?

Шуълаи умед маҷбур кард, ки таппиши дил бештар гардад. Агар ин воқеият бошад, дар ин сурат истироҳат кардан умуман мумкин нест... Боз як бори дигар нафасро рост карда, ба пеш, ба хомаи реги дигар ҳаракат мекунем!

Вале аз чӣ бошад, ки давидан хеле мушкил аст. Пойҳо вазнин шуданд. Ва ин вазнинӣ ким-чӣ хел ғайриоддӣ аст. Ӯ онро на танҳо ҳис мекард – пойҳо дар ҳақиқат ба дохили рег фурӯ рафтанд. Аниқ барф аст, фикр кард вай, вақте пойҳо то ними соқи по аллакай дар даруни рег буданд. Аз шиддати тарс вай кӯшиш кард, ки як пояшро кашида барорад, вале дигараш то соқӣ по дармонд. Ин чӣ аст? Ӯ шунида буд, гӯе регҳое вуҷуд доранд, ки одамро фурӯ мебаранд... Бо тамоми қувва кӯшиш мекард, ки аз он берун барояд, вале ҳар қадаре зиёдтар зӯр мезад, ҳамон қадар чуқуртар мефаромад. Пойҳо аллакай то ронҳояш фурӯ рафта буданд.

Шояд ин фақат як дом бошад?! Онҳо вайро на ба тарафи баҳр, балки маҳз ба ин ҷо ҳай карда даров围данд!.. Онҳо мехоҳанд ӯро аз байн баранд ва барои дошта гирифтани вай вақт сарф накунанд!.. Ин нобуд кардани ҳақиқӣ ба шумор меравад... Найрангбоз бо рӯймолчаи худ наметавонист аз ин тозатар кореро анҷом диҳад... Боз каме шиддати шамол ва батамом ба зери рег меравад... Ва он вақт ӯро ҳатто саги пулис, ки дар озмун мукофоти аввалро гирифтааст, ёфта наметавонад... Ин нобакорон акнун аниқ худро дар ин ҷо нишон намедиҳанд!.. Онҳо чизеро надидаанд ва чизеро нашунидаанд... Ким-кадом аҳмақ, ки аз одамони маҳаллӣ нест, роҳро гум карда, гум шудааст... Ва тамом, нобакорон тавре кор мекунанд, ки дасту остинашонро доғдор наменамоянд.

Ғарқ шуда истодаам... Ғарқ шуда истодаам... Аллакай то миён дар даруни регам... Чӣ бояд кард? Агар имкони

зиёд кардани масоҳати ба ҳам наздик шудан бо рег ба даст ояд, фишори бадан дар ҳар як нуқта кам мешавад, – эҳтимол ӯ дигар поён наравад... Дастонашро ба ду тараф карда, аз тарафи сина ба болои рег хам шуд... Вале аллакай дер шуда буд. Бо вуҷуди он ки вай бо шикам хобида буд, қисмати поёнии бадан дар ҳолати амудӣ шах шуда буд. Миёнаш дард мекард ва ӯ аллакай дигар наметавонист дар ҳолати қатшуда ва кунҷи рост истад. Ва дилхоҳ кас, ҳатто варзишгари машқдида наметавонад чунин ҳолатро дуру дароз таҳаммул кунад.

Чӣ қадар торик аст... Тамоми олам чашмашро пӯшидаю гӯшҳояшро маҳкам кардааст. Дар ин ҷо мурда меравию ҳатто касе ба тарафи ту нигоҳ намекунад. Ҳаросе, ки куҷое дар гулӯ пинҳон шуда буд, ногаҳон ба берун зада баромад. Мард даҳонашро кушоду ба мисли ҳайвон нолиш кард:

Ёрӣ диҳед!..

Ибораи забонзадшуда!... Бигузор забонзадшуда бошад... Дар дами ҳалокат – вақти суханпардозӣ нест. Дар ҳама ҳолат зинда мондан зарур аст, – ҳатто агар зиндагии ту як ба як ба зиндагии дигарон монанд бошад, ба мисли кулчақанди арзоне, ки дар як шакл пухта шудааст! Ба наздикӣ рег то сина, то таги манаҳ ва нӯги бинӣ мерасад... Дигар қувваю тоқат намонд!

Ёрӣ диҳед!.. Ҳар чизе, ки хоҳед ваъда медиҳам!.. Зораю тавалло мекунам, ёрӣ диҳед!.. Тавалло мекунам!

Мард тоқат накард. Дар ибтидо вай танҳо ҳиқ-ҳиқ кард, вале баъд бо фиғон гиря кард. Вай бо даҳшат дарк кард, ки ҳамааш аз байн рафт. Акнун фарқ надорад – касе ӯро намебинад... Афсӯс, албатта, ки ҳамаи ин бе ба ҷо овардани расмиёти барои ин гуна маросимҳо зарур мегузарад... Вақте

маҳкумшуда ба марг мемурад, он метавонад ба наздиқонаш навиштаҷоте гузорад... Дар ин ҷо ҳар қадар фарёд накунӣ, касе ба ту аҳамият намедиҳад. Ин бад аст!

Вақте ногаҳон аз қафо овозҳо шунида шуданд, ӯ ҳатто он қадар ҳайрон ҳам нашуд. Вай мағлуб шуда буд. Ҳисси шарм паси сар шуда, ба мисли қаноти сӯзанак, ки ба он оташро наздик овардаанд, сӯхта хокистар шуда буд.

– Ҳой, инро доред!

– Ба поён тахтаи дарозе лағжида, ба паҳлуяш омада зад. Нури рӯшноӣ дар торикӣ доираро нақш кашида, тахтаро равшанӣ кард. Мард бо душворӣ бадани шахшудаи худро ба он тарафе, ки аз он ҷо овозҳо шунида шуда буданд, гардонид ва ғамангезона хоҳиш кард:

– Бубахшед, шояд, шумо маро бо ин банд кашида мебароред...

– Не охир, шумо ку кундаи дарахт нестед, ки шуморо решакоб кунем...

Нафарони қафо хандиданд. Аниқ муайян карда намешавад, вале онҳо панҷ-шаш нафар буданд.

- Каме дигар тоқат кунед, барои овардани бел рафтанд. Дастатон ба тахта такя кунед, ҳамааш хуб мешавад...

– Тавре ба вай машварат доданд, оринҷҳояшро ба тахта такя доду сарашро ба кафҳои дастонаш поин кард. Мӯйҳо аз арақи бадан тар шуда буданд. Вай чизеро ҳис намекард, фақат мехост ҳарчи зудтар аз ин ҳолати залилӣ бароях.

– Медонед, чӣ... Толеатон баландӣ кард, ки мо аз қафои шумо давида омадем. Ин ҷо чунин ботлоқе ҳаст, ки ҳатто сагҳо ба ин ҷо наздик намешаванд... Шумо бо хатари калоне рӯ ба рӯ шудед... Ҳатто намедонам, чӣ кадар одамон

аз чизе гумонбар нашуда, ба ин омаданд ва дигар барнагаштанд... Ин ҷо дар паси куҳҳо ҷойи орому шамолпаҳ аст, барои ҳамин рег ғун мешавад...

– Вақте зимистон меояд, барф мерезад... Ба болои он боз рег... Баъд боз барф, ҳамин тариқ сад сол – ба мисли нони кандини тунуки варақини нопухта боқӣ мемонад. Дар бораи ин ба мо писари собиқ раиси артел, ки барои хондан ба шаҳр рафт, гуфта буд... Шавқовар аст, ҳамин хел не?.. Агар то охираш канда барой, шояд ягон чизи арзишманде пайдо шавад.

Барои чӣ вай чунин мегӯяд? Ин гапҳоро бо чунин афту андоме мегӯяд, ки гӯё худаш тоза ҳасту ягон гуноҳе надорад. Метавонад ин ҳарзафурӯшии худро бас кунад... Аз ҳама беҳтараш ҳозир ришхандӣ кардан аст... Ё ин ки бигузор равад ва ӯро бо умедҳо барбодрафтааш танҳо бимонад.

Кадом як ҷунбише ба назар расид, маълум шуд, ки белҳоро оварданд. Се мард таги тахтаро маҳкам карда, бо мушкилӣ тавозунро нигоҳ доштанд ва дар масофаи муайян ба кандани реги гирди он шуруъ намуданд. Қабат ба қабат. Ҳам орзу, ҳам шармандагӣ ва ҳам ноумедӣ – ҳамаи инҳо дар зери ҳамин рег гур карда шуданд. Ва ӯ ҳатто таaҷҷуб ҳам накард, вақте аз китфонаш бардоштанд. Агар онҳо фармон медоданд, у метавонист шимашро поён карда, дар пеши чашмони онҳо қазои ҳоҷатро анҷом медод. Ҳаво равшан шуд – ҳозир шояд моҳ барояд. Бо чӣ гуна чеҳра зан ӯро пешвоз мегирифта бошад?.. Фарқ надорад бо кадом.. Акнун ӯро метавонанд ҷазо диҳанд – вай бояд тоқат кунад.

Мардро аз зери бағалаш бо банд бастанду чун халта боз ба чоҳ фароварданд. Ягон кас сухане нагуфт. Чунин ба назар мерасид, ки онҳо дар гӯронидани вай иштирок карда

истодаанд. Чоҳ чуқур ва торик аст. Нури моҳ ба хомаҳои рег шоҳии маҳини дурахшон кашид; нақшу нигоре, ки шамол кашида буд, ҳатто нишонаҳои пойро он ба қабатҳои шахшудаи шишаи ҷилодиҳанда мубаддал гардонид. Ва танҳо чоҳ, ки намехост ба ин манзара омехта шавад, ғутавар дар торикӣ монда буд. Вале ҳамаи ин мардро ҷалб намекард. Вақте ӯ сарашро бардошт ва ба моҳ нигоҳ кард, дафъатан дилбеҳузурӣ ва сарчархиро ҳис кард – вай мурданивор монда шуда буд.

Дар ин торикистон зан ба мисли доғи сиёҳ ба назар мерасид. Ӯ бо кумаки зан ба зӯр то ҷойгаҳ расид, вале аз чӣ бошад, занро надид. Ва натанҳо зан, ҳама гирду атроф ба мисли туман пароканда шуда буданд. Ҳатто вақте дар болои болин дароз кашида буд, вай ҳамоно дар болои рег медавид... Дар хобаш ҳам давиданашро идома медод. Хобаш ноором буд. Садои фаромадан ва боло шудани сабадҳо, аз дур ба гӯш расидани аккоси сагҳоро хуб дар ёд дорад. Фаҳмид, ки зан нимаи шаб баргашта буд, то ки ғизо хӯрад, барои ин чароғи дар назди болини вай бударо равшан кард. Вақте барои нӯшидани об аз ҷой бархест, вай батамом аз хоб бедор шуда буд. Барои он ки рафта ба зан ёрӣ расонад, ҳоло қувваю мадор надошт.

Ӯ чароғро даргиронда, сигор кашиду парешоҳолона ба ҳар тараф нигоҳ кард. Тортанаки ғафсак, вале ҷаққон дар гирди чароғ медавид. Агар он шаппарак мебуд, вай ҳайрон намешуд, вале тортанакро ба худ ҷалб кардани рӯшноӣ ин аҷоиб аст. Мехост онро бо сигор сӯзонад, вале аз фикраш гашт. Тортанак бо дақиқияти ақрабаки сония дар масофаи понздаҳ–бист сантиметр дар гирди чароғ давр мезад. Шояд онро на танҳо рӯшноӣ ба худ ҷалб мекард? Не, ӯ интизор буд ва ба мақсадаш расид, вақте ба назди

оташ парвона парида омад. Якчанд маротиба ба шишаи чароғ бархӯрд ва сояи вай калон дар арш нақш баст, баъд ба зерпояи оҳанин афтид ва дигар наҷунбид. Ким–чӣ хел шаппараки аҷоиб – ниҳоят нафратангез аст. Ӯ бо сигор онро пахш кард. Марказҳои асаб фалаҷ шуданд ва ҳашароти ҳоло печутоб хӯрдаистодаро ба он пайроҳае, ки тортанак давутоз дошт, партофт. Фоҷиае, ки пешбинӣ карда буд, рух дод.

Ҳамон лаҳза тортанак парида, ба шаппараки ҳанӯз ҷавон часпида гирифт. Баъд тортанак қурбонии мурдаи худро боз дар гирди чароғ чарх занонд. Эҳтимол, аз фикри он ки шаппараки ширадорро нӯши ҷон мекунад, ҳаловат мебарад.

Вай ҳатто намедонист, ки чунин тортанакҳо вуҷуд доранд. Чӣ гуна моҳирона метавон лампаро ба ҷойи торҳои тортанак истифода бурд. Агар тор мебофӣ, бояд интизор шавӣ, ки касе ба он афтад, бо кумаки ҷароғ бошад, метавонӣ худат қурбониро ҷалб намоӣ. Фақат сарчашмаи муносиби рӯшноӣ зарур аст. Дар табиат, мутаассифона онҳо вуҷуд надоранд. Моҳ ва сӯхтори ҷангалҳо гумон аст, ки мувофиқ бошанд. Имкон дорад, ин тортанак ягон намуди нав ба шумор меравад, ки баъди одам ба таври эволютсионӣ савқи табиии худро ба вуҷуд овардааст... Аз афташ, шарҳи бад нест... Вале чӣ гуна метавон фаҳмонид, ки рӯшноӣ парвонаҳоро ба худ ҷалб мекунад?.. Шаппарак ба мисли тортанак нест ва гумон аст, ки рӯшноии чароғ барои нигоҳ доштани ин намуд мусоидат намояд. Аммо ин зуҳурот ҳам вақте ба миён омад, ки рӯшноии сунъӣ пайдо шуд. Исботи ин фикр он шуда метавонад, ки шаппаракҳо ба шакли села ҷамъ нашуданду ба тарафи моҳ парвоз накарданд.

Боз ҳам фаҳмотар мешуд, агар чунин савқи табии фақат як намуди ҳашарот доро мебуд. Охир ин умумӣ барои ҳамаи парвонаҳост, ки шумораи онҳо даҳ ҳазор намудро ташкил медиҳад. Яъне ин ким–кадом қонуни муайяни тағйирнаёбанда мебошад. Қанотзании кур–курона, ва девонавор, ки аз рӯшноии сунъӣ ба амал меояд. Алоқаи пинҳонӣ байни рӯшноӣ, тортанакҳо ва шаппаракҳо... Агар қонун чунин тарзи беақлона пайдо шавад, пас ба чӣ чиз бовар кардан мумкин аст?

Мард чашмонашро пӯшид... Партавҳои хира шино карданд. Вақте ӯ барои доштани онҳо дасташро дароз кард, худро аз гӯша ба гӯшае мепартофтанд ва нопадид мешуданд... Аниқ ба мисли заррӯҳ дар болои рег...

Вай аз овози навҳа бедор шуд.

– Чаро гиря мекунӣ?

Зан, ки кӯшиш мекард ошуфтагиро пинҳон кунад, саросемавор аз ҷояш хест.

– Бубахшед... Мехостами барои шумо чой дам кунам...

Овози гирифтаи зан, ки бо гиря олуда шуда буд, мардро дар ҳайрат гузошт. Вақте вай хам шуда, танӯрро оташ гиронд, пушти зан ким-чӣ хел ғалатӣ  пир-пир мепарид ва ӯ ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки чӣ гап шуда бошад. Вай бо мушкилӣ дарк мекард, гӯё саҳифаҳои китоби мағорбастаро бо сустӣ варақ мезада бошад. Вале ҳоло ҳам хуб аст, ки тавонист саҳифаҳоро гардонад. Ногаҳон то ҳадди тоқатфарсо ба худаш раҳмаш омад.

Кор омад накард...

– Ва ҳама чиз аҳмақона барҳам хӯрд.

– Вале охир ба ҳеҷ кас муяссар нашудааст... ҳатто ягон маротиба.

Зан бо овози гиряолуд гап мезад, вале дар овози вай

оҳанги боварӣ ҳис карда мешуд, ба мисле ки нобарории кори вайро сафед ва шарҳ медода бошад. Ҳар чизе, ки набошад ҳам – ҳамдардии таъсирбахш мебошад. Аз ҳад зиёд беадолатӣ хоҳад буд, агар изҳори дилсӯзӣ накунад.

– Ба ҳар сурат ҷойи таассуф аст... Ман аллакай қарор дода будам, ки агар фирор кардан бароям муяссар шавад, ҳамон лаҳза радио харида, бароят мефиристодам...

– Радио?

– Ту ку дер боз дар орзуи он будӣ.

– Ягон чиз зарур нест... Зан беҷуръатона, гӯё узр мехоста бошад, ҳарф мезад. – Агар ман ба таври зарурӣ кор кунам, дар ин ҷо ҳам харида метавонам. Агар бо мухлати муайян бошад, шояд барои пардохти аввал пул расад.

– Бале, албатта, бо пешниҳоди мухлат...

– Вақте об гарм шуд, оббозӣ мекунем?

– Ногаҳон ӯро ғаму андӯҳи гарон фаро гирифт – тира, ба мисли субҳ дамидан... Дардҳои якдигарро бояд бо забон тоза карда, шифо бахшем. Вале агар беинтиҳо захми шифонаёбандаро тоза кунем, аз забон чизе боқӣ намемонад.

– Майлаш, дилбардорӣ кардан зарур нест... Ҳаёт он чизе нест, ки онро бо дилбардорӣ гузаронӣ... Дар он ҷо ҳаёти дигар ва дар ин ҷо зиндагии дигар ва ҳамеша чунин ба назар мерасад, ки ҳаёти бегона ширинтар аст... Аз ҳама бадтараш он аст, ки чунин  фикр кунӣ: чӣ хоҳад буд, агар ҳаёт бо ин маром идома ёбад?.. Ин чӣ гуна ҳаёт аст? Инро охир касе намедонад... Оҳ, беҳтараш аз мӯйи сар кори зиёд дошта бошӣ, то ки дар бораи ин ҳама фикр накунӣ...

– Шустушӯ мекунем?

– Зан инро аниқ барои он гуфт, ки мардро рӯҳбаланд намояд. Мулоим, таскиномез. Мард оҳиста ба кушодани

тугмаҳои курта ва кашидани шим шуруъ кард.Вай аз сар то пояш олудаи рег шуда буд. (Ҳозир хонуми дигар чӣ кор карда истода бошад?). Ҳама он чизе, ки то дирӯз вуҷуд дошт, барояш ҳодисоти дурро мемонд.

Зан ба собун задани рӯйпоккунак сар кард.

## Қисмати сеюм

Октябр. Дар давоми рӯзи тобистон, ки ҳанӯз ҳам рафтан намехост, рег ончунон тасфида буд, ки бо пойи луч ҳатто панҷ дақиқа истода наметавонед. Вале ҳамин ки офтоб ба ғуруб равад, сардии рутубатнок аз тариқи сӯрохиҳои девор ворид мешуд ва пеш аз он ки оташдонро даргиронанд, маҷбур мешуданд хокистари намгирифтадаро хушк кунанд. Субҳгоҳон ва шабонгаҳ ҳавои бешамол аз якбора тағйир ёфтани дараҷа туман, ки дарёи хоколудро ба хотир меовард, баланд мегардид.

Мард дар паси хона барои зоғҳо доме омода сохт. Вай онро "Умед" ном гузошт. Таркиби он бо назардошти хосиятҳои рег, хеле оддӣ буд. Ӯ як чуқурии амиқе канд ва дар он чалакчаи тахтагинро гӯр кард. Бо се фонаи андозаи қутти гӯгирд сарпӯшашро, ки каме аз чалакча хурд буд, маҳкам кард. Ба ҳар як фонача риштаи борикро баст. Риштаҳо аз тариқи сӯрохии марказии сарпӯш гузашта, бо симе, ки дар берун истода буд, пайваст карда шуданд. Дар охири сим хурхурак – моҳии хушкро гузошт. Тамоми дастгоҳро бодиққат бо рег пӯшонида, дар берун, дар ҷуқуричаи регӣ фақат хурхӯракро монд. Ҳамин, ки зоғ хурхӯракро ба даст овард, ҳамон лаҳза фонаҳо аз ҷояшон мепарранд, сарпӯш ба дохили чалакча меафтанду ғеҷиши рег ба амал меояд ва зоғ зинда дар таги рег мемонад... Дастгоҳи худро якчанд

маротиба аз озмоиш гузаронид. Он бе тавaққуф кор мекунад. Вай аллакай ба таври дақиқ дид, ки зоғи дар зери  рег монда, ҳатто вақт наёфт, ки қанотҳои худро афшонад.

Агар кор омад кунаду зоғро дошта гирад, метавонад нома нависад ва онро ба пойи ин парранда мебандад... Вале, албатта, ҳама чиз дар омади кор аст... Аввалан, имконияти каме вуҷуд дорад, ки зоғи сар додашуда, дубора ба дасти одам меафтад... Илова бар ин, намедонӣ, ки ба куҷо  парвоз хоҳад кард. Маъмулан, минтақаи парвози зоғҳо ниҳоят маҳдуд аст... Ва аз эҳтимол дур нест, ки агар ин тоифаҳо аз деҳа ду фактро бо ҳам муқоиса кунанд: зоғи ман гурехта ва дар села зоғи наве пайдо шудааст, ки дар пояш коғази сафед баста шудааст, – барояшон дарров ниятҳои ман маълум мегарданд... Ба ибораи дигар, ҳама он чизе, ки бодиққат фикр карда бароварда шудаю бо чунин як таҳаммул иҷро гардидааст, кори  беҳуда хоҳад буд.

Баъди фирори ноком мард ниҳоят эҳтиёткор шуда буд. Вай ба тарзи ҳаёти ҷуқурӣ мутобиқ шуда буд, гӯё ба хоби зимистона рафта буд, танҳо барои он кӯшиш ба харҷ медод, ки шубҳаи сокинони деҳаро парешон намояд. Мегӯянд, ки такрори беинтиҳои як чиз аз ҳама беҳтарин воситаи пардапӯш кардани ниятҳои худ мебошад. Ва агар тарзи ҳаётеро пеш бубарӣ, ки аз такрори оддии ҳамон як чиз иборат бошад, шояд дар ниҳояти кор онро фаромӯш мекунанд.

Такрор метавонад чунин фоидаро ба даст биорад. Барои мисол, ду моҳи охир аз рӯз ба рӯз сарашро набардошта, шадда мегузаронад ва ба ин кор ончунон банд аст, ки ҳатто чеҳрааш варам кардааст. Сӯзани дароз гоҳ–гоҳе дида мешавад, вақте зан бо нӯги тези он шаддаҳоеро, ки дар дохилӣ қуттии картонӣ рехта шудаанд, мегузаронад.

Пасандози зан, аз афташ, ба ду ҳазор йен баробар шудааст. Боз ним моҳи дигар ҳамин хел кор мекунад ва ба пардохти якум барои харидории радио кифоят хоҳад кард.

Дар сӯзане, ки дар гирди қуттии шаддадор рақс мекард, он қадар муҳимияте дида мешуд, ки гӯё ин қуттӣ маркази дунё бошад. Ва мард ҳам қарор дод, ки худро ба кори якнавохти ҷисмонӣ бубахшад. Рӯфтани рег аз бом, тоза кардани биринҷ, либосшӯи – ҳамаи ин ӯҳдадории ҳаррӯзаи вай гардида буд. Вақте вай кор мекарду зери биниаш суруд мехонд, вақт тезтар мегузашт.

Ба хотири ҳузуру ҳаловати худ аз полиэтилен пашшахонаи хурде сохт, то вақте онҳо хобанд, ба болояшон рег нарезад ва ҳамчунин асбобе барои дар болои реги тафсон пухтани моҳӣ фикр карда баровард...

Барои он ки кайфияташ хароб нагардад, аз он лаҳза дигар ягон маротиба рӯзнома нахонд. Фақат як ҳафта тоқат кардан даркор буд, аллакай дигар хондан ҳам намехост. Баъди як моҳ бошад, вай умуман мавҷуд будани онҳоро фаромӯш кард. Кадом вақте ӯ нусхаи чопии расмии ҳаккокиро дид, ки "Дӯзахи танҳоӣ" ном дошт ва он вайро ба ҳайрат гузошт. Дар он расми одаме бо тарзи исти аҷоиб, ки дар ҳаво шино мекард, тасвир ёфта буд. Чашмонаш калон кушодаи вай пур аз тарсу ҳарос буданд. Тамоми фазои гирду атроф бо суробҳои нимшабаҳи мурдагон пур гашта буд. Аз байни таҷаммуи онҳо гузашта рафтан, барояш мушкил буд. Мурдаҳо бо даст ишора карда, якдигарро тела медоданд ва беист ба одам чизе мегӯянд. Барои чӣ ин "Дӯзахи танҳоӣ" ном дорад? Он вақт вай фикр карда буд, ки номашро омехта ё саҳв кардаанд. Вале акнун дарк кард, ки танҳоӣ – ин хоҳиши аз ҳад зиёди орзуи амалинашуда мебошад.

Маҳз барои ҳамин, вақте оромишро дар таппиши дил дарнамеёбанд, нохунҳояшонро мехоянд. Барои он сигор мекашанд, ки аз тарзи фикррониашон қонеъ немегарданд. Вақте аз алоқаи ҷинсӣ ҳаловат намебаранд аз асабонии зиёд меларзанд. Ҳам нафаскашӣ, ҳам роҳгардӣ, ҳам ҳаракати кирммонанди рӯда, ҳам ҷадвали ҳаррӯза, ҳам якшанбе, фарорасии ҳар рӯзи ҳафтуми ҳафта, ҳам имтиҳонҳои мактабӣ, ки ҳар чор моҳ такрор мешаванд, ҳамаи ин на танҳо ӯро қонеъ намегардонид, балки баръакс ба такрори нав ба нави онҳо тела медод. Баъди чанде шумораи сигорҳои кашидашаванда зиёд шуд, хобҳои воҳиманоке медид, ки дар онҳо вай якҷоя бо ким-кадом зане, ки нохунҳои ифлос дошт, ҳама вақт ҷойи хилват, аз чашми мардум пинҳонро меҷуст. Ва вақте, дар ниҳояти кор нишонаҳои заҳролудшавиро дарёфт, ҳамон лаҳза бо афкори хеш ба осмон, ба хомаҳои рег, ки дар он ҷо мавҷҳои бо дарозии аз ҳашт як ҳиссаи миллиметр ҳукмронӣ мекунанд, муроҷиат кард.

Вай аз муборизаи беинтиҳо бо рег, аз кори ҳамарӯзаи худ, ки ба дарс табдил ёфта буд, вале гуфтан мумкин нест, ки он сирф худазобдиҳӣ аст, як каме ҳаловат мебурд. Вай ҳатман ҳайрон мешуд, агар дар он роҳи шифоёбиро пайдо мекард.

Вале, субҳи рӯзе ҳамроҳи маҳсулоте, ки мунтазам меоварданд, ба дасти вай маҷаллаи карикатура афтид. Маҷалла чун маҷаллаҳои дигар буд, ягон нишонаҳои фарқкунанда надошт. Муқовааш даррондагӣ буд, тамоми ҷойҳояш бо ангуштони ифлос дошта шудаанд, чунин ба назар мерасад, ки гӯё аз кадом кuҳнафурӯш гирифта шудааст. Бо вуҷуди он ки намуди маҷалла бадафт буд, вале худи пайдо шудани онро ҳамчун ғамхорӣ нисбати вай аз ҷониби сокинони деҳа баҳо додан мумкин аст. Аз ҳама

зиёдтар ӯ дар ҳайрат буд, зеро вақте маҷалларо мехонд аз хандаи бисёр дар болои фарш боло–боло мепарид, пойҳояшро мезад, гӯё рагкашиаш шуруъ мешуд.

Карикатура ё тақлидҳои хандаовари он ниҳоят аҳмақона буданд. Онҳо бемаъно, дағалона ва бо сифати паст иҷро шудаанд, агар аз вай пурсӣ, ки чӣ чизи онҳо шавқовар аст, ҷавоб дода наметавонад. Фақат як карикатура бо тасвири асп, ки баъди ба болои он баромадани марди бузургҷусса пойҳояш бемадор шуда, афтид, ҷолибу муваффақ буд. Афти асп воқеан ҳам хандаовар буд. Ба ҳар сурат, магар ба чунин ҳолати ҳайвон хандидан мумкин аст? Шарм медоштам. Мутобиқ шудан то ҳадди муайян мумкин аст. Ба ғайр аз ин, ин кор бояд восита бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ набояд мақсад бошад. Гапфурӯшӣ кардан дар бораи хоби зимистона гапи дигар асту ба пӯсти кӯрмӯш дохил шуда, дар худ бӯғӣ кардани ҳама гуна хоҳиши ба рӯшноӣ баромадан, тамоман кори дигар аст.

Яқин аст, ки имконияти ягон вақте бо истифода аз ягон усуле аз ин ҷо раҳо ёфтан пайдо мешавад. Вале сарфи назар набояд кард, ки метавон бо интизорӣ, ки аз ҳама гуна мақсад орӣ мебошад ва вақте замони хоби зимистона тамом мешавад, маълум мегардад, ки рӯшноӣ чашмони туро нобино кардааст ва ту ба берун баромадан наметавонӣ. Беҳуда намегӯянд: бенавоии серӯза – гадоии доимӣ... Зангхӯрии дохилӣ ба таври тааҷҷубовар хеле зуд пайдо мешавад... Ӯ ба фикри амиқ рафт, вале ҳамин ки афти асп ба ёдаш омад, боз ҳамон хандаи аҳмақона вайро фаро гирифт. Зан дар зери лампа чун ҳамеша ба кори заҳматталаб – гузаронидани шаддаҳо машғул буд, сарашро баланд намуду соддадилона табассум кард. Мард, ки натавонист хиёнати худро таҳаммул намояд, маҷалларо

ба як тараф партофта, бадар рафт. Дар болои ҷуқурӣ абрҳои ширмонанд чарх мезаданд. Боқимондаҳои шаб – порчаҳои сояи ба ҳар тараф партофташуда... порчаҳое, ки ба риштаҳои оҳании тафсон ҷило медиҳанд... порчаҳои шинокунанда, ки ба қатраҳои дурахшони бӯғ мубаддал шудаанд... Ва ин мувофиқати афсонавии сояҳо умеду орзуро, ки ҳадду ҳудуд надоштанд, бедор мекард. Вай нигоҳ мекард ва аз тамошояш сер намешуд. Ҳар як лаҳза бо кашфиётҳои нав ба нав фаро гирифта шуда буд. Дар ин ҷо ҳама чиз буд – ҳам образҳое, ки дар ҳаёт вуҷуд доштанд ва ҳам образҳои фантастикие, ки ҳеҷ гоҳе надидааст.

Мард, ки ба ин гирдоби сояҳо рӯй гардонида буд, даъват ба амал овард:

– Ҷаноби раиси суд, маро бо айбнома шинос намоед! Ба ман бигӯед, ки сабабҳои асосии чунин ҳукмнома кадомҳоянд?! Судшаванда рост истода, ҷавоби шуморо интизор аст!

Аз паси туман садое баланд шуд, ки ба назараш шинос намуд. Овоз гирифта буд, гӯё аз дохили гӯшаки телефон мебаромад.

– Як кас аз байни сад нафар...

– Чӣ?

– Ман гуфта истодаам, ки дар Ҷопон ба ҳар сари сад нафар як нафар маҷзуб (шизофреник) рост меояд.

– Бубахшед, шумо дар бораи чӣ?..

– Дар омади гап, гирифторони савдои луздӣ ҳам як кас дар байни сад нафар вомехӯрад...

– Шумо дар бораи чӣ гап мезанед, охир?...

– Агар ба ишқи якҷинса дар байни мардон як фоиз гирифтор бошад, табиист, ки ҳамин фоиз бояд дар байни занҳо бошад. Агар ин номбаркунӣ давом дода шавад – як

фоиз оташзанандагон, як фоиз майзадаҳо, як фоиз бемори рӯҳӣ, як фоиз васвосиҳои ҷинсӣ, як фоиз одамоне, ки гирифтори васвасаи бузургианд, як фоиз ҷинояткорони ашаддӣ, як фоиз ҳезҳо, як фоиз террористҳо, як фоиз девонаавзоъҳо...

– Хоҳиш мекунам, ин гуна сафсатагӯиҳо бас аст...

– Хуб, майлаш. Оромона гӯш кун. Ба овардаҳои боло боз як фоиз тарс аз баландӣ, тарс аз суръат, нашъамандӣ, ҷунунӣ, шефтаи фикр оид ба куштор, камақлӣ...-ро илова мекунем – ва дар ниҳояти кор, он дар маҷмуъ бист фоизро ташкил медиҳад. Ва агар ту метавонӣ, ҳамин тариқ ҳаштод фоиз нодурустӣ ё хилофи қоидаро номбар намоӣ – ягон шубҳае нест, ки ин корро кардан мумкин аст, – яъне комилан аниқ бо рақам исбот карда шудааст, ки ҳамаи сад фоизи одамон ғайримуқаррарӣ ё аз ақл берун мебошанд.

– Ин чӣ беақлӣ аст! Агар ягон меъёри одами муқаррарӣ набошад, дар он сурат муайян намудани ғайримуқаррарӣ низ номумкин мебуд!

– Ин хел мумкин не охир, ман танҳо мехостам туро ҳимоя кунам...

– Ҳимоя кунӣ?..

– Охир худи ту гумон аст, ки барои гунаҳгории хеш пофишорӣ намоӣ?

– Албатта, нахоҳам кард!

– Дар ин сурат худро мулоимтабиат нигоҳ дор. Ба ҳама гуна вазъияти ғайримуқаррарӣ нигоҳ накарда, худро азият додан маънӣ надорад. Одамон вазифадор нестанд, ки кирмаки ғалатиро халос кунанд, вале онҳо ҳам ҳуқуқ надоранд вайро суд кунанд...

– Кирмакро?.. Барои чӣ эътироз ба зидди боздошти ғайриқонунӣ маро ба кирмаки ғалатӣ мубаддал намуд?

– Худатро ба нодонӣ назан... Дар Ҷопон, дар минтақаи хос ба намнокӣ ва дараҷаи баланд ҳаштоду се фоизи ҳолатҳои фавқулодда ба обхезӣ рост меояд ва дар ин шароит зарари аз тарафи рег оварда, фоизи тамоман ночизро ташкил медиҳад. Ба эътибор гирифтани ин – ба муқаррар намудани қонунгузории махсус оид ба мубориза бар зидди обхезӣ дар Сахара баробар аст. Суҳбати аблаҳона!

– Ман дар ин бора гап намезанам. Гап дар бораи азиятҳои ман меравад. Боздошти ғайриқонунӣ дар ҳама ҷо ғайриқонунӣ аст – хоҳ он дар биёбон бошад, хоҳ дар ботлоқ!

– А-а, боздошти ғайриқонунӣ... Вале охир ҳирси одамӣ ҳадду ҳудуд надорад... Ва ту – луқмаи равғанин барои сокинони деҳа мебошӣ.

– Ахлот ҳам ғизо аст! Вале барои ман маънии зиндагӣ дар кадом як чизи баландтаре мебошад!

– Ҳамааш ҳамин хел аст. Яъне, ту чунин мешуморӣ, ки корат дар он макони регзори дӯстдоштанӣ омад накард?

– Омад накард?..

– Аз рӯйи шунидам, дар олам одамоне ҳастанд, ки қариб даҳ соли умри худро ба он бахшидаанд, ки рақами дақиқ то якчанд сад аломатро пайдо намоянд.... Олӣ аст... Дар ин ҳам шояд, маънии зиндагӣ вуҷуд дошта бошад... Аммо маҳз барои он ки ту ин гуна маънии зиндагиро инкор мекунӣ, дар ниҳояти кор ба ин ҷойҳо даромада омадӣ.

– Нодуруст аст! Ва рег ҳам симои тамоман дигар дорад!.. Магар он барои омода кардани қолаб барои рехтагарӣ истифода намешавад?.. Ба ғайр аз ин, он ашёи заруриест, ки ба бетон хосияти устуворӣ медиҳад... Хосияти дигари он, ба осонӣ бактерия ва алафҳои бегона аз рег ҷудо карда мешаванд, ки ин имконият медиҳад вайро дар таҳқиқот дар соҳаи кишварзӣ истифода баранд... Ниҳоят, таҷрибаҳо барои

ба хоки ҳосилхез мубаддал намудани рег бо роҳи ба он ворид кардани дигар моддаҳо гузаронида шуданд... Дар маҷмуъ, дар бораи рег ба таври содда гуфта намешавад...

– Аҷоиб аст, ин қадар боэҳтимом ту ба эътиқоди худ ҷалб ё мубаддал мекунӣ... Вале агар ту нуқтаи назари худро тағйир диҳӣ, ман дигар нахоҳам донист, ки ба чӣ дигар бовар кунам.

– Бароям нафратовар аст, ки чун саг ҳаром мурам!

– Магар ин ягон фарқ дорад... Моҳие, ки аз шасти моҳигир канда халос хӯрдааст, ҳамеша аз моҳии пештар дошташуда, бузургтар ба назар мерасад.

– Бало занад, ту кӣ ҳастӣ охир?

Вале порчаҳои абр давр зада боло рафтанд ва ӯ ҷавобро нашунид. Акнун дастаи нурҳои рӯшноӣ ба поён лағжида омаданд. Рӯшноӣ чашмонашро хира кард. Ӯ дандонҳояшро зер карда, хастагӣ, лӯндаи сиёҳии часпаки ба гулӯяш омадаро нагузошт, ки ба берун барояд.

Зоғ қар-қар кард. Домро ба ёд оварда, қарор дод, ки ба паси хона раваду “Умед”–и худро аз назар гузаронад. Умед ба комёбӣ қариб ки нест, вале ин шуғл назар ба маҷаллаи карикатурадор шавқовартар аст.

Донаи дон чун пештара дастназада истода буд. Бӯйи моҳии гандида ба машом зад. Аз он вақте ки вай “Умед”–ро сохт, зиёда аз ду ҳафта гузашт, вале ягон натиҷа нест. Сабаб дар чӣ бошад?  Ба сохти дом ӯ боварӣ дошт. Агар зоғ ба донаи дом нӯл мезад, ҳамааш нағз мешуд. Вале зоғҳо ҳатто ба ин тараф нигоҳ ҳам намекарданд, дар ин ҳолат ягон кор карда намешавад...

Кадом чизи “Умед”-и вай ба онҳо маъқул нашуда бошад? Вале аз кадом ҷиҳате ба он назар накунӣ, ягон чизи шубҳаноке дар дом дида намешавад. Зоғҳо бо он фарқ

мекунанд, ки ҳангоми шикор кардани партофтаҳои одамон, ҳамеша дар гирди хонаи онҳо чарх мезананд ва эҳтиёткориро риоя мекунанд. Онҳо аниқ дар бахши сабру тоқат бо одам мусобиқа мекунанд. То он вақте ки дар мафкураи онҳо моҳии бӯйгирифта дар ин ҷуқурӣ ба ягон чизи комил мубаддал нагардад... Умуман, сабру тоқат – ин ҳанӯз таслимшавӣ нест... Баръакс, вақте пуртоқатиро ҳамчун бохт қабул мекунӣ, ана ҳамон вақт шикасти асосӣ шуруъ мешавад. Охир маҳз барои ҳамин ӯ номи "Умед"-ро интихоб кард. Димоғаи Умеди Хуб – ин Гибралтар не, балки Кейптаун аст... Мард оҳиста пойҳояшро кашола карда ба хона баргашт... Боз вақти хоб фаро расид.

Вақте зан ӯро дид, гӯё нав ба хотираш омада бошад, чароғро пуф карда хомӯш намуд ва ба дар наздиктар, он ҷойе, ки равшантар аст, гузашта нишаст. Наход вай ҳоло ҳам мехоҳад корашро идома диҳад? Ӯ ногаҳон бетоқатона хост ягон кореро анҷом диҳад. Вай ба назди зан ҷаҳида омаду аз болои зонуҳои зан қуттии шаддадорро гирифта партофт. Саққочаҳои сиёҳ, ки ба меваи ким-кадом растанӣ монанд буданд, ба рӯйи арши заминӣ пошиданд ва ҳамон лаҳза ба дохили рег фурӯ рафтанд. Зан ягон сухане нагуфта, бо ҳарос ба вай нигоҳ кард. Мард бо башараи аблаҳнамо рост истода буд. Аз лабони ланҷшуда ба ҷойи оби зарди даҳон нолаи аламнок берун омад.

– Кори беҳуда... Сарфи беҳудаи кувва... Комилан суҳбати бефоида... Ту аллакай заҳролуд шудай...

Зан хомӯш буд. Вай хомӯшона шаддаҳои ба ришта гузаронидаро бо ангуштонаш як-як даст мекард. Онҳо ба мисоли порчаҳои полуда ҷило медоданд. Мард ба ларза даромад, ларза аз поёни пой боло мебаромад.

– Бале, ин аниқ аст. Баъди чанде дигар ягон чизро

тағйир додан намешавад. Дар яке аз рӯзҳо ба мо маълум мегардад, ки дар деҳа ягон нафар боқӣ намондааст, фақат мо ҳастему... Барои ман ҳамааш фаҳмо аст... Ҳақиқат... Ҳақиқат... Акнун моро ин интизор аст ва ба наздикӣ... Ва вақте дарк мекунем, ки моро фурӯхтанд, аллакай дер мешавад... Мо тамоми қувваи худро сарф кардаем, вале онҳо дар фикри ин нестанд.

– Зан, ки мутассил ба шаддаҳои дар дасташ буда нигоҳ мекард, оҳиста сарашро ҷунбонид.

– Не, ин имкон надорад. Онҳо агар аз ин ҷо раванд, чӣ гуна зиндагонӣ хоҳанд кард – охир дарров кор ёфта наметавонанд?

– Оё ин барои онҳо ягон фарқ дорад? Ва оё вуҷуд доштан дар ин ҷо заррае ҳам ба зиндагӣ монандӣ дорад?

– Вале рег аст, бинобар ин...

– Рег? – Мард дандон  ба дандон монда, манаҳашро такон дод. Рег, он барои чӣ даркор аст? Аз он як пули сиёҳ кор намекунӣ, фақат ҳаётро душвор менамояд.

– Не, онро мефурӯшанд.

– Мефурӯшанд?.. Ба кӣ онро мефурӯшанд?

– Ба ин, ба сохтмон шояд... Онро ба бетон илова мекунанд...

– Гапи беҳуда нагӯй. Расо зӯр мешуд, агар ба бетон ин регро илова мекарданд – охир дар таркиби он намак хеле зиёд аст. Аввалан, ин вайрон кардани қонунҳо ё дастурамалҳои сохмонӣ хоҳад буд...

– Онҳо, алабатта, регро пинҳонӣ мефурӯшанд...Бо ними нархаш бурда мерасонанд...

– Ҳарчӣ ба сарат омад, гуфтан мегирӣ!  Охир вақте асос ё сарбанд фурӯ равад, онҳоро на танҳо  реги бо ними нарх, балки муфт додашуда, наҷот намедиҳад!

Зан бо қаҳр ба сӯи вай нигоҳ кард. Баъд чашмонашро поин кард, дар оҳанги гапзаниаш аллакай фармонбардорӣ дида намешуд.

– Магар барои мо ин ягон фарқ дорад? Ин кори мо нест ва мо бояд мудохила накунем.

Мард гаранг шуд. Тағйироти дар зан ба амаломада тааҷҷубовар буд, гӯё ниқоб аз рӯяш афтида буд. Ин симои деҳа буд, ки дар назди вай дар симои зан падидор гашта буд. То ин вақт деҳа барои вай танҳо қассоб буд. Ё растании даррандаи бесамар ва пурхӯр буд.  Худро бошад, ӯ бадбахт, қурбоние, ки тасодуфан дастгир шудааст, ҳисоб мекард. Аммо сокинони деҳа чунин ҳисоб мекарданд, ки маҳз онҳо аз ҷониби ҳама тарк карда шудаанд. Табиист, ки онҳо дар назди олами боқимонда ягон ӯҳдадорӣ надоштанд. Яъне, чун ӯ ба шумули онҳое дохил мешавад, ки ба деҳа зарар мерасонанд, дандонҳои аз ҷониби деҳа нишон додашуда, ба тарафи вай равона карда шудаанд. Вай ҳанӯз ягон маротиба дар бораи муносибати худ бо деҳа чунин фикр накарда буд. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки вай худро гум кард. Вале, аз барои ин ақибнишинӣ кардан, дар ҳама ҳолат маънои онро дорад, ки ба рӯйи адолати худ хати батлон кашидан аст!

– Шояд, дар бораи дигарон хавотир кашидан зурур набошад, бо ҳаяҷон аз ҷояш бархост. – Вале дар тиҷорати фиребгарона касе пули бисёри муфт ба даст меорад, ҳамин хел не? Мумкин аст ку барои ин гуна муфтхӯрон заҳмат накашем...

– Не, фурӯши рег – ин кори артел аст.

– Бале ҳамин хел, вале ба ҳар сурат дар ниҳояти икор касе саҳмия бисёр дорад, касе пули бештар сармоягузорӣ кардааст, ҳамон маблағи зиёд ба даст меорад.

– Соҳибоне, ки барои харидани киштии бодбонӣ пул доштанд, кайҳо аз ин ҷо рафтанд... Нисбати мо бошад, муносибати хуб доранд... Ҳақиқатан ҳам ягон гуна фиреб нест... Агар фикр мекунед, ки ман дурӯғ мегӯям, аз онҳо қайдҳоро талаб намоед, ҳамааш бароятон маълум мегардад.

Мард парешонҳолу бо чеҳраи пуризтироб истода буд. Вай ногаҳон худро бечораю оҷиз ҳис кард. Нақшаи амалиёт, ки дар он душман ва қушунҳои худӣ бо рангҳои гуногун ишора шуда буданд, ба ким-кадом манзараи пурасрор, ки чизе фаҳмида намешуд, мубаддал гашт. Ва зарур набуд, ки аз барои маҷалла бо карикатураҳо то ин андоза ҷигархун шавӣ. Дар ин ҷо ба касе муҳим нест, ки ту хандаи девонавор мекунӣ ё... Ӯ бо мушкилӣ забонашро тоб дода, канда-канда ғур-ғур кард :

– Ҳа, бале... Бале, албатта... Кори бегонаҳо... Ин дуруст аст...

Баъд аз лабонаш ҳатто барои худаш калимаҳои номаълуме берун шуданд, ки ба суҳбати пешина ягон алоқа надоштанд.

Бояд таъхир накарда, гулдон бо ким-кадом растаниро харидан зарур аст. – Вай худаш дар ҳайрат монд, вале чеҳраи зан боз ҳам мутаҳайиртар буд ва ӯ аллакай наметавонист ба қафо баргардад. – Гирду атроф ҳама мурдааст, ҳатто чашм чизи диданиеро намеёбад...

Зан бо изтироб ҷавоб дод:

– Шояд, дарахти санавбар?.. Не, санавбарро ман дӯст намедорам... Дар маҷмуъ фарқ надорад, ягон алаф ҳам мешавад... Дар назди димоға бисёр месабзад, номаш чӣ буд?

– Тибитро мегӯед. Вале шояд дарахт беҳтар бошад?

– Агар дарахт бошад, шояд заранг ё дарахти дигар бо шохчаҳои борик ва баргҳои калон... Бояд онҳо дар шамол алвонҷ хӯранд...

Алвонҷ хӯранд... Баргҳои хӯшаҳои ларзон...Агар гурехтан хоҳанд ҳам, намегурезанд – маҳкам ба танаи дарахт баста шудаанд...

Аз чӣ бошад, ки ногаҳон нафаскашии вай канда-канда шуд. Вай омода буд гиря кунад. Ӯ зуд ба фарши заминӣ, ки он ҷо шаддаҳо рехта буданд, хам шуда, ба ҳаракоти ноӯҳдабароёнаи худ даруни регро кофтан гирифт. Зан саросемавор аз ҷояш бархост.

– Ҳеҷ гап не, боке не. Ман худам... Бо элак ҳамаашро тез мегузаронам.

Боре, вақте мард аз рӯйи ҳоҷат ба паси хона рафту моҳи хокистарранги тамоман наздик ба лаби чар овезонро дид, ба назараш чунин намуд, ки онро бо даст қапидан мумкин аст, ин лаҳза вай ногаҳон ларзаи сахтро ҳис кард. Шояд шамол хӯрда бошад? Ӯро маротибаҳои зиёд, пеш аз он ки табаш баланд шавад, ба ларза гирифтор мешуд, вале ҳозир чизи дигар буд. Ба назараш чунин менамуд, ки ҳаво нешдор аст, илова бар ин, дар пӯсташ мурғак надавид. Ларзиш дар пуст не, дар ким-куҷои устухонҳо ҳис карда мешуд. Он ба мисли чини рӯйи об, ки аз партофтани санг пайдо мешавад, давра-давра паҳн мегардид. Дарди кунд аз як устухон ба устухони дигар мегузашт ва маълум набуд, ки дарди он мегузарад. Чунин таассуроте ба миён омада буд ки якҷоя бо шамол ба даруни вай зарфи оҳанини зангзада даромадааст ва гулдуроззанон дар баданаш сайру саёҳат дорад.

Дар он муддате, ки вай рост истода буду тамоми баданаш меларзид ва ба моҳ нигоҳ мекард, ба сараш бисёр фикрҳои ногаҳонӣ омаданд. Ин моҳи ҳамвор ба чӣ монанд

бошад? Ҷароҳате, ки саросар захмпӯш буда, баъзе ҷойҳояш бо орди дурушт рӯпӯш карда шудааст... Собуни арзони хушкшуда... Ё шояд қутти гирди пӯпанакзадаи алюминӣ барои нигоҳ доштани ғизои наҳор... Ҳангоми ба марказаш наздик омадан тамоман образҳои аз ҳақиқат дур пеши назар меоянд. Косахонаи сар... Аломати умумии дузах барои ҳамаи кишварҳо... Булӯрҳои сафеди ба болояш хока пошида, ки дар поёни шиша барои ҳашаротҳо ҷойгир карда шудаанд. Шабоҳати аҷоиб байни қабати болои моҳ ва булӯрҳое, ки баъди бӯғ шудани тсианиди калий боқӣ мемонанд. Он шиша эҳтимол ҳанӯз ҳам дар назди дар, дар қабати рег истодааст...

Дил акнун номураттаб, ба мисли саққочаи кафидаи бозии пинг-понг кор мекард. Ким-чӣ хел тасаввуротҳои ҳузновар. Барои чӣ вай ҳамеша дар бораи ҳамин гуна чизҳои мудҳиш фикр мекунад. Бе ин ҳам дар шамоли моҳи октябр дарду маъюсӣ шунида мешавад. Он бо гиряю нола мегузарад, гӯё бо найе, ки аз ғилофаки холӣ сохта шуда бошад, менавохта бошанд.

Ба лаби ҷар, ки каме тавассути моҳ равшан мегардид, нигоҳ намуда, фикр мекард, ки шояд ҳиссиёти вай, ки гӯё дохили ӯ ҳамаш сӯхтааст, танҳо як бухл асту халос. Ҳасад ба ҳама чизе, ки дар боло мондааст – ба кӯчаҳо, трамвай, чароғакҳо дар чорроҳаҳо, эълонҳо дар сутунҳои телеграф, гӯрбаҳои мурда, дорухонаҳое, ки сигор мефурӯшанд. Ба ҳамон тавре ки рег тамоми дохили девору сутунҳоро хӯрд, ҳасад тамоми узвҳои дохилии баданашро нобуд карданд ва ӯро ба зарфи холии ба болои оташдони сӯзон монда, мубаддал гардонид. Зарф ҳамоно метафсад. Гармӣ тамоман тоқатнопазир мегардад, ҳамин лаҳза он об мешавад. Ва пеш аз он ки дар бораи умед гап занем, бояд

дар бораи чӣ гуна ин лаҳзаро паси сар кардан, фикр кунем ва оё меарзад, ки онро паси сар намоем.

Дилам ҳавои сабуктар мехоҳад! Дилам ақаллан ҳавои тоза, бо он ҳавое тозае, ки ман нафас мекашам, омехта набошад. Агар мумкин мебуд, ки рӯзе як маротиба ба болои ҷарӣ баромада, ақаллан ним соат ба баҳр назар андозем, чӣ гуна корӣ олие мешуд! Ақаллан ҳаминро метавонистанд иҷозат диҳанд. Аҳли деҳа вайро аз ҳад зиёд сахт посбонӣ мекунанд. Хоҳиши ӯ тамоман табиии аст, хусусан бо назардошти он ки се моҳи охир вай хеле софдилона кор кард. Ҳатто ба маҳкумшудагон иҷозат медиҳанд, ки сайру гашт намоянд...

– Ин тоқатнопазир аст! Тамоми сол биниро ба даруни рег халонда зиндагӣ кардан. Ин маънии онро дорад, ки зинда ба зинда консерва шавӣ. Наход ба ман иҷозат надиҳанд, ки ақлан гоҳ-гоҳе дар назди ҷуқурӣ саёҳат намоям?

Вале зан, ҷавобе наёфта, хомӯш буд. Аз тарҳи чеҳраи зан хондан мумкин буд, ки вай аниқ намедонад бо кӯдаке, ки қандашро гум кардаасту инҷиқӣ менамояд, чӣ кор кунад.

– Бигӯзор кӯшиш кунанду ба ман не гӯянд! Мард ба қаҳр омад. Вай боз дар бораи ҳамин нардбони танобии нафратангез, ки  хотироти ғамангезро ба ёд меорад, сухан оғоз кард. – Вақте ман ҳамон рӯз фирор кардам, онҳоро бо чашмони худ дидам... Дар қатори мо якчанд хонае ҳаст, ки ба дохили онҳо нардбон фароварда шудааст!

– Ҳамин хел, вале... Зан беҷуръатона гап мезад, гӯё худро сафед мекард. – Қисмати зиёди онҳо аллакай якчанд авлод дар ин хонаҳо зиндагӣ мекунанд.

– Чӣ, оё онҳо ба мо умед намебанданд?!

– Зан ба мисли саге, ки ба ҳама чиз омода аст, итоаткорона сарашро хам кард. Агар дар пеши чашмони вай тсианиди калий менӯшид, эҳтимол зан ҳамон хел фармонбардорона хомӯш менишаст.

– Майлаш, кӯшиш мекунам  худам бо ин нобакорон маслиҳат кунам!

Ростӣ, дар умқи дилаш бовар надошт, ки аз ин машваратҳо ягон комёбие ба даст ояд. Вай аллакай ба ноумедиҳо одат карда буд. Бинобар ин, вақте ҳамон мӯйсафед бо ду барандагони рег омада, ҷавоб овард, ӯ ҳатто каме саросема шуд. .

Вале саргарангӣ дар муқобили он чизе, ки вай аз дарки маънии ҷавоб фаҳмиду аз сар гузаронид, қиёс карда намешавад.

– Хайр майлаш... – Мӯйсафед оҳиста гап мезад, гӯё дар ёдаш коғазҳои кӯҳнаро ҷудо мекарда бошад, пешпо хӯрда сухан мегуфт. – Ин, умуман, на ба он маъние, ки маслиҳат кардан мумкин набошад,  – ин хел нест... Ман, барои мисол, албатта, вале агар шумо ду кас аз хона баромада, дар назди мо, дар назди ҳама... ин корро кунед ва мо нигоҳ кунем... Он чизе, ки шумо хоҳиш мекунед, ин дуруст аст, инро иҷро кардан мумкин, майлаш...

– Мо бояд чӣ кор кунем?

– Охир ин... номашон чӣ буд, нар ва мода чӣ мекунанд? Якҷоя мешаванду ҷимоъ мекунанд... Ҳамин хел.

– Кашонандагони рег девонавор хандиданд. Мард ба монанди он ки гулӯяшро фишор дода бошанд, карахт шуд. Вай бо душворӣ дарк кардан гирифт, ки гап дар бораи чӣ меравад. Он чиро фаҳмидан гирифт, ки вай мефаҳмад. Ва вақте фаҳмид, дарк кард, ки пешниҳод барояш он қадар ҳам даҳшатнок нанамуд.

Шуъои чароғи дастӣ ба мисли паррандаи тиллоӣ аз пеши пойҳои мард парида гузашт. Ин ким-кадом як ишорае буд. Аз паси он ҳафт ё ҳашт шуъоҳо дар қаъри ҷуқурӣ чарх задан гирифтанд. Аз бетоқатии одамони дар боло истода, ки қариб ба мисли қатрон месӯхтанд, рӯҳафтода шуда, вай ҳанӯз барои рад кардани пешниҳодашон сухан наёфта буд, аллакай худаш мубталои девонагии онҳо шуда буд.

Ӯ оҳиста ба тарафи зан баргашт. Ҳамин ҳоло зан бо бели худ кор мекард, вале ҳозир ба куҷое ғайб зада буд. Шояд гурехта ба хона рафта бошад? Вай ба даруни хона сар халонида, ӯро ҷеғ зад.

– Мо бояд чӣ кор кунем?

Аз паси девор овози пасти зан ба гӯш расид:

– Бало ба пасашон!

– Охир мо аз ин ҷо баромадан мехоҳем...

– Ин хел мумкин не!

– Биё мон, ба ин кор соддатар нигоҳ кардан беҳтар аст...

Ногаҳон зан нафастанг шуда, ба вай наздик ҳуд.

– Шумо чӣ, аз ақл бегона шудед?.. Воқеан ҳам девона шудед... Яқин ақлро аз даст додаед! Магар чунин як кореро кардан мумкин аст!... Ман ҳоло девона нашудаам!

Шояд воқеан ҳам рост аст?.. Шояд ҳақиқатан ҳам ман девона шудаам.. Сангдилии зан маҷбураш кард, ки ақибнишинӣ кунад, вале дар ботинаш ким-кадом холигӣ бузург ва васеъ мегардид. Акнун шаъну шараф дигар чӣ маънӣ дорад?.. Вақте ба ту нигоҳ мекунанд ва ту ягон кори нафратоварро анҷом медиҳӣ – ин кори зишт ба ҳамон андоза онҳоеро, ки тамошо мекунанд, олуда месозад... Албатта, як каме фарқият дар байни онҳо ҳаст, вале барои нопадид шуданаш ман ин намоиши кучакро барояшон

ташкил мекунам... Ҳамчунин фикр кардан даркор, ки барои ин ту чӣ гуна мукофотро хоҳӣ гирифт!.. Ман мехоҳам сари худро аз ин ботлоқи бадбӯй бурун баровардa, бо синаи фаррох нафаси озод кашам!

Баъди муайян намудани ҷойи зан, вай ногаҳон ҳуҷум кард. Фарёди зан, ғалоғулаи афтидани баданҳои печидаи онҳо дар назди девори хона ҳаяҷони одамони дар боло бударо, баланд намуд. Ҳуштак, чаппакзанӣ ва фарёдҳои шаҳватпарастона ба гӯш мерасиданд... Теъдоди одамон дар он ҷо хеле зиёд шуд, дар байни онҳо гӯё занони ҷавон низ дида мешуданд. Шумораи чароғҳо, ки дари хонаро равшан мекарданд, назар ба аввал ду ва ҳатто се маротиба зиёдтар шуданд. Бинобар сабаби он ки вай занро ғафлат дарёфт, барояш муяссар шуд, ки онро ба берун кашола карда барорад. Вай гулӯи занро фушурд ва он ба мисли халта ланҷ шуда буд. Нимдавраи чароғон дар болои чуқурӣ ороиши идонаро ба хотир меовард. Бо вуҷуди он ки ҳаво гарм набуд, аз зери бағалҳояш арақи бадан мешорид, мӯйҳояш тар шуда буданд, гӯё бо сатили чӯбин ба сараш об рехта бошанд. Доду фарёди тамошобинон ба мисли акси садо дар гӯшҳояш овоз мебароварданд ва бо қанотҳои бузурги сиёҳ осмонро пӯшонида буданд. Ба мард чунин намуд, ки онҳо қанотҳои вай мебошанд. Вай одамонеро, ки аз болои нишебӣ бодиққат нигоҳ мекарданд, он тавре ҳис менамуд, ки худашро дарк мекунад. Онҳо як қисми вай буданд. Зеро маҳз аз шаҳвонияти ӯ оби даҳони онҳо ҷорӣ шуд. Вай аллакай худро на қурбонӣ, балки намояндаи ҷаллодҳо ҳис кард.

Ҳаво торик буд, дастҳо ҳам меларзиданд ва ангуштҳо гӯё ду баробар ғафстар шуда буданд. Вақте ниҳоят вай ӯро ба оғӯш гирифт, зан хам шуда, бо чолокӣ аз дасти вай

парида баромад. Ба рег ғӯтидаю хеста, вай аз пасаш давид. Вале зан боз ӯро ба мисли пружинаи оҳанин ба тарафе партофт. Мард аз нав вайро дошта гирифту ба зорӣ даромад:

– Хоҳиш мекунам... Илтимос мекунам... Охир бе ин ҳам ман наметавонам... Биё, ҳамин хел вонамуд мекунем, ки гӯё...

Вале акнун барояш зарур набуд, ки онро дошта нигоҳ дорад. Ба назар чунин мерасид, ки зан дигар хоҳиши гурехтан надорад. Ногаҳон вай садои даридани матоъро шунид ва ҳамзамон зарбаи сахт ба поёни шикамашро, ки зан бо оринҷ ва бо тамоми қаҳру ғазаб ва тамоми қувваи баданаш зада буд, ҳис кард. Мард бе овоз дуқат шуда, бо дастонаш зонуҳояшро ба оғӯш гирифт. Зан ба болои сари вай хам шуда, бо муштҳояш ба рӯяш задан гирифт. Дар нигоҳи аввал гӯё ба назар мерасид, ки зарбаҳои вай сусту заиф мебошанд, вале ҳар зарба сахт ва дарднок буд, ба монанди он ки зан кулӯлаи намаки намгирифтаи хобидаро тела медода бошад. Аз бинии вай хун ҷорӣ шуд. Ба хун рег часпида гирифт ва чеҳраи вай ба лӯндаи хок мубаддал гашт.

Шиддати вазъият дар боло, ба мисли чатре, ки симҳояшро шикастаанд, паст шуда буд. Фарёдҳои оташин, мазоҳҳо, дилбардориҳо омехта шуда, як гашта буданд, вале онҳо ким-чӣ хел пароканда буданд. Хитобҳои мастонаю бешармона ҳам натавонистанд кайфияти тамошобинонро боло бардорад. Кадом нафаре чизеро ба поён партофт, вале ӯро ҳамон лаҳза сарзаниш карданд. Интиҳои ин кор ба мисли оғози он ногаҳонӣ буд. Аз дурӣ садоҳое баланд шуданд, ки ба кор даъват менамуданд, думи дарози чароғҳо оҳиста-оҳиста хомӯш шуд, гӯё онро ба боло кашида бурданд. Ва танҳо шамоли тираи шимолӣ, ки

нишонаҳои охири барангезишу ҳаяҷонро бо худ мебурд, мевазид.

Марди латхӯрдаю зери рег монда, хира эҳсос кард, ки ҳама кор аз рӯйи тарҳи таҳиягардида пеш рафт. Ин фикр дар кадом як гӯшаи шуураш, ки либоси тагпӯши бо араќи бадан омехташударо ба хотир меовард ва дар зери он танҳо таппиши дил баръало шунида мешуд, шуълавар буд. Дастони чун оташ сӯзони зан дар зери бағали вай хобидаанд ва бӯйи бадани он ба мисли хор ба биниаш мезанад. Ба назараш чунин менамуд, ки ӯ дар дастони нозуки зан мебошад – ба мисли сангчаи хурд дар маҷрои дарёи ором.

Шабҳои якранги регзор мегузаштанд, ҳафтаҳо паси сар мешуданд. Зоғҳо чун пештара "Умед"-ро сарфи назар мекарданд. Донаи дом – моҳии хушк – аллакай аз моҳии хушк буданаш чизе намонда буд. Зоғҳо фирефтаи он нагаштанд, вале бактерияҳо, аз афташ, он қадар серталаб нестанд. Субҳи як рӯз ӯ бо нӯги чӯб донаи домро санҷид. Аз моҳӣ танҳо пӯст монда буду халос, худи моҳӣ бошад, ба хамираи сиёҳи часпак мубаддал гашта буд. Дони домро иваз карда, вай қарор дод бори дигар то чӣ андоза кор кардани домро бисанҷад. Вай регро канда гирифта, сарпӯшро кушода, аз ҳайрат шах шуда монд. Дар охири зарф об ҷамъ шуда буд. Он ҳамагӣ даҳ сантиметрро ташкил медод, вале об тамоман шаффоф буд ва назар ба он оби занголуде, ки ҳар рӯз барояшон меоварданд, хеле тозатар буд. Магар рӯзҳои охир борон борида буд?.. Не, на камтар аз ду ҳафта мешавад, ки борон наборидааст... Ин тавр бошад, ин обест, ки аз боронҳои пеш борида, боқӣ мондааст?.. Ӯ мехост ҳамин хел бошад, вале чакидани оби зарф фикрашро ба дигар тараф равона кард. Ҳақиқатан

ҳам, вақте вай онро бардошт, аз таги зарф об рехт. Бо сабаби он ки дар чунин чуқурӣ мавҷуд будани чашмаи регӣ имкон надорад, фикреро ба миён меорад, ки оби аз зарф рехташуда, ҳама вақт аз куҷое пур мешудааст. Ба ҳар сурат, аз лиҳози назариявӣ чунин ба назар мерасад. Вале дар ин регҳои хушкшуда, он аз куҷо пур шуда метавонад?

Мард бо душворӣ ҳаяҷони ҳамоно баландшавандаи худро нигоҳ медошт. Дар ин сурат барои худ метавон танҳо як ҷавобро тасаввур кард. Хосияти капиллярнокии рег. Қисмати болои рег аз сабаби доштани гармиғунҷоии хоси баланд одатан хушк мешавад, вале агар каме чуқуртар равем, он ҷо рег ҳамеша намнок аст. Ин кор, бешубҳа, барои он рӯй медиҳад, ки буғшавӣ аз қисмати болоии он ба мисли асбоби обкашӣ, ки намиро аз қабатҳои поёнӣ кашида мебарорад, амал мекунад. Ҳамаи инро пеши назар оварда, бо осонӣ ҳам тумани ғафсро, ки аз реги хома баланд мешавад, ҳам намнокии ғайримуқаррариеро, ки деворҳои чӯбин ва сутунҳои хонаро фаро гирифтааст ва ҳам сабаби пӯсидани ҳамаи ин чизҳоро метавон шарҳ дод. Дар ниҳояти кор хушкии рег маънии кам будани обро надошта, балки аниқтараш он аст, ки ҷаббидани рег аз тариқи капиллярҳо (найчаи сӯрохаш бисёр хурд) ҳеҷ вақт ба суръати буғшавӣ баробар намешавад. Ба ибораи дигар, изофашавии об беист идома меёбад. Фақат ин гардиш бо суръате ба амал меояд, ки дар хоки маъмулӣ амалинашаванда аст. Ва, шояд "Умед"-и вай дар куҷое гардиши обро вайрон кардааст. Эҳтимол, мавқеи ҷойи барои зарф кандашуда, бари шикофӣ байни он ва сарпӯш – ҳамаи ин нагузоштанд, ки оби аз поён боло баромада, бӯғ шавад ва барои ҳамин он захира шудааст. Ҳамаи ин ҷобаҷогузориҳо чӣ гуна аст ва ҳамаи инҳо чӣ гуна байни

худ алоқаманданд, инро ҳоло вай аниқ шарҳ дода наметавонист, вале баъди омӯзиши амиқ, бешубҳа метавонад, озмоиши пешинаи худро такрор намояд. Инро ҳам набояд сарфи назар кард, ки ӯ метавонист дастгоҳи самараноктари захира кардани обро сохта истифода барад.

Агар таҷрибаҳо бомуваффақият шаванду овардани обро қатъ намояд, вай маҷбур намешавад, ки дигар таслим шавад. Вале муҳимтар аз ин дигар чиз аст: маълум мешавад, ки тамоми ин регзор – дастгоҳи обкашии бузург аст. Ба назараш чунин намуд, ки вай дар болои асбоби обкашӣ нишаста аст. Барои он ки зарбаҳои девонавори дилашро ором намояд, маҷбур шуд ҷое нишинаду нафасашро рост намояд. Алҳол дар ин бора ба касе чизе гуфтан мумкин нест. Дар ҳолати зарурӣ – ин аслиҳаи қавӣ аст.

Вай натавонист хандаи фараҳбахшро нигоҳ дорад. Ҳол он ки вай бояд дар бораи "Умед"-и худ хомӯширо авлотар медонист, вале ҳисси ифтихоре, ки қалбашро фаро гирифта буд, пинҳон карда натавонист. Ногаҳон мард бо овози борик фарёд кашида, занро, ки ҷойгаҳро дуруст мекард, ба оғӯш кашид. Вале зан тоб хӯрда, халос шуд, ӯ бошад, ба пушт афтида, пойҳояшро ларзонда ба ханда даромад, гӯё шикамашро пуфаки коғазии бо газ пур кардашуда,  китик мекарда бошад. Ба назараш чунин менамуд, дастеро, ки дар болои дасташ нигоҳ медошт, озод дар ҳаво шино мекунад.

Зан ҳам механдид, вале ким-чӣ хел сохтакорона, то ки кайфияти вай хароб нашавад. Мард шабакаи тозаи дарёчаҳои зеризаминиро бо риштаҳои борики нуқрагӣ, ки аз байни регчаҳо боло мебарояд, тасаввур мекард. Зан дар бораи дигар чиз фикр мекард – дар бораи алоқаи ҷинсӣ, ки баъди ин бояд анҷом дода шавад. Хайр майлаш, танҳо

зарардидаи ғарқшавии киштӣ ва бо мӯъҷизае наҷотёфта, метавонад рӯҳияи одамеро фаҳмад, ки мехоҳад ханда кунад, танҳо ба хотири он, ки нафас мекашад.

Чун пештара дар қаъри ҷуқурӣ карор дошт, вале чунин ҳиссиёте ӯро фаро гирифта буд, ки гӯё ба манораи баланде баромада бошад. Шояд тамоми ҷаҳон чаппагардон шудааст ва акнун баландӣ ва пастӣ ҷойҳои худро иваз кардаанд. Дар ҳама ҳолат, вай дар таркиби рег об пайдо кард. Яъне, ин маънои онро дорад, ки сокинони деҳа бо осонӣ вайро таслим карда наметавонанд. Бигузор акнун овардани обро қатъ кунанд, бе онҳо ҳам ҳар қадар хоҳад вай зиндагӣ карда метавонад. Ва баробари фикр кардан дар бораи он ки онҳо давида меоянд, боз аз нав ба хандидан медарояд. Ба назараш чунин менамояд, ки вай аллакай аз ҷуқурӣ баромадааст. Вай гирду атрофро аз назар гузаронид ва тамоми ҷуқурӣ пеши назараш пайдо шуд. Дар бораи кошинкорӣ фикру андешаи худро баён кардан мушкил аст, агар онро аз дуртар назора накунӣ. Вақте  ба он наздик мешавед, дар ҷузъиёти он иштибоҳ мекунӣ. Аз як ҷузъиёташ гузашта дар ҷузъиёти дигараш дармемонию пешпо мехӯрӣ. Аниқтараш то ин вақт вай регро не, балки танҳо регчаҳои алоҳидаро дида будааст.

Айнан ҳаминро метавонад дар бораи зани дигар ва ҳамкорони худаш бигӯяд. То ин вақт вай танҳо ҷузъиёти алоҳидаи кучакро, ки ғайриоддӣ дар таассуроти ӯ пароканда ҷой гирифтаанд. ба ёд меовард: сурохии бинии гуштдор... Лабҳои чиндор... лабҳои ҳамвори борик... ангуштҳои нотавон...  ангуштҳои нозук... ситораҳо дар чашмон... озахи дароз дар чанбари гардан... рагчаҳои равон дар болои гардан... Дар рӯ ба рӯ нигоҳ кардан дилбеҳузуркунанда аст. Вале дар масофаи дуртар ҳамаи ин

бисёр хурд, на калонтар аз ҳашароти майдаяк ба чашм мерасад. Ана дар он ҷо, дуртар ҳамкорон дар хонаи муаллимон чой нӯшида, баҳс доранд. Вале дар он ҷо, дар гӯшаи хилват – он зан дар рӯи ҷойгаҳи нам хобида, наҷунбида чашмонашро нимпӯш кардааст, ҳол он ки хокистар аз сигори вай ҳамин лаҳза меафтад. Бе ягон ҳасад ӯ дар бораи ҳамин ҳашаротҳои хурдакак фикр мекард, гӯё онҳо қолиби дарунашон холӣ барои кулчақанд буданд. Ва набояд ба ин андоза санбӯсапази муттаасиб буд, ки бо исрор кулчақандҳоеро бипазӣ, ки касе хоҳиш накардааст, танҳо ба он хотир, ки қолибҳоро истифода барӣ. Агар барояш имконият пайдо шавад, ки бо вай алоқаро барқарор намояд, ӯро зарур меояд, ҳама корро аз оғоз шуруъ кунад. Дигаргуниҳои дар рег ба амаломада, дар айни замон дигаргуниҳо дар худи ӯ низ буданд. Дар таркиби рег якҷоя бо об вай гӯё одами навро пайдо кард.

Ҳамин тариқ, ба дарси ҳаррӯзаи вай кор болои сохтани дастгоҳи захира кардани об илова шуд. Дар натиҷа рақамҳо ва диаграммаҳо ҷамъ шуданд: ҷойе, ки дар зарф бояд гур карда шавад... шакли зарф... алоқа байни вақте, ки кай офтоб нурпошӣ мекунад ва суръати ғуншавии об... таъсири дараҷа ва фишори ҳаво ба самаранокии кори дастгоҳ. Зан ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки чаро ба ин ҷидду ҷаҳд болои дом барои зоғҳо кор мекунад. Вай худро бовар мекунонид, ки ҳеҷ мард бе ягон бозича қаноат карда наметавонад ва агар вай дар он қаноатмандӣ дарёбад, олӣ аст. Илова бар ин, аз чӣ бошад, ки ӯ ба кори хонагии вай шавқи зиёд пайдо кардааст. Дар ҳамаи ин ягон кори баде дида намешавад. Бинобар ин, бигузор худро андармон кунад. Вале мард дар робита ба ин масъала фикру далелҳои худро дошт. Тадқиқоти вай ногаҳон ба монеаҳои

ҷиддӣ бархӯрданд, зарурияти муқоисакунӣ ва алоқамандии як қатор шароитҳо ба миён омад. Ва бо вуҷуди он ки шумораи маводи ҷамъоварда зиёд мешуд, вай қонунмандиеро пайдо карда наметавонист, ки имкон диҳад то ки ҳамаи инро дар низоми мутаносиб муттаҳид намояд. Ба замми ин, агар ӯ мехост натиҷаи дуруст ба даст орад, бояд радио дошта бошад, то ки омор ва пешгӯии обу ҳаворо гӯш кунад. Ҳамин тариқ, радио барои ҳардуи онҳо ба мақсади ягона мубаддал гашт.

Дар аввали моҳи ноябр дар зарф дар як рӯз чор литр об ҷамъ мешуд, вале баъд бо гузашти ҳар рӯз ғуншавии об кам шудан гирифт. Шояд ин аз таъсири  дараҷаи ҳаво бошад? Вале барои ба таври мукаммал гузаронидани таҷрибаю озмоишҳо бояд, аз афташ, баҳорро интизор шудан зурур аст. Зимистони дарозмуддати қаҳратун фаро расид ва якҷоя бо рег дар ҳаво яхпорачаҳо парвоз мекарданд. Барои харидани радиои хубтар, ӯ қарор дод каме ба зан кумак намояд. Ҷуқурӣ ҳам бартарияти худро дошт – ба дохили он шамол ворид намешуд. Вале аз тарафи дигар офтоб ҳам сар намедаровард. Ҳатто дар он рӯзҳое, ки рег ях мекард, дар ҳаво на камтар рӯзҳои маъмулӣ чарх мезад ва зарур буд, ки бе хастагӣ он аз хона дур карда шавад. Пусти дастҳо мекафиду хунолуд мегашт.

Ниҳоят зимистон тамом шуд. Баҳор омад. Дар аввали моҳи март радио харида шуд Дар рӯйи бом антеннаи баланд насб карданд. Зан бо хурсандӣ ва бо ҳайрат ним рӯз дастаи онро тоб медод. Дар охири моҳ вай ҳис кард, ки ҳомиладор аст. Боз ду моҳи дигар паси сар шуд. Мурғҳои бузурги сафед се рӯз аз ғарб ба шарқ парвоз карданд. Ва боз баъди як рӯз аз дарди тоқатнопазир шикоят кард. Зан дидааст, ки ҳама ҷояш пури хун аст. Ким-кадом одам аз

деҳа – ки яке аз хешу табораш духтури ҳайвон будааст, ташхис карда гуфтааст, ки бачапартоӣ мешавад. Қарор доданд бо мошини боркашонӣ ба шаҳр ба шифохона баранд. Ҳангоми интизор шудани мошин, мард дар паҳлӯяш нишаст ва иҷозат дод, ки дасташро дорад ва бо дасти дигараш шиками занро молиш дод.

Ана мошин ба назди ҷарӣ омада истод. Аввалин маротиба дар ним соли охир нардбон фароварда шуд. Занро, ки ба мисли пилла бо курпа печонида буданд, бо банд ба боло бардоштанд. То дақиқаҳои охир зан бо илтиҷо ва бо чашмони пур аз ашк ба ӯ нигоҳ мекард. Гӯё мушоҳида накарда бошад, мард рӯй гардонид.

Баъди он ки занро бурданд, нардбони арғамчинӣ ҳамоно овезон истода буд. Мард беҷуръатона ба назди нардбон омада, бо нӯги ангушташ ба он даст расонид. Баъди боварӣ ҳосил кардан, ки он нопадид намешавад, вай оҳиста – оҳиста боло баромадан гирифт. Осмон ким-чӣ хел ранги зарди ифлосро дошт. Дасту пойҳояш вазнин буданд, гӯё вай аз даруни об баромада бошад... Ана он нардбони деринтизор...

Шамол гӯё нафасро аз даҳон кашида мегирифт. Гирду атрофи чуқуриро давр зада, болотар баромад, аз он ҷо бахр намоён буд. Ӯ нафаси ҷуқур кашид, вале ҳаво дурушт, тамоман на он гунае, ки тасаввур карда буд. Ба қафо баргашту дар охири деҳа абри чангро дид. Шояд ин чанги мошини боркаше аст, ки ба он занро бор карда буданд... Бале, беҳуда то вақти рафтанаш ба зан ҳама чизро дар бораи дом нақл накард.

Дар таги ҷуқурӣ ҷунбише ба назар расид. Ин сояи худаш буд. Каме болотар аз соя – дастгоҳ барои захира кардани об истода буд. Як нишонгиракаш яктарафа

шудааст. Эҳтимол вақти бурдани зан зер кардаанд. Вай бо шитоб баргашт, то ки онро дуруст кунад. Об, тавре вай интизорӣ дошт, то нишонаи чорум баланд шудааст. Ҷойи шикаста он қадар ҷиддӣ набуд. Дар хона бо садои тумтароқ радио мехонд. Бо душворӣ ашки чашмонашро нигоҳ дошта, дастонашро ба зарф фаровард. Об бо хунукиаш дастро сӯзонд. Вале вай дар ҳамон ҳолат, сари ду по нишаста истод, ҳатто наҷунбид.

Дигар зарурияти саросемавор фирор кардан боқӣ намонда буд. Акнун дар дастони вай чипта ба ҳарду тараф – варақаи намунаи тоза буд ва ӯ худаш метавонад бо хоҳиши худ вақти рафтан ва ҷойи рафтанро хонапурӣ кунад. Илова бар ин, вай бо майли том мехоҳад дар бораи дастгоҳи захираи об нақл кунад. Ва сокинони деҳаро вай ёфта наметавонад. Агар имрӯз набошад, пас фардо ҳатман ба касе ҳамаашро хоҳад гуфт. Оид ба фирор кардан бошад, барои дар ин маврид фикр кардан вақт пайдо хоҳад шуд.

### *Эълон дар робита ба изҳорот оид ба ғайбзанӣ*

*Номи ғайбзада –* ***Ники Дзюмпэй***
*Сол, моҳ ва рӯзи таваллуд – 7 марти с. 1924,*

*Бинобар сабаби он ки аз ҷониби Ники Сино ариза оид ба ғайб задани Ники Дзюмпэй пешниҳод карда шудааст, ба охирин пешкаш карда мешавад, ки то 21 сентябри соли 1962 додгоҳро дар бораи ҷойи қарордоштааш огоҳ намояд. Дар ҳолате, ки агар чунин хабар ворид нашавад, вай фавтида ҳисобида мешавад. Ба диққати ҳама расонида мешавад, ки агар ба касе чизе дар бораи ғайбзада маълум бошад, хоҳиш карда мешавад, ба додгоҳ хабар диҳад.*

*18 феврали с. 1962, додгоҳи гражданӣ.*

***Қ а р о р***

*Даъвогар –* ***Ники Сино***

*Шахси беному нишон ғайбзада – Ники Дзюмпэй,*

*7 марти соли 1924 таваллуд шудааст.*

*Бо ин санад тасдиқ карда мешавад, ки баъди иҷрои тартиби эълони расмӣ оид ба изҳорот дар мавриди нопадид шудани шахси номбурда дар бораи шахси нишондодашуда аз 18 августи соли 1955, яъне дар муддати зиёда аз ҳафт сол ягон маълумот ворид нашудааст. Дар робита ба маълумоти овардашуда қарори зерин бароварда мешавад: дар нисбати ғайбзада қарори зерин бароварда мешавад: Ники Дзюмпэяи нопадидгашта фавтида ҳисобида шавад.*

*5 октябри с. 1962, додгоҳи гражданӣ, имзои судя.*

## М У Н Д А Р И Ҷ А

**Абдуғаффор Қурбонов.**
**«Адибе, ки шӯҳрати устоди таҳқиқоти психологии идрокро исбот намудааст»**........................ 3

**Романи «Хонуме дар регзор»** ............................................ 6



*Кобо Абэ*

# ХОНУМЕ ДАР РЕГЗОР


Тарҷума аз забони русӣ – **Абдуғаффор Қурбонов**
Муҳаррир: **Саидаҳмади Қурбони Хиёбонӣ**
Мусаҳҳеҳ: **Ардашери Мирзозода**
Чопи компютерӣ: **Ардамеҳри Абдуғаффор**
Муҳаррири техникӣ: **Бунафша Ҷабборова**

Ба чоп 18.06.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Palatino Linotype.
Ҷузъи чопии шартӣ 13,75.
Теъдоди нашр 100 нусха. Супориши № 222.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com







## Қурбонов Абдуғаффор Мирзоевич

дар шаҳри Бохтар якуми январи соли 1961 чашм ба олам кушодааст. Миллаташ Тоҷик.

Таҳсилот-соли 1985 Факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Масква ба номи М.В.Ломоносов, ихтисос – рӯзноманигор, соли 2008 Факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ихтисос-молия ва қарз.

Дар курсҳои ихтисосии дарозмуддат ва семинарҳои амалию омӯзишии кӯтоҳмуҳлати донишгоҳҳо ва марказҳои таълимӣ, бонкҳои марказӣ ва ташкилотҳои молиявии Олмон, Федератсияи Русия, Ҳиндустон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Малайзия, Ҷумҳурии халқии Чин, Белорусия, Қазоқистов ва Қирғизистон ширкат варзида, донишу маҳорати касбии худро такмил додааст.

**Фаъолияти меҳнатӣ:**

Солҳои 1985-87, хабарнигори сарредаксияи иттилоот барои матбуоти иттифоқӣ ва хориҷӣ, шӯъбаи иттилооти кишоварзии Оҷонсии иттилоотии «ТоҷикТА»; солҳои 1987-89, хизмат дар қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ дар қаламрави Афғонистон; солҳои 1991-93 хабарнигори шӯъбаи сиёсии рӯзномаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои мардум»; солҳои 1993-94 сардори шӯъбаи ахбори иқтисодии Маркази иттилоотии Тоҷикистони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ховар; солҳои 1994-98 сармуҳаррири рӯзномаи «Посух» - нашрияи Вазорати фарҳанг ва иттилооти ҷумҳурӣ ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон; солҳои 1998-2000 сармуҳаррири идораи иттилооти хориҷӣ, муовини раиси Оҷонсии иттилоотии Тоҷикистони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ховар»; солҳои 2000-2008 муҳаррири Маркази матбуот ва маҷаллаи «Ахбори Бонки миллии Тоҷикистон»-и Бонки миллии Тоҷикистон; солҳои 2008-2016 сухангӯи Бонки миллии Тоҷикистон, роҳбари Хадамоти матбуоти БМТ, сардори Шуъбаи матбуот ва тарҷумаи БМТ;

Аз моҳи июли соли 2016 Сармуҳаррири маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ". Аз соли 1992 узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, соли 1998 -Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мукофот: Орден «Барои хизмат ба Ватан дар қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС дараҷаи 3», медалҳои «10-солагии инқилоби Савр», «Ҷанговари интернатсионалист», «70-солагии Қувваҳои мусаллаҳи ИҶСШ», «Аз халқи сипосгузори афғон», Ифтихорномаи Президиуми Совети Олии СССР ба ҷанговари интернатсионалист, Ифтихорнома ва нишонаи КМ Созмони ҷавонони ИҶШС ва Ифтихорномаи Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистон.

ISBN 978-99975-78-11-2
9 789997 578112

R-Graph